ISSN 2710-4672

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ
## БАХШИ ИЛМҲОИ ФАЛСАФА, ҲУҚУҚ ВА СИЁСАТШИНОСӢ

*Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

# ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА
## СЕРИЯ ФИЛОСОФИЯ, ПРАВО И ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

*Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY
## SERIES OF PHILOSOPHY, LAW AND POLITICAL SCIENCES

**Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni**

**№ 1 (13)**

**Душанбе – 2024**

**ISSN 2710-4672**

***Маҷалла соли 2021 таъсис ёфтааст***

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2023 таҳти № 293/МҶ-97 аз нав ба қайд гирифта шудааст.*

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибосоварии илмии Русия» (ШИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст.* http: //elibrary.ru

***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121*

***Тел.:*** *(+992 37) 224-20-12*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Почтаи электронӣ:*** vestnik.tgpu@gmail.com

***Сомонаи маҷалла:*** http: // filosofiya.tgpu.tj

**Сармуҳаррир:** ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Муовини сармуҳаррир:** ***Сангинзод Дониёр Шомаҳмад*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Котиби масъул:** ***Холов С.С.***

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***Самиев Бобо Ҷураевич*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики академияи илмҳои табиатшиносии Россия*
***Назариев Рамазон Зибуҷинович*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Султонзода Соқӣ Аслон*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Меликов Умрилло Асадуллоеивч*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Раҷабов Саидумар Одинаевич*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Қозиён Шариф Қозӣ*** *- номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор*
***Муҳаммад Абдураҳмон Навруз*** *- доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
***Ҳакимов Раҷаб Муродович*** *- номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*
***Бедилзода Ҳусейн Кабут*** *- номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024***

**ISSN 2710-4672**

***Журнал основан в 2021 году***

*Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 1 мая 2023 года за № 293/ЖР-97*

*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки.* http: //elibrary.ru

***Тел.:*** *(+992 37) 224-20-12*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Электронная почта:*** vestnik. tgpu@gmail. com

***Сайт журнала***: http: // filosofiya.tgpu.tj

**Главный редактор**: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** - *доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

**Зам. главного редактора**: ***Сангинзод Дониёр Шомахмад*** - *доктор юридических наук, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

**Ответственный редактор**: ***Холов С.С.***

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

***Самиев Бобо Джураевич*** - *доктор философских наук, профессор, академик РАЕН*
***Назариев Рамазон Зибуджинович*** - *доктор философских наук, профессор*
***Султонзода Соки Аслон*** – *доктор философских наук, профессор*
***Хайдаров Рустам Джурабоевич*** – *доктор философских наук, профессор*
***Меликов Умрилло Асадуллоевч*** - *доктор юридических наук, профессор*
***Раджабов Саидумар Одинаевич*** – *доктор юридических наук, профессор*
***Козиён Шариф Кози*** - *кандидат юридических наук, доктор политических наук, профессор*
***Мухаммад Абдурахмон Навруз*** – *доктор политических наук, профессор, член-корр. НАНТ*
***Хакимов Раджаб Муродович*** - *кандидат политических наук, доцент*
***Бедилзода Хусейн Кабут*** – *кандидат политических наук, доцент*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2024***

**ISSN 2710-4672**

***The journal was founded in 2021***

*The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan on May 1, 2023 for No. 293/ZhR-97*

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

***Phone****: (+992 37) 224-20-12*

***Fax:*** *(+992 37) 224-13-83*

***E-mail:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Journal website:*** *http: // filosofiya.tgpu.tj*

**Editor-in-chief:** ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** - *Doctor of Historical Sciences, Professor, Rector of the TSPU named after S. Ayni*

**Deputy Editor-in-chief:** ***Sanginzod Doniyor Shomahmad*** - *Doctor of Low Sciences, Professor, Vice-rector on Scientific Affairs of TSPU named after S. Ayni*

**Executive Editor:** ***Kholov S.S.***

**THE EDITORIAL BOARD:**

***Samiev Bobo Juraevich*** - *Doctor of Philosophy, Professor, Academician of the Russian Academy of Natural Sciences*
***Nazariev Ramazon Zibujinovich*** - *Doctor of Philosophy, Professor*
***Sultonzoda Soqi Aslon*** - *Doctor of Philosophy, Professor*
***Haydarov Rustam Juraboevich*** - *Doctor of Philosophy, Professor*
***Melikov Umrillo Asadulloevch*** - *Doctor of Law, Professor*
***Rajabov Saidumar Odinaevich*** - *Doctor of Law, Professor*
***Koziyon Sharif Kozi*** - *Candidate of Legal Sciences, Doctor of Political Sciences, Professor*
***Muhammad Abdurahmon Navruz*** - *Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member. NAST*
***Hakimov Rajab Murodovich*** - *Candidate of Political Sciences, Associate Professor*
***Bedilzoda Huseyn Kabut*** - *Candidate of Political Sciences, Associate Professor*

***© TSPU named after S. Ayni, 2024***

## ФАЛСАФА/ ФИЛОСОФИЯ

***Самиев Б.Ҷ.***
Масъалаи инсон ва мартабаи ӯ дар таълимоти иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш .................. 6
***Султонзода С. А.***
Афкори фалсафӣ-табиатшиносии Берунӣ дар баҳои Луи Гарде .................. 11
***Мурозода И.Д.***
Идоракунӣ ва менеҷмент: умумият ва фарқият .................. 18
***Одиназода С.О., Баротов Ҷ.Ш.***
Ташаккул ёфтани ахлоқи иттилоотӣ: заминаҳои таърихӣ-иҷтимоӣ ва назариявии он .................. 27
***Шералиев Б. Р.***
Фаҳми пайдоиш ва офариниш аз назари Афлотун ва Форобӣ .................. 36
***Раҳмонов С. Д.***
Нуфузи афкори фалсафии Аҳмади Дониш ба ҷавонбухориён .................. 45

## ҲУҚУҚ/ ПРАВО

***Сангинзод Д.Ш., Қозиён Ш. Қ.***
Тақвияти нақши ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаъолияти зиддикоррупсионӣ .................. 54
***Сангинзод Д.Ш., Аблаева М.Х***
Правовой статус субъектов договора возмезного оказание социальных услуг .................. 65
***Маҳмудов И.Т.***
Баъзе масъалаҳои иштироки прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ .................. 74

## СИЁСАТШИНОСӢ / ПОЛИТОЛОГИЯ

***Ахиева С. У.***
Достижения внешней политики и дипломатии Таджикистана .................. 81
***Шерматов Б. Г.***
Нақши давлат дар раванди демократикунонии ҳаёти ҷомеа .................. 88
***Саидумаров С.С., Умаров А.Қ.***
Фарҷоми глобализатсия ва оғози деглобализатсия: манфиат ва таҳдидҳои он .................. 92
***Идибеков А. А.***
Нақши Пешвои миллат дар эҳёи давлатдории тоҷикон .................. 100
***Халилова З. Қ.***
Муаммои ифротгароии динӣ дар ҷомеаи муосир ва роҳҳои пешгирии он .................. 105
***Абиров М.С.***
Самтҳои асосии татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи энергетика .................. 111

ТДУ 164.11; 165.7

# МАСЪАЛАИ ИНСОН ВА МАРТАБАИ Ӯ ДАР ТАЪЛИМОТИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФИИ АҲМАДИ ДОНИШ

***Самиев Б.Ҷ.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Дар бораи муҳити хонаводагӣ ва таваллуди ин нобиғаи давр донишманди тоҷик Р.Ҳодизода барҳақ нигошта, ки "дар як гӯшаи Бухоро, дар гузари Кӯчаи Сангин, дар оилаи марди на чандон доро, аммо каси бомаърифати он давр Мулло Носир ибни Мулло Юсуф писаре таваллуд шуд, ки ӯро Аҳмад ном карданд. Дар ин шаҳри пуршӯр ва номдор ба дунё омадани ин кӯдак ҳеҷ асаре надошт: чӣ тавре ки дар таваллуди шоҳзодаҳо воқеъ мешавад, касе аз манора ё аз болои арк табли шодиву хурсандӣ назад; ё ба он тарзе ки соҳибони сарвату давлат аз вуҷуди меросхӯр ва бонии молу мулкашон фахр карда, ба шаҳр ғулғулаву овоза меандозанд, аз ҳавлии Мулло Носир ба шодиёнаи таваллуди фарзанд садои чангу рубоб ва карнаю сурнай баланд нашуд. Ҳамагӣ ба хомӯшиву оромӣ гузашт. Аммо дар зери пардаи ин оромиву хомӯшӣ як ҷаҳон нишоту шодмонии бечораҳолонаи падару модар табассум мекард. Вуҷуди ин кӯдак дар сокитии чандинсолаи кулбаи онҳо чароғи саодату хушнудӣ афрӯхт.[10, с.3]

Ҳарчанд, аз таваллуди Аҳмади Дониш овози табли шодӣ шунида намешавад, вале дар сокитии чандинсолаи кулбаи волидайн ба дунё омадани ӯ чароғи саодату хушнудиро афрӯхт ва баъдан ба мунаққиди ошкорбин ва олими бонуфузи Бухоро табдил ёфт.[1]

Яъне, маорифпарвар дар тӯли умри бобаракати худ рӯирост низоми идоракунии амирони манғитияро мавриди танқиди шадид қарор дода, дар баробари ин, ба тавсияву пешниҳодҳои муҳимислоҳи тамоми сохторҳои сиёсии ҷомеаро пеш мегузорад. Шарқшиноси шинохта Э.Бертелс баъди огоҳӣ пайдо кардан аз мазмуни осори маорифпарвар ва тавсияву пешниҳодҳои хусусияти прогерессивӣ доштаи ӯ қайд мекунад, ки "Аҳмади Дониш асосгузори ҷунбиши ҷадидия дар Осиёи Миёна мебошад" [7, с.9-28].

Андешаҳои иҷтимоӣ-инсонгароӣ ва ислоҳотии ӯ дар асарҳои пурарзишаш "Наводир-ул-вақоеъ", "Рисола дар назми тамаддун ва таъовун", "Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития", "Манозир-ул-кавокиб", "Меъёр-ут-тадаюн" инъикоси худро ёфтаанд. [4; 5: 6]

Бояд гуфт, ки масъалаи инсон, шинохти моҳият ва мақоми ӯ дар ҷомеа дар доираи ҳикмати амалии Аҳмади Дониш, ки ҷузъҳои онро ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун ташкил медоданд мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар доираи илми ахлоқ маорифпарвар масоили марбут ба пиндор, гуфтор, кирдор, аъмолу афъоли инсон, ки муайянкунандаи сифатҳои ҳамида мебошанд, баррасӣ мекунад. Бавижа барои шинохти моҳияти инсон ва муайян кардани аъмолу афъоли одамон дар ҷомеа категорияҳои ахлоқиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: якум, категорияҳое, ки сифатҳои ҳамида, ахлоқи накӯ ва амалҳои писандидаи инсонро инсъикос медоранд: некӣ, адолат, фазилат, саховат, беозорӣ, таҳаммулгароӣ, қаноат, покӣ, вафодорӣ, парҳезкорӣ, иффат, ҳаё, дӯстӣ, ҷавонмардӣ, сирнигоҳдорӣ, шукргузорӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулият ва ғайра ва дуюм, категорияҳое, ки рафтори ношоиста, амалҳои номатлум, яъне сифатҳои разилона ё носазоӣ инсонро таҷассум медоранд шурби барзиёди хамр, дӯздӣ, такаббур, тамаллуқ, суханчинӣ, фиребгарӣ ё ваъдахилофӣ, макр, кина, ғазаб, ҳирсу шаҳват, худхоҳӣ, худписандӣ ва ғайра.

Дар заминаи илми тадбири манзил доир ба зарурати пайдоиши оила дар ҷомеа, мушаххас нишон додани вазифа ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, муайян кардани ҳаққу ҳуққуқҳои фарзанд нисбат ба волидайн, нақши модарзан ва модаршӯ дар тағйирёбии муносибатҳои оилавии фарзандон ва ғайра маълумот дода, андешаҳо,

тавсияву пешниҳодҳои судмандро баён медорад. Тавсияву пешниҳодҳои маорифпарвар оид ба ин масоил дар китоби «Наводир-ул-вақоеъ», аз ҷумла дар бобҳои «Дар таҳқиқи ҳуқуқи абавайн ва ҳадди уқуқи онҳо», «Дар таҳқиқи ишқу муҳаббати ҳақиқӣ ва маҷозӣ ва одоби ишқбозӣ», «Дар одоби никоҳ ва баёни хусумати модаршӯ» ва «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбҳо ва пешаҳо» баён карда шудаанд.

Дар доираи сиёсати мудун бошад, маорифпарвар ба мавзуи сифатҳои роҳбарикунии инсон бар нафси худ, гурӯҳи иҷтимоӣ ва дар маҷмуъ ҷомеа, этикаи коргузорӣ, ҷо ба ҷо гузории кадрҳо ба вазифаҳои гуногуни идорӣ, ҳаллу фасли оқилонаи арзу доди раият ва ғайра мароқ зоҳир мекунад. Хусусан, сифатҳои инсонро дар мисоли подшоҳ, ки сарвари сиёсӣ ба ҳисоб меравад мушаххас нишон дода, фикри худро чунин ҷамъбаст менамояд, ки раият асоси ҷамъияту салтанатанд ва ҳиммати шоистаи подшоҳ он аст, ки дар низоми давлатдорӣ адлу инсофро риоя намояд ва бо раият муносибати неку писандида дошта бошад.

Маорифпарвар вобаста сатҳи маърифатнокӣ, кордонӣ, таҷрибанокӣ, қобилияти ободкорию созандагии аҳолӣ ҷамъиятро ба маданӣ ва ғайримаданӣ тақсим мекунад. Ба фаҳмиши ӯ ҷомеаи маданӣ гуфта, он ҷомеаеро мегӯянд, ки низоми идоракунии он бояд бо адл ороста гардад, ба вазифаҳои идораҳои давлатӣ кадрҳои арзанда вобаста ба сатҳи маърифатнокӣ, дараҷаи касбият ва таҷриба ҷо ба ҷо гузошта шаванд, баробарии иҷтимоӣ риоя гардад, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ҳимоя карда шавад, ба рушди соҳоаҳои афзалиятнок: маориф, тандурустӣ, илм, иқтисоду фарҳанг ва ғайра таваҷҷуҳи зарурӣ дода шавад. Маорифпарвар ба ҷомеаи ғайримаданӣ қабилаҳои саҳроии туркҳонро дохил мекунад. Чунки онҳо аз фарҳанги ҷомеадорӣ, аз санъати ҳифзу истифодаи об ва шуғли кишоварзӣ фарсаххо дур буда, дар он ҷое, ки сабзаву алаф ва об пайдо мешуд, зиндагии кӯчманчигиро ихтиёр мекарданд. Аз ин рӯ, аз сабаби ноуҳдабарой ва бетаҷрибагӣ ҷамъияти онҳо зуд-зуд хароб мегардид ва бо теъдоди кам дар ҷои дигар зиндагӣ ихтиёр мекарданд.

Умуман, инсон мавзуи меҳварии фалсафаи Аҳмади Дониш ба ҳисоб меравад. Чӣ тавре донишманди тоҷик А.Девонақулов дар пешгуфтори асари “Наводир-ул-вақоеъ”-и маорифпарвар барҳақ баҳо медиҳад “Аҳмади Дониш дар ин асар гарчи килки тасвирро ба тадқиқи асрори арзу самовот ва кашфи тағйироти мунтазами табиату ҷамъият ва ахлоқи он равона карда бошад ҳам, вале ҳамеша мавзуи асосии инъикосу баҳси ӯро ҳастии одамизод ҳамчун ҷузъи таркибии табиат, қисмати дерину оянда ва инчунин ҳолати рӯҳию маънавии он ташкил додаанд... Вай бо ҷиддияти том кӯшиш сарф менамояд, то мавқеи табиӣ ва ҷамъиятии ҳар як фардро муайян карда, ҳисси худшиносию эҳтиром ба гузаштагонро бедор намояд ва дараҷаву мартаба, қадру манзалати одамиро баланд бардорад. Ҳар як шахсро барои ҳифзи табиату бардавомии башарият масъул дониста, таъкид кунад, ки зодаи одам ба корбурди маърифату дастурамалии ақлу заковат бахту саодати инсонӣ офарида, баҳри аз таҳқиру нокомиҳо раҳонидани ҳамдигар дастубадаст бошанд. ...таҷрибаю кирдор ва хулқи ҳамидаю хасисаи инсониятро маҳз дар ҳамин асар ҷамъбаст мекунад”. [8, с. 3-4]

Воқеан, баҳои донишманди тоҷик асоси илмӣ дорад. Ҳарчанд, Аҳмади Дониш назарияи офариниширо эътироф мекунад, вале муътақид бар он аст, “Инсон хулосаи аркон ва маволид аст”. [5, с.111] Ин андеша аз он далолат мекунад, ки пайдоиши инсон аз чор унсур: об, оташ, ҳаво ва хок, инчунин маволиди сегона: маъданиёт, наботот ва ҳайвонот маншаъ мегирад.

Дар ҳаёти рӯзмарра маорифпарвар заминаҳои ташаккул ва таҳаввули хулқу хӯй ва феълу атвори инсонро аз ду падидаи ба ҳам муқобил “нуру зулмат" ҷустуҷӯ карда, якҷояшавии ин сифатҳоро далели ҳастии “инсони комил” шуморида, менаисад, ки “инсони комил” зоҳиркунандаи ҳақиқати “нуру зулмат” аст. Масалан, бо таъкиди Аҳмади Дониш “Пас, лозим омад вуҷуди шахсе, ки мураккаб бувад аз нуру зулмат. Ва он шахс инсони комил аст, ки зоҳиркунандаи ҳақоиқи нуру зулмат аст”. [5, с.111]

Дар мавриди табиати инсон маорифпарвар мавзуъро ба баҳс кашида, ба хулоса меояд, ки ҷисми одамӣ мураккаб, пайвастаи ақли шарифа ва нафси касифа мебошад. Ин нуктаро чунин менигорад: “Ду қувват, ки дар замири шумост аз омира ва зоҷира - яке раҳмонист, дигар нафсонӣ. Назди ҳар амри хайр ва шарр “кун” ва “макун” мегӯянд”. [5, с.16]

Ақли шарифа, ки маорифпарвар онро қувваи раҳмонӣ меномад инсонро дар зиндагӣ барои содир кардани амалҳои нек ҳидоят менамояд. Неруи дигар, нафси касифа бошад, одамиро барои иҷро кардани амалҳои зишту бад равона менамояд. Барои тасдиқи ин андешаи худ маорифпарвар чунин мисол меорад, ки агар дӯсте рафиқашро ба меҳмонӣ даъват кунад, нафси касифа мегӯяд: “Бирав, ки базм кунӣ ва дар садр нишинӣ ва руду самоъ шунавӣ ва тамошои шоҳиду маъшуқ кунӣ ва май хӯрӣ ва маст шавӣ ва ғамҳо аз худ рафъ кунӣ ва танаъум ва таваккул фармоӣ” ва ақли шарифа гӯяд: “Марав, ки фаҳш ва лаҳв бисёр гӯи ва хуфтану фаҷрро қазо кунӣ. Ва яҳтамил, {ки} бинобар таҷдиди макон туро дар он ҷо хоб наёяд, ё туро бистар ва лиҳоф нарасад, ки гӯш зери сар ниҳӣ ва бар замин хусбӣ”. [5, с.16]

Аз назари Аҳмади Дониш инсон ҷузъи ҷудоинопазири табиат, аст. Яъне, “Ашрафи махлуқот одамӣ аст ва дигарон дар ҳақиқат барои ӯянд ва аз ҷиҳати ӯ ва ба сабаби ӯ. Ва ӯ махдуми оламиён асту дигарон ходими ӯ”. [5, с.134] Аз ин андеша месазад ироа намуд, ки инсон аз дигар мавҷудоти зинда бо ақл, фаъолияти меҳнатӣ, эҷодкорӣ, созандагӣ, ободкорӣ фарқ мекунад. Инчунин, ашрафӣ, бузургии ӯ дар он падидор мешавад, ки ӯ на танҳо худро ба муҳит созгор менамояд, шароити мусоидро барои ҳаётгузаронӣ муҳайё менамояд, баръакс қудрате дорад, ки муҳитро барои зист, рушд ва таҳаввули дигар мавҷудоти зинда мутобиқ намояд.

Ба маънои дигар, “ашрафи махлуқот” ва “махдуми оламиён” номидани инсон он маънoро дорад, ки инсон ҳамеша дар умри худ ба омӯзиш, ҷустуҷӯ ва такмили дониш талош карда, ба дониши андӯхта ва таҷрибаи гирифта қаноат намекунад ва боз сайъ мекунад, ки асрори дигари ниҳони табиату ҷомеаро кушояд, маълумоти тозаро ба даст оварад.

Ҳамин тавр, мувофиқи андешаи Аҳмади Дониш инсоният бе ҷамъият ва бе иттифоқу ягонагӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ бар ободонии олам муяссар намегардад. Ҷамъият низ бе муттаҳидии аъзоёни он комил намешавад. Бинобар ин, ӯ таъкид мекунад, ки мавқеи фард онгоҳ дар ҷомеа устувор мегардад, ки агар он фарди ҷамъиятӣ бошад. Акси ҳол, агар инсон ба маърифати андӯхта, таҷрибаи пайдокарда қаноат карда, аз паси такмил ва муваффақ шудан ба комёбии наве нагардад, онгоҳ нопухтаву норасида мемонад. Ин нуктаро маорифпарвар бо чунин андешаи худ: “Ноқис аз қаноат ба саҳл дар нуқсон бимонад ва комил чун ба саҳл сар фурӯ наовард, ба камол расид”. [5, с.134] равшан менамояд.

Аз таҳлил ва муқоисаи андешаҳои Аҳмади Дониш дар мавриди шинохти моҳияти инсон ва пайдо кардани мақоми иҷтимоии ӯ бармеояд, ки вай ба монанди баъзе аз мутафаккирони гузашта, аз ҷумла Афлотун, ки фитрӣ будани ахлоқро қоил аст: “инсон, фазилатро на ба роҳи тарбия ва на ба он мақсад, ки фозил будан хуб аст, ба даст меорад, балки барои он фозил мешавад, ки аз ибтидо дар ниҳоди ҳар як фарди алоҳида мафҳумҳои фазилат, адолат садоқат ва амсоли он вуҷуд дорад” [9, с.22-23] фитри буданӣ ахлоқро пурра ҷонибдорӣ намекунад ва онро тағйирпазир меҳисобад. Дар мавриди ӯ мавқеъгирии андешаҳои Абӯнасри Форобӣ: “фазилатҳои ахлоқӣ зотӣ ва ҷавҳарӣ набуда, иктисобӣ ҳастанд” [3, с.121], яъне, онҳо дар раванди фаъолияти инсонӣ ба даст оварда мешаванд ва Абӯалӣ ибни Сино: “Чизи ҷавҳарӣ дар донистани ин масъала ин аст, ки инсон аз азал дорои қувваест, ки тавассути он феълу инфиъолоти зеборо ба вуҷуд меорад. Ва худи он қувва кирдорҳои нописанду ношоямро низ амалӣ мекунад. Ҳама ахлоқи писандида ва носазо аз рафтору кирдорҳо падид омада, иктисобианд ва инсон метавонад, дар ҳоле, ки хулқи муайян надошта бошад, онро дар нафси хеш ҳосил намояд. Ва ҳар гоҳ иттифоқ афтад, ки нафсаш дорои хулқи муайян гардид, раво бошад, ки бо воситаи иродааш аз он хулқ ба хулқи дигаре, ки зидди ин хулқ аст рӯ оварад” [2, с.651] ҷонибдорӣ менамояд. Дар ин замина қайд мекунад, ки имконитҳои фикрию ҷисмонии инсон хеле васеъ ва пуриқтидор мебошанд. Тавассути ақлу заковат ва дониши худ корҳои сангину мушкилро иҷро менамояд. Зеро, бо таъкиди маорифпарвар “агар ба виҷдони худ мулоҳиза фармоӣ, донӣ, ки чӣ миқдор ҳикмату маслиҳат дар буняи қолаби ту рехтаанд ва ҳазор талотуми баҳру тӯфон аз вуҷуди ту ангехта”. [5, с.114]

Ба маънии дигар, ин ҷанбагирии мавзуъро ба таври зайл хулосагирӣ мекунад: “Набинӣ, ки одамӣ ба тадбир мурғ аз ҳаво фуруд орад ва ба тазвир моҳӣ аз дарё барорад ва ба чанголи

қахру ҷалодат пӯстин аз китфи бабр барканд, синаи кон аз зарби тешааш сӯрох-сӯрох аст ва дили баҳр аз расоии шасташ шикофи фарох. Сафҳ биниҳад, то ба самавот дарояд ва манҷаниқ кунад то ба кураи кавокиб биравад". [5, с.282] Ё худ "Эй турфа ҷисми инсон хумест, ки каловаи андеша аз вай бо ҳазор ранг берун ояд: агар сурх хоҳӣ, сабз ба даст ояд ва агар сабз хоҳӣ, каловаи сиёҳ бадар ояд...". [5, с.283]

Ниҳоят, моҳияти фалсафаи инсонмеҳварии Аҳмади Дониш дар он аст, ки инсонҳо дар ин дунё "ба бозӣ ва барои бозӣ офарида нашудаанд". [5, с.24] Инсон бояд бунёдгор, эҷодкунанда ва созанда бошад. Моҳияти зиндагиро дуруст дарк кунад, умрро сарфи иҷрои корҳои хубу мондагор намояд, то аз худ нафъе боқӣ гузорад ва ба некӣ ёд шавад.

Ҳамин тавр, аз мазмуни осори Аҳмади Дониш бармеояд, ки бо вуҷуди он ки ӯ дар асарҳояш ба таҳқиқи асрори арзу самовот, кашфи тағйироти мунтазами қонунҳои табиату ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд, аммо ӯ мураббии инсон аст. Зеро ҷавҳари таълимоти маорифпарварро мафҳуми инсон, дарк ва шинохти моҳияти ӯ, муайян кардани мақом ва манзалати ӯ дар ҷомеа, мушаххас кардани иҷрои нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ғайра ташкил медиҳанд, мебошанд. Азбаски Аҳмади Дониш инсонро ашрафи махлуқот ва дигарон ходими ӯ меҳисобад, бинобар ин, ҳар як шахс бояд мудом барои ҳифзи табиату бардавомии ҳастии башарият талош варзад ва барои ба даст овардани саодат, хушбахтӣ ҳалли мушкилоти якдигар, ободии мулк, баробарии иҷтимоӣ ва ғайра талош варзад. Чунки инсон нотавон нест, имкониятҳои васеии фикрию ҷисмонӣ дорад ва бо ин неруи азим метавонад дигаргунсозандаи табиату ҷомеа бошад.

***Адабиёт***


1. *Айнӣ, С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро. Куллиёт. Ҷ.10. – Душанбе, 1996. - 343с.*
2. *Абӯалӣ ибни Сино. Рисолаи саргузашт. Осор. Ҷилди 1. - Душанбе: «Дониш», 2005. – 852с.*
3. *Аль Фараби. Социально-этические трактаты. – Алма-Ата: Наука, 1973. – 398с.*
4. *Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ [Матн] /А.Дониш. - Душанбе, 1988.- Кит. 1. - 287с.*
5. *Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ [Матн] /А.Дониш. - Душанбе, 1989. - Кит. 2. - 344с.*
6. *Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития [Матн] /А.Дониш. - Душанбе, 1992. - 98с.*
7. *Бертельс Е.Э. Рукописи произведений Ахмада Каллэ//Тр. Тадж. Базы АН СССР, 1936. – Т3: Лингвистика. - С.9-28.*
8. *Девонақулов А. Аҳмади Дониш мураббии инсон/Наводир-ул-вақоеъ, китоби 2. – Душанбе: «Дониш», 1989. - 344с.*
9. *Платон. Сочинение. В 3-х томах. – М.: Мысль, 1973. Т3 (1).-С.22-23.*
10. *Ҳодизода, Р. Аҳмади Дониш. - Душанбе, 1967 - 156с.*


## МАСЪАЛАИ ИНСОН ВА МАРТАБАИ Ӯ ДАР ТАЪЛИМОТИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФИИ АҲМАДИ ДОНИШ


Дар мақола масъалаи инсон ва мартабаи ӯ дар таълимоти иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф ба ин ақидааст, ки масъалаи инсон, шинохти моҳият ва мақоми ӯ дар ҷомеа дар доираи ҳикмати амалии Аҳмади Дониш, ки ҷузъҳои онро ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун ташкил медоданд мақоми хосаро касб наудааст.

Дар мақола муаллиф дар заминаи омӯзиши илми тадбири манзил доир ба зарурати пайдоиши оила дар ҷомеа, мушаххас нишон додани вазифа ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, муайян кардани ҳаққу ҳуққуқҳои фарзанд нисбат ба волидайн, нақши модарзан ва модаршӯ дар тағйирёбии муносибатҳои оилавии фарзандон ва ғайра маълумот дода, андешаҳо, тавсияву пешниҳодҳои судмандро баён медорад.

Ҳамин тавр, муаллиф дар натиҷаи таҳлили осори Аҳмади Дониш чунин хулоса менамояд, ки бо вуҷуди он ки ӯ дар асарҳояш ба таҳқиқи асрори арзу самовот, кашфи тағйироти мунтазами қонунҳои табиату ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд, аммо ӯ мураббии инсон аст

**Калидвожаҳо**: ҷомеа, оила, падару модар, фарзандон, хушдоман, хушдоман, табиат, қонун

## ПРОБЛЕМА ЧЕЛОВЕКА И ЕГО СТАТУС В СОЦИАЛЬНО-ФИЛОСОФСКОЙ УЧЕНИЕ АХМАДА ДОНИШ

В статье рассматривается проблема человека и его место в социально-философском учении Ахмада Даниша. Автор считает, что проблема человека, познание его сущности и места в обществе в рамках практической философии Ахмада Даниша, которая включала этику, домостроительство и политику, приобрела особое значение.

В статье автор в области обучения науке домостроительства дает информацию о необходимости создания семьи в обществе, определяет обязанности и функции родителей в воспитании детей, устанавливает права и обязанности детей по отношению к родителям, роль тещи и свекрови в изменении семейных отношений детей и т. д., высказывает идеи, рекомендации и полезные предложения.

Также автор, анализируя труды Ахмада Даниша, приходит к выводу, что, хотя он в своих трудах уделяет особое внимание изучению тайн бытия и небес, открытию закономерных изменений законов природы и общества, но он, прежде всего, воспитатель человека.

**Ключевые слова:** общество, семья, родители, дети, теща, свекровь, природа, закон

## THE PROBLEM OF MAN AND HIS STATUS IN THE SOCIAL AND PHILOSOPHICAL TEACHING OF AHMAD DONISH

In the article, the issue of man and his place in social and philosophical teachings of Ahmad Dani is examined. The author believes that the issue of man, the knowledge of his nature and place in society, has gained a special place in the circle of Ahmad Dani's practical philosophy, which consisted of ethics, household management and politics.

In the article, the author provides information on teaching the science of household management, the need for the formation of a family in society, clarifying the duties and responsibilities of parents in the education and upbringing of children, determining the rights and obligations of children to their parents, the role of mother-in-law and mother-in-law in changing the family relationships of children, etc., expresses useful thoughts, recommendations and suggestions.

Similarly, the author, as a result of the analysis of Ahmad Dani's works, summarizes that, despite the fact that in his works he pays special attention to the study of the secrets of the universe and the sky, the discovery of regular changes in the laws of nature and society, he is a teacher of humanity

**Keywords:** society, family, parents, children, mother-in-law, mother-in-law, nature, law

**Дар бораи муаллиф:**

**Самиев Бобо Ҷураевич** - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел.: (+992) 918670143. E-mail: samiev.veshab@mail. ru;

**Об авторе:**

**Самиев Бобо Джураевич** - д.ф.н., профессор кафедры философии и культурологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, Tel.: (+992) 918670143.E-mail: samiev.veshab@mail.ru

**About the author:**

**Samiev Bobo Juraevich** - doctor of philosophy, professor of the Department of Philosophy of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, e-mail: samiev.veshab@mail. ru, Tel.: (+992) 918670143

ТДУ 164.11; 165.41; 929.2

# АФКОРИ ФАЛСАФӢ-ТАБИАТШИНОСИИ БЕРУНӢ ДАР БАҲОИ ЛУИ ГАРДЕ

***Султонзода С. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Берунӣ аз асилтарин ва дақиқкортарин мутафаккирони олами исломи асримиёнагист, ки дар кашфи улуми табиатшиносӣ дар замони худ назир надорад. Ин донишманди ориёитабори хоразмӣ бо осори мондагори худ чун “Осор ул-боқия”, “Таҳқиқ ма-л-ил Ҳинд”, “Қонун-ал-Масъудӣ”, “Китоб ал-Сайдала”, “Китоб-ут-Тафҳим” ва ғайра на ин ки дар рушди илмҳои табиатшиносию риёзӣ, балки фалсафаю фарҳанг, таъриху забон низ нақши бузург гузоштааст. Бинобар сабаби он ки ҳамчун донишманд мутааллиқ ба ягон мактаби фалсафии замонаш набуда, андешаҳои илмиашро беғаразона ва мӯшикофона пешкаш кардааст, дар давраҳои минбаъда дар қиёс бо Абубарки Розию Ибни Сино мавриди ҳамлаи диндорону руҳониён камтар қарор гирифтааст. Вале аҷиб он аст, ки ҳарчанд Берунӣ дар замони худ дар байни хосу ом на камтар аз Абубарки Розию Ибни Сино шуҳрат дошт, аммо мутаассифона дар мактабҳои тарҷумонии Андалусияи асрҳои XII-XIV мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифт. Дар ҳоле ки осори Абубакри Розию Ибни Сино ва дигар мутафаккирони исломӣ хеле зиёд ба забони лотинӣ тарҷума гардиданд ва дар рушди афкори аврупоиён таъсири бағоят калон расонида, заминаҳои асосии давраи Эҳёро фароҳам оварданд [4, с. 3-10]. Аммо чаро осори Беруниро дар он замон тарҷума накарданд, сабаб дар чӣ буд, ҳанӯз ҳам масъалаи наомӯхта боқӣ мемонад.

Аз рӯйи таҳқиқоти олимону шарқшиносони аврупоӣ маълум мегардад, ки донишмандони ин сарзамин ба Берунӣ ва осори вай бо баробари рушд намудани илми шарқшиносӣ тақрибан аз асри XVII кам-кам ошноӣ пайдо кардаанд. Вале дар ин давра низ дар қиёс бо дигар шоирону мутафаккирони мусулмон, бахусус тоҷику форс Берунӣ боз ҳам ба таъхир омӯхта шудааст. Берунишиносии воқеӣ солҳои 40-уми асри XIX дар Фаронса бо кӯшиши донишманди фаронсавӣ М. Рено [12] ва солҳои 60-уми ҳамин аср дар таҳқиқи шарқшинос ва дипломати рус Никола де Ханеков, ҳамчунин дар Олмон дар таҳқиқу тарҷумаи шарқшиноси олмонӣ Эдвард Захаю [6, с. 7] шуруъ гардида, минбаъд рушд ёфтааст. Баъдан, дар нимаи аввали асри XX як қатор олимону шарқшиносони англису олмонӣ, испанию итолиёӣ ва минҷумла фаронсавӣ ба осори Берунӣ ҳусни таваҷҷуҳ кардаанд. Дар давраҳои баъдина, то ба имрӯз дар кишварҳои гуногуни Аврупо берунишиносӣ идома дорад.

Аз шарқшиносони фаронсавӣ, ки дар шинохти осори Берунӣ заҳмат кашидаанд метавон номи Анри Корбен [9], Вансен-Мансур Монтей [11, с. 11-33], Жак Буало [7, с. 10-16] ва Луи Гарде (1904-1986)-ро гирифт. Дар яке аз мақолаҳои худ бо номи “Абурайҳони Берунӣ дар баҳои шарқшиносони фаронсавӣ” [5, с. 21-29] назару андешаҳои шарқшиносони болозикри фаронсавиро, ба истиснои андешаҳои Луи Гарде баррасӣ кардаем. Бинобар ин, ин ҷо лозим медонем, ки мухтасаран андешаҳои Луи Гардеро роҷеъ ба Берунӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем. Лозим ба ёдоварист, ки муҳаққиқони болозикр дар мавриди шинохти Берунӣ ва осори вай бештар маълумотҳои тарҷумаиҳолӣ ва библиографӣ додаанд, дар ҳоле ки, андешаҳои баррасинамудаи Л. Гарде сар то по фарогири масъалаҳои фалсафӣ мебошанд.

Назару андешаҳои Луи Гардеро роҷеъ ба Берунӣ дар мақолаи вай бо номи “Абурайҳони Берунӣ – марди илм” пайдо карда метавон. Дар мақолаи мазкур шарқшиноси фаронсавӣ нахуст таъкид менамояд, ки роҷеъ ба Берунӣ сухан гуфтан масъалаи нозук аст, зеро на ҳамаи осори вай, хусусан асараш “Маъно” то ба мо омада нарасидааст. Вале тасодуф ҳам нест, ки мақому эҳтироми Берунӣ пеш аз ҳама илмӣ аст. Ба навиштаи Л. Гарде аз мукотабаи Берунӣ бо Ибни Сино маълум мегардад, ки вай тавони коркарди абстраксияҳои мантиқиро дошт, ҳамчун файласуфи табиатшинос, метафизик ва инчунин олими мушоҳидакор аз усули илмии индуксия истифода мебурд [10, с. 243-251].

Л. Гарде бар хилофи дигар донишмандону шарқшиносони фаронсавӣ, ки Беруниро дар баробари олим буданаш, файласуф ҳам мешуморанд, аз аҳли фалсафа намешуморад. Масалан, А. Корбен дар асоси мактуботи Берунӣ бо Ибни Сино ба хулосае меояд, ки Берунӣ танҳо донишманди соҳаҳои геодезия, риёзиёт, нуҷум, ҷуғрофиё ва забоншиносӣ набуда, балки файласуф низ будааст. Фалсафаи вай бештар тамоюл ба мушоҳидаҳои табиат буда, бар хилофи бисёр андешаҳои арастуӣ қарор гирифтааст. А. Корбен таъкид менамояд, ки мо бояд дар пасманзари асарҳои Берунӣ “фалсафаи таърих”-ро ошкор намоем [9, с. 212-213]. Аммо Л. Гарде бовар бар он дорад, ки Берунӣ ба ягон мактаби фалсафӣ иртибот надошт, ба Арасту эҳтиром мегузошт, вале аз ақидаҳои арастуӣ худро канор мегирифт ва озодии маънавии худро ҳифз мекард. Аз гуфтаҳои Л. Гарде ба хубӣ метавон пай бурд, ки номбурда Беруниро аз аҳли фалосифа надонад ҳам, вале ӯро донанда ва дарккунандаи масоили фалсафӣ мешуморад. Балки Л. Гарде Беруниро дар дарки бисёр масъалаҳои фалсафӣ, ба хусус фалсафаи коинот аз файласуфоне, ки ба ин масъала аз назарияҳои мантиқӣ истифода бурда, аз мушоҳидаҳои бевосита маҳрум буданд, болотар мегузорад.

Агар бештари файласуфону донишмандон файласуф будани Беруниро дар асоси мактуботи вай бо Ибни Сино исбот намоянд, вале Л. Гарде дар баррасии масъалаҳои мактубот низ Беруниро олим нишон медиҳад, на файласуф, ҳарчанд тавре қаблан ишора шуд, таъкид менамояд, ки Берунӣ масоили фалсафиро хуб дарк мекард. Масалан, масъалаҳое, ки дар мактубот баррасӣ мешаванд чун ҷозиба ва акси он, макони чор унсур, ҳаракати кураҳои самовӣ, таркиби модда ва ғ. аз ҷанбаи фалсафӣ дида, бештар хусусияти илмӣ доранд [10, с. 243-251]. Аммо, дар он вақт илм ва фалсафаи табиат аз ҳам ҷудо набуданд ва масъалаҳои ба миён гузошташуда табиатан ба мавзуҳои комилан фалсафӣ: абадият ё фонӣ будани олам, зиёд будани шумораи оламҳои мавҷуда, атомизм ё гилеморфизм (моддатосуратгароӣ) [3, с. 44] оварда мерасонд [10, с. 243-251].

Дар масъалаи пешниҳоди андоза ва шумораи оламҳои физикӣ, ба назари Л. Гарде, Берунӣ чандин маротиба аз хулосаҳои Арасту истифода бурдааст, вале тарзи асоснокнамоии ӯро рад намудааст, хусусан дар масъалаи ҳаракати кураҳо (сфераҳо). Беруни дар ин маврид мантиқиён ва раванди сирф дедуктивии онҳоро дар назар дорад. Ҳар он чи ки ба олами физикӣ тааллуқ дорад, Берунӣ онро аз рӯйи мушоҳида ва усули индуксия меомӯзад. Маҳз аз ҳамин ҷо Берунӣ омӯзиши масъалаҳои ҷиддиро ба миён гузошта, афкораш, ба истилоҳ, ба самти ғайриарастуӣ майл мекунад. Л. Гарде таъкид менамояд, ки Берунӣ муътақид бар он аст, ки дар андешаҳои Арасту роҷеъ ба абадияти олам ихтилоф мебинад ва мухотаби ҷавони худ Ибни Синоро ба хондани шарҳҳои Жан Филопонус ҳидоят мефармояд. Бо назардошти нисбияти донишҳои ҳиссӣ, ӯ омӯзиши мавҷудияти эҳтимолии оламҳои дигарро рад мекунад. Маҳз дар асоси мушоҳидаҳои табиат, ҳаракоти он ва тағйирот, Берунӣ ба атомизм майл мекунад ва самти ҳаракати таҳқиқоти вай бо Абубакри Розӣ бе робита нест [10, с. 243-251], менависад Л. Гарде.

Тавре аз ин гуфта маълум мегардад, Берунӣ Ибни Синои ҷавонро ба воситаи мактубот мехост дар дарку фаҳми коинот ва кавокибу ситорагон ва умуман олам аз зери таъсири Арасту бароварда, ба самти мушоҳидаҳои бевосита кашад, вале Ибни Сино бо вуҷуди омӯзишҳои зиёд ба устоди худ Арасту содиқ монд ва фикрашро тағйир надод, яъне дар назарияи қидами олам ва геотсентризм устувор монд [1, с. 164], ки имрӯз назарияи геотсентризм ба гелиотсентризм гузашта, ба манфиати фарзияи пешниҳоднамудаи Берунӣ ҳал гардид.

Ҳамин тавр Л. Гарде омӯзишаро роҷеъ ба Берунӣ идома бахшида, менависад, ки илм, фалсафаи табиат ва метафизика дар таълимоти Берунӣ ҳамдигарро пурра менамоянд. Ба навиштаи Л. Гарде осори боқимондаи Берунӣ ба мо имкон медиҳад, ки мақоми мутафаккирро дар таърихи умумии тафаккур муқаррар намоем ва Л. Гарде онро дар 3 мисол пешкаш менамояд.

Пеш аз ҳама абадию азалӣ набудани олам. Ба назари Л. Гарде ин андеша қалби таълимоти Беруниро ташкил медиҳад. Ин андешаро чандин маротиба дар “Таҳдид” таъкид мекунад. Дар ин маврид Берунӣ ба мутакаллимун наздик мешавад. Вай ба мисли онҳо аз

мавқеи қуръонӣ баромад мекунад. Бо ин тарзи андеша аз фалсафа ба таври назаррас ҷудо мешавад [10, с. 243-251]. Хусусан аз фалсафаи машшоия, ки асосгузори он дар олами ислом Ал-Киндӣ буд. Вале, баъдан, ба гуфтаи Л. Гарде, Берунӣ дар "Расоил"-и худ бо назардошти мувофиқати баланди ақлонии таълмоти ваҳӣ ва бо далоили мураттабтар роҷеъ ба олами муҳдас дар қиёс бо мутакаллимун, ба ҷонибдории Киндӣ мегузарад.

Ба фикри Л. Гарде, Берунӣ бешубҳа ба эътибори Калом диққат дода, бо далоили комилан мантиқӣ, дар мукотаба бо Ибни Сино бурҳони Арастуро инкор мекунад. Ба назар чунин мерасад, ки абадӣ набудани олам аз назари Берунӣ дар пайи хулосаҳои индуктивии бадастовардаи вай ҳангоми мушоҳидаҳои космологӣ, геологӣ ва анторопологиаш мебошад. Ба навиштаи Л. Гарде, Берунӣ салафи Маймонид ва Фомаи Аквинӣ буда, салафи илман беҳтар мусаллаҳ аст, ки ба мувофиқати комили таълимоти ваҳӣ ва мушоҳидаи ҳаводиси табиӣ рушанӣ меандозад. Л. Гарде таассуф мехӯрад, ки Ибни Рушд ин донишро сарфи назар кардааст ва дақиқан чунин менависад:

"Афсӯс, ки Ибни Рушд ин донишро ба эътибор нагирифтааст - шояд аз он бехабар буд - ва абадияти олам ба назари ӯ фалсафӣ нишон дода шудааст. Таъвил, ки дар «Фасл-ул-мақол» ва «Кашф» қасд дорад, матни Қуръонро дар ин самт таҳмил кунад, дар «Таҳдид» қаблан инкор шудааст. Дар ин ҷо ҳамчун роҷеъ ба бисёр дигар масъалаҳо, Берунии олим бо таҳлили амиқ ва дониши фарохи худ назди файласуфон эътироз кардааст" [10, с. 243-251]. Бо ин маълумоти пешкашгардида Л. Гарде мехоҳад бигӯяд, ки дар дарку фаҳми олам Берунӣ аз Маймонид ва Фомаи Аквинӣ болотар меистад. Чунки Берунӣ ҳамчун олими табиатшинос масъалаҳои оламу коинотро омӯхта, онҳоро бо таълимоти қуръонӣ қиёс менамояд, миёни маълумотҳои илмии бадастовардааш ва таълимоти қуръонӣ мувофиқат пайдо мекунад ва баъдан хулосаи ниҳоӣ мебарорад. Гап дар сари он меравад, ки Маймонид файласуф буд, Фома теолог, ҳар ду дар асоси назарияҳои мантиқӣ хулоса мебароварданд, на мушоҳидаҳои бевоситаи табиат.

Мисоли дуюм мафҳуми табиат аст. Ба назари Луи Гарде табиат барои Берунӣ тибқи беҳтарин анъанаи арастуӣ "асоси фаъолият" ба шумор меравад. Вале баръакси Арасту, Берунӣ онро бо зоти ин ё он самти муайян айният намедиҳад. Ҳамчунин аз нуктаи назари имрӯза низ Табиат (Л. Гарде табиатро бо ҳарфи Т калон менависад) барои Берунӣ ин маҷмуи қувваҳои олами физикӣ, ки дар олам амал мекунанд, мебошад. Л. Гарде дар ин маврид Беруниро бо Бергсон қиёс намуда менависад: "Чӣ тавр таҳаввули эҷодии Бергсонро дар ин ҷо ба хотир наоварем? Аммо возеҳтар назар ба Бергсон, мушоҳидаҳои илмӣ - мисолҳои зиёд вуҷуд доранд, ки Беруниро бидуни он ки табиатро тасвир кунад, ба нуқтаи назари телеологӣ мебаранд. Табиат амал мекунад, вай ҳатто паёмбар мефиристад, то заминро аз хатари харобшавӣ огоҳ кунад, ҳадафи ӯ нигоҳ доштани устувории намудҳо мебошад" [10, с. 243-251]. Мусташриқи фаронсавӣ мушоҳидаҳои Беруниро аз навиштаҳои ҳатто Бергсон, ки дар нимаи аввали асри XX эҷод кардааст, возеҳтар шуморида, мутафаккири хоразмиро пайваста олиме бо эътқоди қавӣ ва имони пок нишон медиҳад ва маҳз бо ҳамин роҳ ӯро аз файласуфон ҷудо мегардонад.

Тавре қаблан ишора шуд, ба назари Л. Гарде Берунӣ ҳарчанд ба табиат мавқеи аввалиндараҷаро қоил аст, вале вай табиатро ба ҷойи Худо намегузорад. Вай табиатро илоҳӣ ва ё анқариб илоҳишуда намешуморад. Балки эътиқоди мусалмонии Берунӣ ӯро аз ҳар гуна тамоюли эпикурӣ паноҳ медорад. Л. Гарде таъкид менамояд, ки Берунӣ асарҳояш "Ҳинд" ва "Осор-ул-боқия"-ро пас аз таҳлилу мушоҳидаҳои зиёди илмӣ бо ёд кардан ва сотоиш намудани Худованде, ки офаринишро ба миён оварда, ҳама чизро мукаммал сохтааст, ба анҷом мерасонад. Ин нуктаро Л. Гарде ба назар гирифта, муътиқид бар он аст, ки Берунӣ бо он ки олими забардасти табиатшинос буд, вале бо ин ҳама, ба ислом, шинохти Худо ва офариниш эътиқоди комил дошт, вай ба мисли файласуфони машшоӣ дар асоси назарияҳои фалсафии мантиқӣ хулосаҳои шаккокона намебаровард. Мутафаккир ҳар қадар ки табиату кайҳонро меомӯхт боз ҳамон қадар эътиқодаш ба Худо ва таълимоти қуръонӣ бештар мегардид.

Ба андешаи болозикри Л. Гарде чандон розӣ шуда наметавонем, зеро аксар мутафаккирони асримиёнагии олами ислом асарҳои худро бо ситоишу ниёиши Худованд оғоз карда, бо ҳамин тартиб анҷом меахшанд. Берунӣ на фақат асарҳояш “Ҳинд” ва “Осор-ул-боқия”-ро бо ситоиши Худо оғоз ва анҷом мебахшад, балки дигар асарҳояшро низ, аз ҷумла “Китоб-ут-Тафҳим”-ро [2].

Ба нигориши Л. Гарде, Берунӣ табиатро омӯхта, онро ҳамчун Квазисабаби нахустин қаламдод кардааст. Дар ҳар сурат Берунӣ табиатро омӯхта, ба маънои имплитситӣ фалсафаи табиати рушдкунандаю ба ҳама навовариҳои таҳқиқоти илмӣ кушодаеро асос гузоштааст, ки барои имрӯз айни муддаост. Вай аз фалсафаи табиат ё космологияи файласуфон, ки реша дар таълимоти Птолемей дорад, қаноатманд набуд. Берунӣ низ дар хусуси геотсентризми Птолемей андешаронихо дорад ва онро пазируфтааст, хусусан дар охирҳои умраш. Вале андешаи дигари он дар хусуси имкон доштани низоми гелиотсентрикӣ хеле ҷолиби диққат аст [10, с. 243-251]. Ба навиштаи Л. Гарде Берунӣ таълимоти гелиотсентрикии худро аз баъзе назарияҳои ҳиндӣ гирифтааст ва дар ин хусус, дар китоби “Ҳинд” маълумот мавҷуд мебошад. Аксар муҳаққиқони аврупоӣ асари “Ҳинд”-и Беруниро беҳтарин сарчашмаи илмии асримиёнагӣ роҷеъ ба афкори динию фалсафӣ, тараққиёти илму ҳунар, адабиёт, ҳуқук, астрология ва ғайра мешуморанд [8, с. 262]. Лозим ба ёдоварист, ки Берунӣ Султон Маҳмуди Ғазнавиро дар сафараш ба Ҳинд ҳамроҳӣ карда, забони санскритиро ҳам омӯхта буд ва шоҳасари худ “Ҳинд”-ро низ дар пайи ҳамин сафар эҷод кардааст.

Улуми табиатшиносӣ ба назари Берунӣ зарурати фалсафаи табиатро инкор намекунанд, аммо онҳо тақозои онро доранд, ки фалсафаи табиат ба рушди илм гӯш диҳад, то метавонад бо таъсири онҳо хулосаҳои тақрибии худро ғанӣ гардонад ва тағйир бидиҳад [10, с. 243-251]. Аз ин навиштаи шарқшинос чунин бар меояд, ки Берунӣ ҷонибдори он аст, ки фалсафа ба назарияҳо ва мантиқи абстрактӣ маҳдуд нагардида, балки аз дастовардҳои илмҳои табиатшиносӣ истифода барад. Бояд гуфт, ки талаботи илму фалсафаи муосир низ айнан ҳаминро тақозо дорад.

Мисоли сеюм. Ба навиштаи Л. Гарде, аз мукотабаи Берунӣ бо Ибни Сино маълум мегардад, ки вай ҷонибдори гилеморфизми арастуӣ нест. Вай барои фарқ гузоштан миёни модда ва нахустмодда (ҳаюло) мафҳуми табиатро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ба назари Л. Гарде таваҷҷуҳи Беруниро ададҳои устуравии пифагорӣ не, балки як навъ абстраксинамоии хоси математикие ҷалб мекард, ки дар асоси пайдарҳамии бо низоми ададҳои фосиладор сохта шудааст.

Ба қавли Л. Гарде дар замоне, ки миёни илмҳо ва фалсафаи табиат ҳанӯз фарқият муқаррар набуд, Берунӣ ба атомизми бисёре аз мутакаллимун ва хусусан ба атомизми Абубарки Розӣ наздик шуд. Ин ҷо сухан дар хусуси символизми ботинии ададҳо, ки дар доираҳои мактаби исмоилия эътибори калон дошт, намеравад. Мустақиман гап дар сари назари математикӣ меравад, ки дар он ададҳо ва инъикоси онҳо дар фазо ба лаҳзаҳои дақиқ ҷудо кардани вақтро ба миён меоварад [10, с. 243-251]. Аз ин гуфта метавон чунин хулосагирӣ кард, ки Берунӣ атомизми Абубакри Розиро, ки аз атомизми мутакаллимун то андозае фарқ дорад, ҷонибдорӣ карда, ба воситаи ададҳо ва тасаввури онҳо дар фазо таркиби вақтро муайян менамояд.

Л. Гарде бар он назар аст, ки Берунӣ на фақат олими мушоҳидакори табиатшинос аст, балки вай дар илм масъалагузориҳо мекунад. Хусусан ба назди мутахассисони таърихи илм ва фалсафаи илм масъалаҳои ниҳоят муосиру мубрамро мегузорад, аз ҷумла масъалаи ададҳоро. Л. Гарде менависад, ки ададҳо барои файласуфон тақсимоте ба шумор мерафтанд, ки ақли башар дар дарозои бефосила бофтааст [10, с. 243-251]. Вале набояд фаромӯш сохт, ки ададҳои беохир худ ба худ не, балки дар дарозои таърих, дар натиҷаи омӯзиши табиат, бо назардошти вақту фазои беохир бофта шудаанд.

Л. Гарде ба ин маънӣ менависад, ки Берунӣ бо мушоҳидаҳои дақиқу индуксияҳои рақиқ, ҳисобу дедуксияҳои ҳадафмандона ва бо интуитсияи математикӣ ба сӯи синтезҳои сирф фалсафӣ ҳаракат мекунад. Маълум мегардад, ки андешаҳои фароилмии Берунӣ, ки дар асарҳояш ҷой доранд, далолат бар мутобиқат миёни таҳиқоти илмиаш ва эътқодаш ба Худо

мекунанд. Андешаҳои Берунӣ дар натиҷаи мушоҳидаҳои илмӣ ба вуҷуд омада, аз ҷониби эътиқод таҳкиму ҳидоят ёфтаанд [10, с. 243-251]. Аз ин хулосагириҳои Л. Гарде ба хубӣ маълум мегардад, ки вай бори дигар Берунӣро аз як тараф ҳамчун олими табиатшиноси дорои фалсафаи хоси худ ва аз тарафи дигар дар таълимоти исломӣ устувор бозгӯ менамояд.

Л. Гарде ҳамин тариқ илму эътиқоди Берунӣро айният дода, мегӯяд ки, ба назари мутафаккири хоразмӣ илм сабаби амал буда, эътиқод сабаби мақсад аст [10, с. 243-251]. Ба назари Берунӣ илму эътиқод, мушоҳидаи муттасил ва Ҳақ метавонанд ҳамеша манбаи дарки воқеият гарданд. Андешаи шарқшиноси фаронсавиро ба ибораи дигар гӯем, он аст, ки Берунӣ барои расидан ба мақсад, яъне дарки Холиқу махлуқ, ки дар таълимоти исломӣ муқаррар аст, аз илм, бахусус илми табиатшиносию мушоҳидаҳои кайҳонӣ истифода бурдааст. Ба таъбири Л. Гарде омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ ва кашфиёти дар ин самт бадастомада, ба таълимоти қуръонӣ мутобиқат намуда, боиси боз ҳам мустаҳкамтар гардидани эътиқоди динии Берунӣ гардидааст.

***Адабиёт***


1. *Абӯ Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷилди 4. – Душанбе, 2007. – 922 с.*
2. *Абурайҳони Берунӣ. Китоб-ут-Тафҳим ли-авоили саноъати-т-танҷим. – Душанбе: Дониш, 2022. – 605 с.*
3. *Диноршоев М., Диноршоева З. Луғати русӣ ба тоҷикии истилоҳоти фалсафа. – Душанбе, 2016. – 343 с.*
4. *Султонов С. А. Роль переводческих школ в формировании и распространении произведений Ибн Сины в Европе // Вестник педагогического университета. № 6 (55), 2013. С. 3-10.*
5. *Султонзода С. Абурайҳони Берунӣ дар баҳои шарқшиносони фаронсавӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Нақши Абурайҳон Берунӣ дар ташаккули илм ва фалсафаи Шарқ” бахшида ба 1050 солагии мутафаккир. - Душанбе, 2023. С. 21-29.*
6. *Abu Rayhan Muhammad b. Ahmad al-Biruni. Al-Qanun’u-Mas’udi (Canon Masudicus) Vol. II (An encyclopaedia of astronomical sciences). Published by The Dairatu’l-Ma’arif-il-Osmania. Hyderabad-Dn, India, 1955 A.D. – 140 p.*
7. *Boilot J. La longue odyssée. Sur les pas’ d'un savant dans un monde en effervescence // Autour de l’an mil en Asie centrale un esprit universel Al-Biruni. Juin, 1974 (XXVII année). P. 10-16.*
8. *Bouamrane Ch, Gardet L. Panorama de la pensée islamique. Deuxième édition. Paris, 1991. – 368 p.*
9. *Corbin H. Histoire de la philosophie islamique. Gallimard, 1986. – 546 p.*
10. *Gardet L. Un homme de science: Abu l-Rayhan al-Biruni // Ch. Bouamrane, L. Gardet. Panorama de la pensée islamique. Deuxième édition. Paris, 1991. P. 243-251.*
11. *Monteil, Vincent-Mansour. De l’Oxus à l’Exil in Abu Rayhan al-Biruni. Le Livre de l’Inde. UNESCO, 1996. P. 11-33.*
12. *Reinaud M. Al-Biruni. Fragments arabes et persans relatifs à l’Inde. Journal Asiatique, 1844.*


## АФКОРИ ФАЛСАФӢ-ТАБИАТШИНОСИИ БЕРУНӢ ДАР БАҲОИ ЛУИ ГАРДЕ


Дар мақолаи мазкур сухан дар хусуси андешаҳои фалсафӣ-табиатшиносии Абурайҳони Берунӣ дар баҳои шарқшиноси фаронсавӣ Луи Гарде меравад. Маълум мегардад, ки Луи Гарде, Берунӣро на ҳамчун файласуф, балки ҳамчун олими табиатшинос, вале донандаи масоили фалсафӣ нишон додааст. Шарқшиноси фаронсавӣ афкори Берунӣро дар қиёс бо дигар файласуфон, хусусан машшоиён фарқиятдор нишон дода, таълимоти илмии ӯро роҷеъ ба олам, кайҳон, аҷроми самовӣ ва ғайра мувофиқ ба таълимоти қуръонӣ бозгӯ менамояд. Луи Гарде асосан бо се мисол кӯшиш мекунад, ки Берунӣро олими табиатшинос ва бо эътиқоди комил бар хилофи фалосифа нишон диҳад. 1) Олам аз назари Берунӣ абадию азалӣ нест, вай дар ин маврид ба мутакаллимун ва мактаби калом наздик мешавад ва назари Арасту ва ҷонибдорони ӯро дар хусуси қидами олам рад менамояд. 2) Ба назари Луи Гарде

табиат барои Берунӣ “асоси фаъолият” ба шумор меравад. Табиат тибқи назари Берунӣ ин маҷмуи қувваҳои олами физикиест, ки дар олам амал мекунанд. Мусташриқи фаронсавӣ мушоҳидаҳои Беруниро аз навиштаҳои ҳатто Бергсон, ки дар нимаи аввали асри XX эҷод кардааст, возеҳтар шуморида, мутафаккири хоразмиро пайваста олиме бо эътқоди комили динӣ нишон медиҳад ва маҳз бо ҳамин роҳ ӯро аз файласуфон ҷудо мегардонад. Ба назари Л. Гарде, Берунӣ ҳарчанд ба табиат мавқеи аввалиндараҷаро қоил аст, вале вай табиатро ба ҷойи Худо намегузорад. 3) Шарқшиноси фаронсавӣ Беруниро бар хилофи гилеморфизми Арасту нишон дода, ҳамин тариқ илму эътиқоди Беруниро айният медиҳад ва мегӯяд ки, ба назари мутафаккири хоразмӣ илм сабаби амал буда, эътиқод сабаби мақсад аст.

**Калидвожаҳо:** олам, кайҳон, фалсафа, табиат, эътиқод, илм, калом, машшоӣ, модда, шарқшинос.

## ФИЛОСОФСКО-НАТУРАЛИСТИЧЕСКОЕ ВОЗЗРЕНИЯ АЛЬ-БИРУНИ В ОЦЕНКЕ ЛУИ ГАРДЕ

В данной статье речь идет о философско-натуралистических воззрениях Абурайхана Бируни в оценке французского востоковеда Луи Гарде. Получается, что Луи Гарде показал Бируни не как философа, а как естествоиспытателя, но знающего философские вопросы. Французский востоковед сравнивает мысль Бируни с мыслью других философов, особенно перипатетиков, и представляет ее отличия, пересказывает его научные учения о мире, пространстве, небесных светилах и т. д. в соответствии с учением Корана. Луи Гарде главным образом пытается на трех примерах показать Бируни как естествоиспытателя с полной верой, а не как философа. 1) Вселенная не вечна с точки зрения Бируни, в этом случае он близок к Мутакаллимов и школе Каляма и отвергает точку зрения Аристотеля и его сторонников относительно вечности Вселенной. 2) По мнению Луи Гарде, природа согласно Бируни есть «основа деятельности». Для Бируни природа — это совокупность сил физического мира, действующих в мире. Французский востоковед считает наблюдения Бируни более ясными, чем даже сочинения Бергсона, созданные им в первой половине XX века, и последовательно показывает хорезмийского мыслителя как ученого с полной религиозной убежденностью и тем самым отделяет его от философов. По словам Л. Гарде, хотя Бируни и ставит на первое место природу, он не ставит природу на место Бога. 3) Французский востоковед показывает Бируни в противовес гилеморфизму Аристотеля, отождествляя тем самым науку и веру Бируни, и говорит, что, по мнению хорезмийского мыслителя, наука есть причина действия, а вера - причина цели.

**Ключевые слова:** мир, космос, философия, природа, вера, наука, Калям, перипатетик, материя, востоковед.

## PHILOSOPHICAL AND NATURALISTIC VIEWS OF AL-BIRUNI IN THE ASSESSMENT OF LOUIS GARDET

This article deals with the philosophical and naturalistic views of Aburaikhan al-Biruni as assessed by the French orientalist Louis Gardet. It turns out that Louis Gardet showed Biruni not as a philosopher, but as a natural scientist, but knowledgeable of philosophical issues. The French orientalist compares Biruni's thought with the thought of other philosophers, especially the Peripatetics, and presents its differences, retelling his scientific teachings about the world, space, heavenly bodies, etc. in accordance with the teachings of the Koran. Louis Gardet mainly tries, through three examples, to show Biruni as a natural scientist with full faith, and not as a philosopher. 1) The Universe is not eternal from the point of view of Biruni, in this case he is close to the Mutakallims and the Kalam school and rejects the point of view of Aristotle and his supporters regarding the eternity of the Universe. 2) According to Louis Gardet, nature, pursuant to Biruni, is the “basis of activity”. For Biruni, nature is the totality of the forces of the physical world operating in the world. The French orientalist considers Biruni's observations clearer than even the writings of Bergson, created by him in the first half of the XXth century, and consistently shows the Kharezmian thinker as a scientist with full religious conviction and thereby separates him from the

philosophers. According to L. Gardet, although Biruni puts nature first, he does not put nature in the place of God. 3) The French orientalist shows Biruni in contrast to Aristotle's hylemorphism, thereby identifying Biruni's science and faith, and says that, according to the Kharezmian thinker, science is the cause of action, and faith is the cause of purpose.
**Keywords**: world, cosmos, philosophy, nature, faith, science, Kalam, peripatetic, matter, orientalist.

**Дар бораи муаллиф:**
**Султонзода Соқӣ Аслон** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа, мудири кафедраи забони франсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел.: (+992) 93 814 86 39. E-mail: sultonzoda83@mail.ru

**Об авторе:**
**Султонзода Соки Аслон** – доктор философских наук, профессор кафедры философии, заведующий кафедрой французского языка Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел.: (+992) 93 814 86 39. E-mail: sultonzoda83@mail.ru

**About the author:**
**Sultonzoda Soqi Aslon** - doctor of philosophic sciences, professor of philosophy chair, head of French language chair of the Tajik State Pedagogical University by name S. Ayni. Tel.: (+992) 93 814 86 39. E-mail: sultonzoda83@mail.ru

ТДУ 65.016

# ИДОРАКУНӢ ВА МЕНЕҶМЕНТ: УМУМИЯТ ВА ФАРҚИЯТ

***Мурозода И.Д.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Доир ба мафҳуми идоракунӣ вобаста ба хусусиятгирӣ ва объекти тадқиқ қарор гирифтанаш дар соҳаҳои мухталифи илмҳои ҷомеашиносӣ таърифҳои гуногун дода шудааст. Дар «Луғати калони энсиклопедӣ» идоракунӣ - ин унсур, вазифаи низоми муташаккили илмҳои гуногун (биологӣ, иҷтимоӣ ва техникӣ), таъминкунандаи ҳифзи таркибҳои муайяни онҳо, дастгирӣ кардани тартиби фаъолият, амалӣ кардани барномаи онҳо» мебошад[1, с. 184]. Аз ин таъриф бармеояд, ки бе идоракунӣ мавҷудияти ҷомеа ва фаъолият кардани одамон ғайриимкон аст. Амалияи идоракунӣ чун ҷомеа таърихи тӯлонӣ дошта, марҳала ба марҳала таҳаввул ёфтааст. Аз ин рӯ, новобаста аз он ки идоракунӣ чун ҷомеа таърихи куҳан дорад, аммо идеяи идоракунӣ ҳамчун илми мустақил, касб ва соҳаи тадқиқот - нисбатан нав аст. Моҳияти онро таъсир ба объект барои муваффақ шудан ба ин ё он мақсад ташкил медиҳад. Бинобар ин, объектҳои идоракунӣ гурӯҳи одамон (давлат ва сиёсат); предмет ва механизмҳо; ташкилот; коммуникатсия; информатсия; амвол ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Омӯзиши идоракунӣ, ҳамчун илми мустақил дар охири асри XIX- ибтидои асри XX шурӯъ шуд. Яке аз асосгузорони он муҳандиси фаронсавӣ Анри Файол мебошад. Ӯро низ падари менеҷмент меноманд. Дар тадқиқоти худ «Идоракунии умумӣ ва саноатӣ» бори нахуст ба мафҳуми идоракунӣ ҳамчун илм таъриф дода, унсурҳои асосӣ ва принсипҳои идоракуниро мушаххас намуд. Аз ҷумла, муҳтавои таърифи ӯ ин аст: «Идора кардан - маънои пешгӯӣ кардан, ташкил намудан, фармонравоӣ намудан, бо ҳамдигар ҳамкориро ба роҳ мондан ва назорат намудани фаъолиятро дорад» [2, с. 8].

Аз таърифи мазкур метавон панҷ унсур ё худ принсипҳои идоракуниро муайян кард: пешгӯикунӣ, ё худ - ба ҳисоб гирифтани ояндаи ба вуқӯъ наомада ва коркард кардани барномаи дурнамои амал; ташкил намудан, ё худ - барои фаъолият намудани ниҳодҳои ҷомеа онҳоро бо маводи моддӣ-техникӣ ва иқтидори зеҳнӣ таъмин намудан; фармонравоӣ кардан, ё худ - мутахассисон ва кормандонро маҷбур кардан зарур аст, ки ба таври созгор кор кунанд; ба роҳ мондани ҳамкорӣ - робита барқарор намудан, муттаҳид кардан, ҳамоҳанг кардани тамоми кӯшиш ва амалҳо барои пешрафти ҷомеа ва назорат намудан - ғамхорӣ зоҳир кардан ба хотири он ки ҳамаи корҳо дар асоси тартиби муқаррарнамуда ва супоришҳои додашуда иҷро гарданд.

Файол ҳамаи амалиёте, ки дар муассиса ба вуқӯъ мепайванданд, новобаста аз шакли фаъолият: хурд, миёна, калон ба шаш гурӯҳ ҷудо намуда, онҳоро шаш вазифаи хоси идоракунӣ мешуморад. Ин вазифаҳо иборатанд аз техникӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, суғуртавӣ, баҳисобгирӣ ва маъмурӣ, ки шарҳу тавзеҳи онҳо дар зерфасли сеюми боби якуми рисола муфассал арзёбӣ карда мешаванд[2, с. 8].

Баъдан, рушди назария ва амалияи идоракуниро олими рус Н.Б.Криллов мавриди омӯзиш қарор дода, онро ба чор давраи таърихӣ ҷудо менамояд:

1) давраи қадим (асрҳои 9-7-и то милод ва то асри XVIII - милодӣ);

2) давраи саноатикунонӣ (солҳои 1776-1890);

3) давраи банизомдарорӣ (солҳои 1856-1960);

4) давраи информатсионӣ, ахборӣ (соли 1960 то айни замон) [7, с. 6-19].

Дар тадқиқотҳои муҳаққиқони дигар, ки минбаъд зикр намоем, ин чор давра ба сифати марҳалаҳои таҳаввул ва рушди идоракунӣ эътироф карда шудаанд.

Олими рус Н.В.Кузнецов дар асари худ «Таърихи менеҷмент» назар ба дигар мутахассисони соҳа возеҳтар ба таҳаввули панҷ инқилобе, ки дар таърихи идоракунӣ ба вуқӯъ омадаанд, мароқ зоҳир карда, онҳоро ба таври зайл тақсимбандӣ мекунад:

1) Инқилоби аввалини идоракунӣ тамаддуни шумерӣ аст.

2) Инқилоби дуюми идоракунӣ ба фаъолияти шоҳи Бобул Ҳаммурапӣ алоқамандӣ дорад (солҳои 1792-1750 т.м.).

3) Инқилоби сеюми идоракунӣ ҳамчун истеҳсолӣ-сохтмонӣ маъруф аст. Зеро он ба муттаҳид кардани методҳои идоракунӣ бо назорати фаъолият дар соҳаҳои истеҳсолот ва сохтмон равона карда шуда буд. Он дар давраи Навуходонсори II (солҳои 605-562 т.м.) рух дод.

4) Инқилоби чоруми идоракунӣ ба пайдоиши низоми сармоядорӣ ва ибтидои раванди саноатикунонии тамаддуни аврупоӣ (асрҳои XVII XVIII) алоқамандӣ дорад.

5) Инқилоби панҷуми идоракунӣ (охири асри XIX - ибтидои XX) ҳамчун давраи бюрократӣ маъруф аст[8, с. 23-24].

Умуман, аз давраи атиқа масъалаи мазкур яке аз мавзӯъҳои асосии таълимоти мутафаккирон қарор дошт. Хусусан, дар таърихи илми идоракунӣ ба дастовардҳои назаррас файласуфони юнонӣ муваффақ шуданд. Аз ҷумла, Суқрот (470-399-и т.м.) принсипи умумияти идоракуниро пешниҳод карда, идоракуниро соҳаи махсуси фаъолияти инсонӣ мешуморад. Ӯ зикр мекунад, ки муҳим дар идоракунӣ он аст, ки одами даркориро ба ҷои зарурӣ масъул кард, то ӯ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошта бароияд. Афлотун бошад, идоракуниро ҳамчун илм дар бораи таъмин кардани одамон бо ниёзҳои иҷтимоӣ тавсиф менамояд. Ӯ тасдиқ мекунад, ки фаъолият дар идоракунӣ унсури муҳими низоми таъминкунандаи ҳаёти ҷамъият аст. Идоракунии оқилона, пешниҳод мекунад ӯ, бояд ба қонунҳои ҳатмӣ ва ақлонӣ такя намояд, зеро қонунҳо худ ба худ мутлақ ва шахшуда мебошанд, барои он ки дар асоси онҳо қарори дурустро дар ҳолатҳои гуногун ҷӯё шуда барорем. Подшоҳ табиатан роҳбар аст, ки инсонҳоро назорат ва парасторӣ мекунад. Дар ин маврид ду намуди парасториро аз ҳам фарқ мекунонад: 1) ба таври зӯрӣ асосёфта; 2) ҳалимона, боилтифот (навъи сиёсӣ). Ӯ дар тафовут аз Суқрот дар низоми идоракунӣ принсипи тахассусмандиро асос мегузорад. Арасту бошад, таълимот оид ба асосҳои хоҷагии хонаро асос гузошт[10, с. 23-24].

Дар давраи чоруми инқилоби идоракунӣ, ки марбут ба пайдоиши низоми сармоядорӣ ва ибтидои раванди саноатикунонии тамаддуни аврупоӣ (асрҳои XVII - XVIII) алоқамандӣ дорад, ҷудо шудани идоракунандагон аз моликияти хусусӣ ва ба вуҷуд омадани идоракунии касбӣ ба роҳ монда шуд. Дар ин маврид мутахассисон тасдиқ кардаанд, ки чор принсипи пешниҳодкардаи Никколо Макиавелли барои рушди идоракунӣ нақши муассир гузоштанд:

1) обрӯ ё ҳокимияти сарвар, ки барои дастгирии тарафҳо асос мебошанд;

2) тобеин бояд донанд, ки онҳо чиро аз сарвар мунтазирӣ доранд ва фаҳманд, ки ӯ аз онҳо чиро интизор аст;

3) сарвар бояд озодӣ ба зиндагӣ кардан дошта бошад;

4) сарвар ҳамеша намунаи ҳакимӣ ва адолат барои тарафдорони худ мебошад[8, с. 24].

Минбаъд, хизмати назаррасе, ки дар ташаккули тасаввур оид ба идоракунии давраи саноатикунонӣ кардааст, Адам Смит мебошад. Ӯ на танҳо яке аз намояндагони иқтисодиёти классикӣ ба шумор меравад, балки мутахассиси соҳаи идоракунӣ аст. Зеро ӯ шаклҳои гуногуни тақсими меҳнатро таҳлил карда, уҳдадориҳои шоҳ ва давлатро мушаххас менамояд.

Ба Роберт Оуэн бошад идеяи гуманизатсияи идоракунӣ, эътирофи зарурати таълим, беҳтар кардани шароити меҳнат ва маишати коргарон мансуб аст. Таҳаввул дар назария ва амалияи идоракунӣ ба номи Ч. Бэббиҷ, ки лоиҳаи «мошинаи таҳлилӣ» - ро коркард намуд, рабт дорад (намунаи технологияи ҳисоббарории рақамии муосир, ки тавассути он қарори идоракунӣ нисбатан фаврӣ қабул карда мешавад) [8, с. 25].

Давраи панҷуми идоракунӣ (охири асри XIX - ибтидои XX) дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ ҳамчун давраи низоми идоракунии бюрократӣ маъруф аст. Барномаи назариявии вай барои ташаккули консепсияи бюрократия замина гузошт. Натиҷаҳои асосии он ташаккули сохтори иерархии бузург, тақсими идоракунии меҳнат, муқаррар кардани меъёр ва стандарт, вазифа, уҳдадориҳо ва ҷавобгарии идоракунандагон мебошад.

Ин ҷо аз таҳлили мавод метавон хулоса баровард, ки дар давраи чоруми инқилоби идоракунӣ равия ва мактабҳои нави илмии идоракунӣ таъсис ёфта, назари олимонро нисбати мафҳуми идоракунӣ дигар кард. Маҳз, менеҷменте, ки имрӯз мо унвон медиҳем асри XIX, дар давраи инқилоби саноатӣ пайдо шудааст. Пайдошавии фабрикаҳо ҳамчун навъи нави истеҳсолот ва зарурати таъмини кор ба бештари гурӯҳи одамон асос гардид, ки роҳбари инфиродӣ дигар натавонад мустақилона фаъолияти ҳамаи кормандонро мушоҳида кунад. Барои муваффақ шудан ба ин мақсад кормандони фаъолро таълим медоданд, то тавонанд манфиатҳои роҳбаронро дар ҷойҳо таъмин кунанд. Минбаъд онҳо ҳамчун менеҷер муаррифӣ шуданд. Аммо талаботи асосии давраи информатсионӣ, ахбориро, ки марбут ба инқилоби панҷуми идоракунӣ мебошад, қабули ҳама гуна қарорҳои идоракунӣ, коркарди маълумот тавассути усулҳои математикӣ ва мошинаҳои ҳисоббарорӣ ташкил медиҳад. Бинобар ин, дар ин давра муносибатҳои системавӣ, ҳолатӣ ва фоизӣ ба вуҷуд омаданд[7, с. 6-19].

Ҳамин тавр, низоми муосири ақидаҳо дар бораи идоракунӣ солҳои 1970-1980 ташаккул ёфтанд, ки барои рушди онҳо омилҳои зеринро муҳим мешуморем:

- муассиса- ин низоми кушода, ки дар ягонагии омилҳои дохилӣ ва берунаи муҳит ташхис карда мешавад;

- рӯоварӣ на ба ҳаҷми барориш, балки ба сифати маҳсулот ва хизмат, ба қонеъ гардонидани талаботи истифодабарандагон;

- муносибати ҳолатӣ ба идоракунӣ, эътирофи муҳиммияти суръати гардиш ва мувофиқ будан ба аксуламал;

- сарчашмаи асосии даромад - одамоне, ки дониш ва маҳорати навпардозӣ доранд, муҳайё кардани шароит барои амалӣ намудани иқтидори онҳо;

- системаи идоракунӣ, ки барои баланд бардоштани нақши муассиса мувофиқ мебошад;

- маданият ва навпардозӣ, ҳавасманд кардани кормандон ва услуби роҳбарӣ.

Сабабҳои пайдошавии идоракунӣ, таҳаввул ва рушди он бошад аз зуҳуроти зерин манбаъ гирифтаанд:

- инқилоби илмӣ-техникӣ, захира кардани иқтидори илмӣ-истеҳсолӣ;

- дар давраи баъдиҷангӣ дар иқтисоди ҷаҳон соҳаҳое нақши асосӣ бозиданд, ки бевосита талаботи одамонро қонеъ гардонида, ба технологияи пешрафта асос гузоштанд;

- истеҳсолот бештар ба талаботи махсуси одамон тамоюл дорад, пеш аз ҳама, ба ҳудуди бозор, ки барои таъсиси муассисаҳои миёна, барои ба даст овардани низоми робитаҳо байни ташкилотҳо ҷиҳати рушд додани тиҷорат мусоидат менамоянд[5, с. 6-24].

Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳо ва маводи муътамад ба чунин хулоса меоем, ки роҳбар дар низоми идоракунии муассиса ва таъмини адолати иҷтимоӣ бояд талаботи зайлро риоя намояд:

- муносибати хуб доштан бо кормандон;

- масъулиятнокӣ дар раванди иҷрои кор;

- ташкили созгори муҳит дар ташкилот, ки барои қобилияти кормандонро мушаххас кардан мусоидат мекунад;

- таъмин кардани иштироки ҳар як корманд зимни ҷамъбасти натиҷагириҳо;

- аксуламал нишон надодан дар тағйири муҳити кории корхона;

- ҷорӣ кардани усулҳои нави кор ба кормандон ва вобаста ба қобилият қонеъ гардонидани талаботи онҳо ба кор;

- иштироки бевосита доштан дар кори гурӯҳ дар ҳамаи марҳилаҳо ҳамчун шарти мувофиқкардашудаи кор;

- доштани таҳаммули шунидани сухани кормандон, ки менеҷер бо онҳо рӯбарӯ меафтад;

- риояи ахлоқи тиҷорат;

- боварӣ ва эътимод доштан ба кормандон;

- мунтазам такмил додани дониши тахассусии худ ва ғайра.

Олими рус Н.В.Кузнецов дар тадқиқоти худ дар баробари муайян кардани инқилобҳои идоракунӣ манбаъҳои асосии ташаккули менеҷментро таҳқиқ карда, ба мафҳуми идоракунӣ чунин таъриф медиҳад: «Идоракунӣ - ин маҷмӯи санъат, илми мустақил мебошад, ки мақсади он ҳавасманд кардани одамон ва равона кардани онҳо ба иҷрои корҳои супоридашуда, муттаҳид кардани фаъолияти ҳамаи онҳо дар дохили муассиса мебошад» [8, с. 4].

Мафҳуми менеҷмент бошад, таърихан аз истилоҳи англисии «management» гирифта шуда, аз лиҳози этимологӣ маънои идоракунӣ, низоми идоракуниро дорад. Дар сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ менеҷмент маҷмӯи тарзҳои гуногуни идоракунӣ, воситаҳои технологӣ, принсипҳо, методҳо, ки барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва афзун намудани фоида нақши асосӣ мебозанд, услуби муомила бо одамон, ҳокимият, санъати самаранок истифода намудани сарватҳои зеҳнӣ, моддӣ ва молиявӣ бо мақсади муваффақ шудан ба ҳадафҳои муассиса тавзеҳ дода шудааст[8].

Ниҳоят, мувофиқ ба фаҳмишҳое, ки оид ба таърихи пайдоиш ва таҳаввули менеҷмент арзёбӣ гардидаанд, муайян кардани марҳалаҳои рушд ва мактабҳои мухталифи он мушкил аст. Зеро ҳар як муҳаққиқ дар асарҳои илмии худ, дар асоси такя кардан ба сарчашмаҳои таърихӣ марҳалаҳои рушди менеҷментро ба таври гуногун баён кардааст. Аммо дар асри XX ва ибтидои қарни XXI миёни олимони соҳавӣ Н.В.Кузнецов марҳалаҳои рушди менеҷментро ба таври дақиқ муайян кардааст, ки дар рисола мо онҳоро аз ҷиҳати илмӣ-методологӣ асоснокшуда шуморида, ба таври зайл тавсиф мекунем:

1. Марҳалаи якум, ба номи Фридрих Тейлор нисбат дорад, ки дар ибтидои асри XX, дар китоби худ «Принсипҳои менеҷменти илмӣ» бори нахуст муносибатҳои илмӣ ва принсипҳои бунёди низоми идоракуниро ташхис кард. Ширкатҳои амрикоӣ низоми идоракунии коркард намудан Тейлорро қабул карда, аҳамияти амалӣ ва таъсири онро ба рушди иқтисодиёт муҳим шумориданд. Баъдан зери таъсири назарияҳои Тейлор корҳои илмии Френка Гилберт ва Генри Гантт оид ба менеҷмент рӯи нашрро диданд.

2. Марҳалаи дуюми рушди менеҷмент ба муносибатҳои нави дар инкишофи менеҷмент пешбинишуда алоқаманд аст. Дар ин марҳала дар амалия татбиқ кардани идеяҳои намояндагони мактаби маъмурӣ, ки асосгузораш Анри Файол мебошад, ба роҳ монда шуд. Файол бори аввал назарияи нави менеҷментро пешниҳод карда, вазифа ва принсипҳои онро мушаххас намуда, зарурати омӯзиши назарияи менеҷментро талқин кард.

3. Марҳалаи сеюми рушди менеҷмент ба инкишофи мактаби «муносибатҳои инсонӣ» вобаста аст, ки намояндаи машҳури он Элтон Мэйо мебошад. Дар ин марҳала консепсияи сотсиологии қарори гурӯҳӣ татбиқ карда мешавад.

4. Марҳалаи чорум ба давраи инкишофи мактаби рафторӣ мансуб аст. Дар ин солҳо таҳаввули афкори идоракунӣ, ки ба рушди назарияи ташкили менеҷмент дар асоси дастовардҳои илмҳои психология ва сотсиология, ки таъсири ҳалкунанда ба инсон ва низоми идоракунӣ расониданд, равона карда шудааст.

5. Марҳалаи панҷуми инкишофи афкори идоракунӣ аз марҳалаҳои пешина бо он фарқ мекунад, ки дар ин давра методҳои миқдории муосири асосноккунии қарор таҳти таъсири дар амалия истифода бурдани методҳои иқтисодӣ-математикӣ ва техникаи электронӣ-ҳисоббарорӣ ба вуҷуд омаданд. Ин раванд то ба имрӯз бомуваффақият инкишоф ёфта истодааст.

6. Марҳалаи шашуми рушди менеҷментро метавон ба даврае нисбат дод, ки муносибатҳои навро дар рушди идоракунӣ, ки олимон коркард намудаанд, муҳтавояш ин аст: ташкилот ин низоми кушода, мувофиқшуда ба муҳити дохилӣ (ташкилот) бошад, зарур аст, ки аз муҳити беруна низ ҷуст.

7. Марҳалаи муосир бо чунин тамоюл тавсиф карда мешавад:

- баргашт ба гузашта - фаҳмидани моҳияти пойгоҳи моддӣ-техникии истеҳсолоти муосир;

- ба вуҷуд овардани унсурҳои рафтори иҷтимоӣ - ин тақвият додани на танҳо маданияти ташкилотчигӣ, балки шаклҳои гуногуни демократикунонии идоракунӣ, иштироки коргарони қаторӣ барои иштирок дар амалӣ намудани вазифаҳои идоракунӣ ва дигар соҳаҳои фаъолият;

- тақвият додани характери байналмилалии идоракунӣ. Гузариши кишварҳои гуногун ба иқтисоди кушода, иштирок дар мубориҳазаҳои рақобатнок ва ташкили фаъолияти муосир[9, с. 22-23].

Ин ҷо аз тамоюлгирии нуқтаи назарҳо ба чунин хулоса метавон омад, ки менеҷмент - ин як назарияи махсус, шакли нисбатан мустақилонаи фаъолияти касбӣ дар шароити низоми муносибатҳои бозаргонӣ ба ҳисоб рафта, аз менеҷер доштани дониши мукаммали соҳавӣ, таҳия кардани нақшаи дурнамои амал, коркард намуда тавонистани маълумот, қобилияти гузоштани мақсад ва нишон додани роҳҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо бо истифодаи оқилонаи захираҳои иқтисодӣ, ақлӣ ва меҳнатӣ талаб менамояд.

Дар тадқиқотҳои олимони амрикоӣ низ таърифҳои гуногун оид ба мафҳуми менеҷмент ҳамчун илми идоракунӣ дода шудааст. Асосан, мутахассисони амрикоӣ мафҳуми менеҷментро ҳамчун «идоракунии истеҳсолот» тафсир кардаанд. Онҳо байни мафҳуми «менеҷменти илмӣ» («идоракунии илмӣ») ва «илми менеҷмент» («илми идоракунӣ» ё худ «илм оид ба идоракунӣ») фарқ мегузоранд. «Илми менеҷмент» («илми идоракунӣ») ҳамчун амалияи идоракунӣ, ки дар заминаи асосҳои илмӣ ба вуҷуд меояд «менеҷменти илмӣ» ё худ таҳқиқи назариявии худи раванди идоракуниро ташкил медиҳад, фаҳмида шудааст[8, с. 22].

Хулосаи муҳаққиқони аврупоӣ ва амрикоӣ далолат аз он мекунанд, ки новобаста аз мавҷудияти нуқтаи назарҳо оид ба назария ва амалияи идоракунӣ ҳамаи намояндагони он ба хулоса меоянд, ки менеҷмент санъати идоракунии фаъолияти одамон - соҳаи махсус ва мустақили донишҳо аст. Аммо Питер Друкер муқобили тафсирҳои гуногуни менеҷмент баромад карда, қайд менамояд, ки онро танҳо дар доираҳои тиҷоратӣ, ки мазмуни фаъолияташон истеҳсоли маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасониҳои тиҷоратӣ ба одамон мебошад, мансуб донист. Аз ҷумла ӯ қайд менамояд, ки соҳибмулк ва идоракунанда

шахсиятҳои гуногун мебошанд. Менеҷмент - ин органи махсуси иқтисодии ҷомеаи саноатӣ аст[4, с. 333-341].

Ҳарчанд П.Друкер мавҷудияти принсипҳои умумии идоракуниро эътироф менамояд, вале менеҷментро ҳамчун санъати идоракунии тиҷорат таъриф медиҳад. Мувофиқ ба ин матлаб менеҷмент аз назари П.Друкер - ин принсипҳои назария ва амалияи идоракунии танҳо муассисаҳои ба кордонӣ муаррифишуда мебошад, зеро санъат, салоҳият, таҷрибаи менеҷер наметавонад ба чунин тарз дар дигар муассиса ва ниҳодҳо истифода бурда шавад.

Профессори мактаби олии тиҷорат дар назди донишгоҳи Колумбия Х.Уилям Нюмен бошад, идоракуниро техникаи иҷтимоии асосӣ меномад. Ӯ идоракуниро ҳамчун равия, роҳбарӣ ва назорати тақвияти гурӯҳи афрод барои амалӣ намудани ин ё он мақсадҳои умумӣ таъриф додааст[3, с. 341].

Воқеан, идоракунандаи муваффақ он аст, ки кӯшиш намояд, то ин ки гурӯҳ зимни фурӯши маҳсулот ва кӯшишҳо ба мақсад расад. Зеро, санъати идоракунӣ аз маҳорати техникӣ ҳангоми иҷрои кор аз ҳам фарқ доранд. Х.Н.Уилям барои тасдиқи фикри худ мисоли зеринро меорад, ки саркардаҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-баҳрӣ ба сифати идоракунанда дар ширкатҳои бонуфузи тиҷоратӣ маҳорати роҳбарӣ карданро доранд, зеро онҳо тасаввуроти умумиро дар бораи менеҷмент доро мебошанд[3, с. 341-343].

Аз таҳлили ин нуктаи назар бармеояд, ки ҳар як роҳбар бояд донад, ки то ҳадде кори ӯ хусусияти менеҷерӣ дошта ва дар баъзе ҳолатҳо характери муҳандисӣ-техникӣ мегирад. Ин на танҳо ба роҳбарони болоии муассисаю иттиҳодияҳо, балки ба ҳамаи кормандоне, ки новобаста аз сатҳ вазифаи идоракуниро амалӣ мекунанд, дахл дорад. Бисёр вақт мушоҳида мешавад, ки мутахассисони соҳибтаҷриба доир ба ҳалли масъалаҳои марбут ба идоракунии муассиса ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд, новобаста ба он ки дар соҳаи техникӣ маҳорати хуби кордониро соҳибанд. Бинобар ин, азбар кардани баъзе методҳои умумии аз лиҳози илмӣ асоснокгардида ва дар амалия санҷидашудаи идоракунӣ, дар амалинамоии салоҳиятнокӣ ва самаранокии идоракунии ҳамаи намуди муассиса, бояд нақши ҳалкунанда бозад. Чунки менеҷмент кор бо равандҳо дошта, дар сатҳҳои гуногун равиш мегирад: ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҷамъияти косибон, муассиса, ширкат, минтақа, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, барномаҳои байналмилалӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, аз муқоисаи ақидаҳо метавон менеҷментро ҳамчун илм ба ду қисм: асосҳои назариявии менеҷмент ва асосҳои амалии идоракунӣ тақсим кард. Зеро ҳар ду қисм идоракуниро ҳамчун зуҳуроти том, маҷмӯи мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Бахши идоракунии назарияи менеҷмент вобаста ба бисёрҷанба будани объекти омӯзиш дар асоси ҳамгироии илмҳои иҷтимоӣ бо маҷмӯи илмҳои марбут ба инсон пайдо шудааст. Дар он идеяҳо ва мафҳумҳои гуногун аз соҳаи илмҳои фалсафа, назарияи иқтисодӣ, сотсиология, психология, психиатерия, антропология ва ғайра ворид шудааст. Инчунин, муқоисаи объекти омӯзиш ва ҳамгироии он бо дигар илмҳо мушаххас мекунад, ки илми идоракунӣ ҷузъи илми сотсиология мебошад, ҳарчанд ки бо илмҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ наздикӣ дорад. Новобаста ба ин, илми идоракунӣ ин якҷояшавии якчанд илмҳо нест, балки соҳаи нави илм мебошад. Вазифаҳои менеҷмент - намудҳои мушаххаси фаъолияти идоракунӣ, ки тавассути роҳҳо, тарзҳои гуногун амалӣ карда мешаванд: банақшагирӣ, ташкили кор, роҳбарӣ ва назорати фаъолият мебошанд[6, с. 15].

Ҳамин тавр, дар иртибот ба маводи омӯхта, таҳқиқшуда ва истифодагардида дар чунин умумият ва фарқияти байни идоракунӣ аз менеҷментро бо чунин далелҳо асоснок менамоем:

1. Идоракунӣ - ин маҷмӯи муносибатҳо, методҳо барои ба танзим даровардани равандҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ мебошад. Менеҷмент - ин намуди

мустақили касбии амалинамоии фаъолият буда, барои муваффақ гаштан дар шароити бозорӣ, пешбинӣ кардани мақсад тавассути истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва ақлонӣ аст.

2. Истилоҳи «менеҷмент», «менеҷер» дар фаҳмиши муқаррарӣ мафҳумҳои маъмули пештар истифодашаванда, аз ҷумла, «идоракунӣ», «фаъолияти идоракунӣ», «роҳбар», «директор» - ро иваз намуд. Мафҳуми «менеҷмент» аз рӯйи моҳият синоними мафҳуми «идоракунӣ» мебошад, вале на дар доираи объекти омӯзиш. Истилоҳи «идоракунӣ» нисбат ба «менеҷмент» возеҳтар аст. Истилоҳи мазкур дар намудҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ (масалан, идоракунии нақлиёт), дар соҳаҳои мухталифи фаъолият (идоракунӣ дар табиати ғайризинда), дар низомҳои биологӣ (идоракунии давлат), дар мақомоти идоракунӣ (зерсистемаҳои муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ҳамчунин дар муассиса ва иттиҳодияҳо) истифода бурда мешавад. Истилоҳи «менеҷмент» танҳо дар идоракунии равандҳои иқтисодӣ, дар сатҳи ширкатҳо, ки дар шароити бозорӣ фаъолият мекунанд, мавриди истифода қарор мегирад.

3. Истилоҳи «менеҷмент» аз забони англисӣ гирифта шуда, бо дигар забонҳо айнан тарҷума намешавад. Дар кишварҳои англисизабон бо маъноҳои гуногун истифода бурда мешавад. Ба вижа, ба идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ бештар рабт дорад. Дар дигар ҳолатҳо мафҳумҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Масалан, барои идоракунии табиати ғайризинда истилоҳи «control», барои идоракунии давлат ва ҷамъият мафҳуми «government administration» ё «public administration» истифода бурда мешуд. Баъзе вақтҳо ба мафҳуми «management» мафҳуми «business» («business management») - ро илова мекарданд, ки ба соҳаи фаъолияти хоҷагидорӣ дахл доштанро тасдиқ мекард.

4. Дар илми муосир идоракунӣ ба менеҷмент ҳамчун низоми куҳнашудаи воситаҳо муқобил гузошта мешавад. Яъне, идоракунӣ - раванди нисбатан қадима ва менеҷмент ҷузъи механизмҳои идоракунӣ мебошад. Менеҷмент - ин тарзи тарҳсозӣ ва истифодаи низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар мадди аввал афзалиятнокии тақсимоти захираҳоро мегузорад. Мақсади асосии менеҷер - таъсиси низоми худташкилдиҳӣ мебошад, ки дар ҳама гуна ҳолат бояд аз нав ба вуҷуд оварад, инкишоф ёбад. Барои муваффақ гаштан ба ин мақсад муносибатҳои пешрафтаи идоракунӣ ва технологияи муосир истифода бурда мешаванд. Меъёри асосии сифат бошад - ин афзалиятнокӣ, муваффақ шудан ба мақсад зимни истифодаи миқдори минималии захираҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон менеҷмент на танҳо фаъолияти ширкатҳои саноатӣ, инчунин бонк, ҷамъиятҳои суғуртавӣ, агентҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, ширкатҳои нақлиётӣ ва дигар хоҷагиҳои воҳидро дар бар мегирад, ки дар бозор ҳамчун субъектҳои мустақили иқтисодӣ баромад мекунанд.

5. Идоракунӣ - ин раванди умумӣ ва менеҷмент ҷузъӣ мебошад.

6. Менеҷмент - ин илм ва назарияи идоракунӣ, ташкилдиҳандаи идораи ширкат, раванди қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад, ки предмети омӯзиш ва методҳои худро дорад. Идоракунӣ - ин низоми донишҳои илмист, ки асосҳои амалияи идоракуниро ташкил медиҳад..

Ниҳоят, дар хулоса муҳтавои зерфасли мазкурро бо чунин далелҳо асоснок менамоем:

- муҳтавои консепсияҳои рушди идоракунӣ ва инқилобҳои идоракунӣ мавриди таҳлил ва муқоиса қарор дода шуда, нақши онҳо дар рушди ҷомеа, танзими муносибатҳои иҷтимоии байни гурӯҳҳои ҷамъиятӣ муайян карда шуд;

- вобаста ба давраҳои таърихии таҳаввул ва хусусиятгириҳо марҳалаҳои рушди идоракунӣ аз назари муҳаққиқон асоснок карда шуданд;

- дар доираи баррасӣ ва муқоисаи таърифҳои ба мафҳумҳои идоракунӣ ва менеҷмент додаи олимон умумият ва фарқияти байни ин ду мафҳумҳо мушаххас гардиданд.


***Адабиёт***

1. *Большой энциклопедический словарь. - М., 1996. 1456с.*
2. *Вергилес Э. Таҳлили принсипҳои идоракунии Анри Файол. - М., 2001. 21с.*
3. *Гвишиани Д.М. Указ. раб. - С. 341*
4. *Гвишиани Д.М. Организация и управление. - М. Наука, 1972. 535с.*
5. *Герчикова И.Н. Менеджмент. - М., 1995. 480с.*
6. *Зайцева О.А., Радугин А.А., Радугин К.А., Рогачева Н.И. Основы менеджмента. - М.: Центр, 1998. 432.*
7. *Кравченко А.И. История менеджмента.- М., 2000. 352с.*
8. *Кузнецов Н.В. История менеджмента/Изд. Дальневосточного университета. 2004. – 400с.*
9. *Мескон М. Х., Альберт М., Хедоури Ф. "Основы менеджмента". - М., 1997.; Файоль А. "Учение об управлении. Доклад на втором международном съезде по управлению". Рязань, 1924.; Любович Ю. О. "Тейлор и Файоль". Рязань, 1924.; Адамецки К. О науке управления. Избр. произведения. Пер. с польск. - М., 1972.; История менеджмента: Учебное пособие//Под ред. Д.В.Валового.- М.:ИНФРА, 1997.; Корицкий Э.Б., Нинциева Г.В., Шетов В.Х. Научный менеджмент: Российская история. - СПб: Изд-во «Питер», 1999.*


## ИДОРАКУНӢ ВА МЕНЕҶМЕНТ: УМУМИЯТ ВА ФАРҚИЯТ


Дар ин мақола таърифҳои гуногуни менеҷмент, моҳият ва унсурҳои асосии он баррасӣ карда мешаванд. Таъкид шудааст, ки менеҷмент ҳамчун илми мустақил дар охири асри 19 ва ибтидои асри 20 ташаккул ёфтааст. Яке аз асосгузорони ин илм муҳандиси фаронсавӣ Анри Файол мебошад, ки панҷ вазифаи асосии идоракуниро муайян кардааст: пешгӯӣ, ташкилӣ, фармондеҳӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорат.

Муаллифи мақола таъкид мекунад, ки малакаи идоракунӣ на танҳо барои роҳбарони аршади ташкилоту корхонаҳо, балки барои ҳамаи кормандоне, ки вазифаҳои роҳбариро дар ҳама сатҳ иҷро мекунанд, муҳим аст. Аммо, тавре зикр гардид, мутахассисони ботаҷрибаи соҳаи худ на ҳамеша салоҳияти кофӣ барои идоракунии самараноки одамон ва равандҳо доранд.Аз ин рӯ, омӯзиши назария ва амалияи менеҷмент барои ҳар касе, ки дар ҷустуҷӯи рушди касбӣ ва рушд аст, як маҳорати муҳим мегардад.



**Калидвожаҳо:** менеҷмент, ҷомеа, илм, менеҷмент, принсипҳои менеҷмент, таърихи менеҷмент


## УПРАВЛЕНИЕ И МЕНЕДЖМЕНТ: ОБЩНОСТЬ И РАЗЛИЧИЕ


В данной статье рассматриваются различные определения менеджмента, его сущность и основные элементы. Отмечается, что менеджмент как самостоятельная наука сформировался в конце 19 - начале 20 века. Одним из основоположников этой науки является французский инженер Анри Файоль, который выделил пять основных функций менеджмента: прогнозирование, организация, распоряжение, координация и контроль.

Автор статьи подчеркивает, что навыки менеджмента необходимы не только руководителям высшего звена организаций и предприятий, но и всем сотрудникам, осуществляющим управленческие функции на любом уровне. При этом, как отмечается, не всегда опытные специалисты в своей области обладают достаточными компетенциями для эффективного управления людьми и процессами. В связи с этим изучение теории и практики менеджмента становится важным навыком для любого человека, стремящегося к профессиональному росту и развитию.



**Ключевые слова**: управление, общество, наука, менеджмент, принципы управления, история управления

## MANAGEMENT AND ADMINISTRATION: COMMONALITIES AND DIFFERENCES

This article explores various definitions of management, its essence, and key elements. It highlights that management emerged as an independent science in the late 19th and early 20th centuries. One of the founders of this science is French engineer Henri Fayol, who identified five primary functions of management: planning, organizing, directing, coordinating, and controlling.

The author emphasizes that management skills are essential not only for top-level executives of organizations and enterprises but also for all employees performing managerial functions at any level.However, as noted, experienced specialists in their fields do not always possess the necessary competencies for effective people and process management.In this regard, studying management theory and practice becomes a crucial skill for anyone striving for professional growth and development.

**Keywords:** management, society, science, management, management principles, history of management.

**Дар бораи муаллиф:**

**Муродзода Илҳомҷон Давлат** – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, декани факултети физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. тел: 909773232

**Об авторе:**

**Муродзода Илхомджон Давлат** – кандидат философских наук, доцент, декан физического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни. телефон: 909773232

**About the author:**

**Muradzoda Ilhomjon Davlat** - Candidate of Philosophical Sciences, docent, Dean of the Faculty of Physics of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. phone: 909773232

ТДУ 22.173

# ТАШАККУЛ ЁФТАНИ АХЛОҚИ ИТТИЛООТӢ: ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-ИҶТИМОӢ ВА НАЗАРИЯВИИ ОН

***Одиназода С.О., Баротов Ҷ.Ш.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар кишварҳои аз нигоҳи индустриалӣ тараққикардаи ҷаҳон, “инқилоби иттилоотӣ” аллакай ҷанбаҳои зиёди ҳаётро дар соҳаҳои фаъолиятҳои бонкӣ, тиҷорат, тандурустӣ, мудофиаи миллӣ, нақлиёт, фароғат ва ғайра ба таври назаррас тағйир додааст. Аз ин ҷо, технологияҳои иттилоотӣ ба ҳаёти ҷомеаҳо, оилаҳо, муносибатҳои одамон, маориф, озодӣ, низоми демократии ҳокимиятдорӣ ва ғайра таъсир (ҳам ба маънои хуб ва ҳам бад) мерасонад. Дар натиҷаи ин таъсирот ва муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ тадриҷан ахлоқи технологӣ-иттилоотӣ (минбаъд ахлоқи иттилоотӣ) ба вуҷуд омад, ки онро дар доираи васеъ ва танги маънои он шарҳ додан мумкин аст. Ба маънои танги он, этикаи иттилоотӣ - ҳамчун кӯшишҳои файласуфони касбӣ барои татбиқи назарияҳои анъанавии ахлоқӣ ба монанди утилитаризм, кантианизм ё этикаи фазилат нисбат ба масъалаҳои марбут ба истифодаи технологияҳои компютерӣ ва ба маънои васеи он – ахлоқи иттилоотиро бо қолабҳо (стандартҳо)-и таҷрибаи касбӣ, кодекси рафтор, ҷанбаҳои ҳуқуқии иттилооти технологӣ, ахлоқи корпоративӣ - ҳатто ҳамчун баъзе мавзуъҳои фанҳои ҷомеашиносӣ ва психологияи технологияҳои компютерӣ қабул кардан мумкин аст.

Ахлоқи иттилоотӣ ҳамчун соҳаи тахқиқоти илмӣ ба фаъолияти профессори Донишгоҳи технологии Массачусетс Норберт Винер дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (ибтидои солҳои 40-ум) рост меояд, ки дар он давра вай дар сохтани тӯпи зиддиҳавоии қодир ба суқут сохтани ҳавопаймоҳо кӯмак расонида буд. Мураккабии муҳандисии ин лоиҳа Н. Винер ва баъзе ҳамкасбони ӯро водор сохт, ки соҳаи нави таҳқиқотро ба вуҷуд оранд, ки онро Н. Винер “кибернетика” – илм дар бораи қонуниятҳои умумии равандҳои идоракунӣ ва интиқоли иттилоот дар низомҳои гуногуни технологӣ ном гузошт [7, с. 147]. Мафҳуми “кибернетика” дар якҷоягӣ бо компютерҳои рақамӣ, ки он замон ихтироъ шуда буданд, ба Н. Винер имкон дод, дар бораи технологияе, ки имрӯз онро технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ (ТИИ) меномем, баъзе хулосаҳои муҳими ахлоқӣ барорад. Вай оқибатҳои инқилобии иҷтимоӣ ва ахлоқии ин технологияро хеле оқилона пешбинӣ карда буд. Масалан, соли 1948 дар китоби худ "Кибернетика: ё идоракунӣ ва иртибот бо ҳайвонот ва мошин” ӯ чунин навиштааст: “Онҳое, ки аз байнамон барои рушди илми нав – кибернетика мусоидат намуданд, ба сухани оддӣ, дар ҳолати на он қадар тасаллибахш қарор доранд. Ин илми нав, ки барои пайдоиши он кӯмак расондем, ба дастовардҳои техникие оварда мерасонад, ки метавонам бигӯям, имкониятҳои бузургро барои ҳам корҳои хайр ва ҳам шарр бунёд месозад. Мо донишҳоямонро фақат ба ба олами муҳитамон интиқол дода метавонем ва он бошад, - олами Белзен ва Хиросима аст” [4, с. 78]. Дар соли 1950, Н. Винер асари дигари худ – “Истифодаи инсон аз ҷониби инсон” («The Human Use of Human Beings»)-ро ба табъ расонд. Гарчанде ки ӯ истилоҳи “ахлоқӣ иттилоотӣ” ё “ахлоқи компютерӣ”-ро (ки зиёда аз бист сол баъдтар ба доираи истеъмол ворид гардид) истифода набурда бошад ҳам, аммо ӯ заминаи фарогиреро гузошт, ки барои таҳқиқот ва таҳлили ахлоқи иттилоотӣ-компютерӣ имрӯз муҳим боқӣ мемонад. Китоби Н. Винер аз ин нигоҳ муҳтавои зерин дорад: 1) тавсифи ҳадафи зиндагии инсон; 2) чор принсипи адолат; 3) усули тавонои таҳқиқи этикаи амалӣ; 4) муҳокимаи масъалаҳои асосии этикаи иттилоотӣ-компютерӣ; 5) мисолҳо ва намунаҳо барои мавзуъҳои асосии этикаи иттилоотӣ-компютерӣ [19, с. 44]. Ба ин маънӣ, тасдиқ кардан мумкин аст, ки асосҳои ахлоқи технологӣ-иттилоотиеро, ки Н. Винер гузошта буд, аз талаботи замонаш хеле пеш гузашта буданд, аммо дар тӯли даҳсолаҳои баъдӣ асосан нодида гирифта мешуданд. Дар

ҳоле, ки ӯ мутмаин буд, ки ҳамгироии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ ба ҷомеа дар ниҳояти кор бо навсозии ҷомеа – "инқилоби дуюми саноатӣ" натиҷа хоҳад гирифт.

Дар миёнаҳои солҳои 60-уми асри гузашта муҳаққиқи дигар Д. Паркер аз SRI International дар Менло-Парки Калифорния ба таҳқиқи истифодаи ғайриахлоқӣ ва ғайриқонунии компютерҳо бо ҷалби мутахассисони компютер шурӯъ кард. Чунин ба назар мерасид, - мегӯяд Д. Паркер, "вақте ки одамон ба маркази компютер ворид шуданд, ахлоқашонро дар назди дари хонаашон тарк кардаанд" [10, с. 46]. Вай намунаҳои ҷиноятҳои компютерӣ ва дигар фаъолиятҳои ахлоқии вобаста ба машғулиятҳои компютериро ҷамъ оварда, соли 1968 "Қоидаҳои ахлоқ дар коркарди иттилоот"-ро дар маҷаллаи "Communication of the ACM" ба табъ расонд ва таҳияи аввалин Қоидаи рафтори касбиро барои Иттиҳодияи техникаи компютерӣ роҳбарӣ кард, ки он дар ниҳояти кор аз ҷониби ACM дар соли 1973 қабул гардид. Дар тӯли ду даҳсолаи оянда, Д. Паркер китобҳо, мақолаҳо, гуфтугӯҳо ва семинарҳоеро эҷод намуд, ки соҳаи ахлоқи иттилоотиро рушд дода, ба он қувва ва маъное бахшид, ки то ба имрӯзҳо афзоиш меёбад. Ҳарчанд фаъолияти Д. Паркер ба пояи ягонаю муназзами назариявӣ асос наёфта буд, аммо он марҳилаи навбатии муҳиммеро дар таърихи рушди ахлоқи иттилоотӣ пас аз Н. Винер нишон медиҳад [17, с. 78].

Дар охири солҳои 60-уми асри гузашта Ҷ. Вайзенбаум, муҳаққиқи компютер дар Донишкадаи технологии Массачусетс дар Бостон, барномаи компютериро бо номи ELIZA сохмон дод. Дар озмоиши аввалини худ бо ELIZA, ӯ намунаеро мураттаб сохт, ки мебоист тақлиди дағали "психотерапевти роҷериеро, ки таҷрибаи аввалинашро бо бемор мегузаронд", таъмин мекард. Ҷ. Вайзенбаум аз вокуниши одамон ба барномаи оддии компютерии ӯ ба ҳайрат афтода буд: баъзе равоншиносоне, ки таҷрибаи амалӣ мегузарониданд, онро ҳамчун далеле мешумуранд, ки гӯё компютерҳо ба зудӣ психотерапияи автоматикунониро таъмин хоҳанд кард. Ҳатто олимони компютершинос дар Донишкадаи технологии Массачусетс бо эҳсоси баланд ба компютер мароқ зоҳир намуда, андешаҳои махфиашонро бо он мубодила менамуданд. Ҷ. Вайзенбаум аз он сахт нигаронӣ мекашид, ки "модели коркарди иттилоот"-и инсон тамоюли афзояндаи олимон ва ҳатто ҷомеаро барои тақвияти ғоя дар бораи он ки одамон ҳамчун мошинҳо баррасӣ хоҳанд шуд, пуштибонӣ менамояд [3, с. 27-45].

Дар миёнаҳои солҳои 70-уми асри гузашта муҳаққиқи дигари амрикоӣ У. Мэнер истилоҳи "этикаи компютери"-ро барои ифода намудани соҳаи тадқиқоте ба кор мебарад, ки масъалаҳои ахлоқиро меомӯзад ва он тавассути технологияи компютерӣ хусусиятҳои мураккаб, таҳвилшаванда ва бунёдшавандаро ноил мегардад. Ӯ дар Донишгоҳи Олд Доминион дар ин мавзӯъ гузаронидани як курси махсуси таҷрибавиеро пешкаш мекунад ва дар охири солҳои 70-ум ва миёнаҳои солҳои 80-ум ба курсҳои донишгоҳӣ дар соҳаи этикаи компютерӣ таваҷҷӯҳи зиёдро дар миёни олимону муҳаққиқон ба миён овард. Ҳамин тавр, У. Мэнер аҳамияти таҳқиқи ахлоқи компютериро муҳим дониста, дар яке аз мақолаҳояш дар бораи ин ахлоқ чунин навиштааст: "Ба андешаи ман, эҳтиёҷоти даркшуда ба тарбияи ахлоқӣ ҳамсони омӯзиши ахлоқи компютер нест ва буда ҳам наметавонад. Баръакс, он бояд ҳамчун соҳае бошад, ки зотан сазовори омӯзиш бошад ва на барои он ки дар айни замон метавонад барои ҳадафҳои муайяни иҷтимоии олӣ воситаҳои муфид фароҳам оварда метавонад" [15, с. 14].

То ба солҳои 80-ум як қатор оқибатҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии технологияҳои иттилоотӣ дар Амрико ва Аврупо ба мушкилоти умумииҷтимоии он табдил ёфтанд: масалан, ҷиноятҳо бо истифода аз компютер, офатҳои садамавие, ки дар натиҷаи тахриб шудани низомҳои компютерӣ ба миён меомаданд, ё дахолат кардан ба ҳаёти шахсӣ тавассути хазинаи маълумоти компютерӣ ва бар асоси он ҷараён гирифтани мурофиаҳои муҳимми додгоҳӣ доир ба масъалаи ҳуқуқи шахсӣ ба таъминоти иттилоотӣ ва ғайраҳо аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Файласуф Ҷ. Мур аввалин шахсе буд, ки масъалаҳои асосии ахлоқи компютерӣ-иттилоотиро дар шаклҳои зерин ба миён гузошт: "ноаёниҳои компютерӣ", "фиреби ноаён", "арзишҳои ноаёни барнома", "маҷмуи ноаёни ҳисоботи ададӣ" ва ғайра [6, с. 266-275]. Илова бар ин, дар соли 1987 Маркази тадқиқотии ҳисоббарорӣ ва ҷомеа (RCCS) дар Донишгоҳи давлатии Коннектикут ва Институти тадқиқоти этикаи муҳандисии нармафзор (SEERI) дар

Донишгоҳи давлатии Теннесси дар охири солҳои 90-ум таъсис дода мешавад. Умуман, дар солҳои 90-ум курсҳои нави иттилоотӣ-компютерӣ дар донишгоҳҳо, марказҳои тадқиқотӣ ташкил шуда, дар конфронсҳо, маҷаллаҳо, мақолаҳо ва китобҳои дарсӣ ҳамчун мавзуи таҳқиқ рӯи кор омаданд. Масалан, мутафаккироне ба монанди Д. Готтерберн, К. Миллер, С. Роҷерсон ва Д. Мартин, инчунин созмонҳое ба монанди Computer Professionals for Social Responsibility, Electronic Frontier Foundation, ACM-SIGCAS ва дигарон лоиҳаҳои марбут ба масъулияти ҳисоббарорӣ ва касбиро ба уҳда гирифтанд. Рушди этикаи иттилоотиро минбад дар Аврупо ва Австралия, аз ҷумла дар марказҳои нави тадқиқотӣ дар Англия, Лаҳистон, Ҳолланд ва Италия қайд кардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки аз солҳои 1940 то 1960, ягон фанни таълимӣ бо номи "этикаи компютерӣ" (ба истиснои асарҳои У. Винер ва Д. Паркер) вуҷуд надошт. Аммо, ибтидо аз соли 70-ум мутафаккирони фаъоли соҳаи компютерӣ дар мисоли У. Мэнер кӯшиш ба харҷ доданд, ки ҳадди ақал ахлоқи иттилоотӣ-компютериро ҳамчун соҳаи таҳқиқоти илмӣ ба нақша гирифта, аҳамияти онро муайян намоянд. Ба таври мушаххас ин кӯшишҳои эшон дар он ифода меёфт, ки аввалан, дар мисоли У. Мэнер, ахлоқи компютерӣ ҳамчун соҳае муайян гардид, ки он "мушкилоти ахлоқиеро, ки тавассути технологияи компютерӣ мураккаб, таҳвилшаванда ва пайдошаванда мегарданд", мавриди омӯзиш қарор гирад. Ба андешаи ин мутафаккир, баъзе мушкилоти ахлоқии куҳна ба фазли компютер мураккабу печидатар ва баъзеи дигарашон ба туфайли технологияҳои иттилоотӣ комилан нав шуда истодаанд [15, с. 23-25]. Дар муқоиса бо соҳаи нисбатан пешрафтаи этикаи тиббӣ, У. Мэнер ба татбиқи назарияҳои анъанавии ахлоқӣ, ки онро файласуфон дар таълимоташон, махсусан дар таҳлили этикаи утилитарии файласуфони англис Ҷ. Бентам ва Ҷон Стюарт Милл ё ахлоқи ратсионалии файласуфи олмонӣ И. Кант, "этикаи амалӣ" номида шудааст, таваҷҷуҳашро мутамарказ менамояд.

Ахлоқи иттилоотиро дар баъзе ҳолатҳо Л. Флориди "макроэтика" низ номидааст ва ин мафҳумро бештар ҳамчун шакли ахлоқи экологӣ низ маънидод мекунад ва онро дар нисбати мавҷудоти зинда то ба объектҳои иттилоотӣ, яъне ҳама чиз мавриди истифода қарор медиҳад. Ба андешаи ӯ, ҳамаи объектҳои иттилоотӣ ҳадди аққал арзиши ахлоқӣ доранд ва аз ин рӯ метавонанд мавзуи ахлоқӣ бошанд. Мавҷудоти ғайриинсонӣ, аз ҷумла низомҳои ҳайвонот ва системаҳои компютерӣ, низ метавонанд мавзуҳои ахлоқӣ бошанд, ба шарте ки агар мафҳуми масъулияти ахлоқӣ аз мафҳуми озодии иродаи ахлоқӣ ҷудо шуда бошад. Дар маҷмуъ, чор принсипи асосии ахлоқи иттилоотии Л. Флориди маълум аст: 1) энтропия (дараҷаи бебозгаштӣ, ғайриидеалии раванди воқеӣ) набояд дар соҳаи иттилоотӣ пайдо шавад; 2) энтропия бояд дар соҳаи иттилоотӣ пешгирӣ карда шавад; 3) энтропия бояд аз соҳаи иттилоотӣ хориҷ карда шавад; ва 4) ба шукуфоии объектҳои иттилоотӣ, инчунин тамоми соҳаи иттилоотӣ бояд тавассути ҳифз, рушд ва ғанисозии хосиятҳои онҳо мусоидат намоянд. Ҳамин тариқ, муошират ва назорат ба моҳияти ҳаёти ботинии инсон ва инчунин ба зиндагии ӯ дар ҷомеа тааллуқ дорад.

Навовариҳои асосии илмӣ ва технологӣ аксар вақт оқибатҳои амиқи иҷтимоӣ ва ахлоқӣ доранд. Масалан, дар Аврупо дар асрҳои XVI-XVII Коперник, Нютон ва дигар олимон модели нави тавонои Оламро таҳия карданд. Аз ин дастовардҳои илму техника илҳом гирифта, файласуфҳое ба монанди Гоббс, Локк ва Руссо табиати инсонӣ ва идеяи ҷомеаи хубро таҷдиди назар намуда, одамонро ҳамчун қувваҳои ақлоние ҳисоб мекарданд, ки онҳо қодиранд мустақилона андеша ронанд ва тавассути илму китоб дониш гиранд, ҷомеаро, бошад, ҳамчун эҷоди шаҳрвандони дорои иттилоот ва оқиле шарҳ медоданд, ки бо ҳам тавассути шартномаҳои иҷтимоӣ ҳамкорӣ менамоянд. Ин таҳаввулоти фалсафӣ ба назарияҳои ахлоқӣ, ба мисли назарияҳои Бентам ва Кант, инчунин тағйироти сиёсӣ, ба мисли инқилоби Амрико ва инқилоби Фаронса асос гузоштанд. Имрӯзҳо бошад, дар пояи дастовардҳои назарраси илмӣ дар илмҳои физика, биология ва кибернетика ва пас аз дастовардҳои технологии охир дар ҳисоббарории рақамӣ ва шабакаҳои иттилоотӣ, файласуфон бори дигар табиати инсон ва ҷомеаро аз нав баррасӣ мекунанд. Тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ (ТИИ) фаъолиятҳои бисёреро, ки мо дар асри XXI дар

олами тиҷорат, молия, нақлиёт, тандурустӣ, илм, маориф, идоракунӣ, алоқа, таъминоти энергия, истеҳсоли саноатӣ, мудофиа ва ғайра анҷом медиҳем, қаблан имконнопазир буданд. Компютерҳо воситаи зарурии коркарди ҳамаи лоиҳаҳои азим ва кӯшишҳои мураккаби мо барои ҳадафҳои дигар гардидаанд. Баъзе мушкилоти асосии ахлоқии ҷомеаҳои иттилоотӣ дар ибтидои асри XXI ба сифат ва эътимоднокии иттилоот, назорат ва идоракунии Интернет, масъулият барои коркарди маълумот, моликияти нармафзор, махфият ва ҳифзи маълумоти шахсӣ ва ғайра дахл доранд. Ин рӯйхат пурра нест ва дар баробари рушди технология масъалаҳо ва мушкилоти нав доимо ба миён меоянд. Чунин масъалаҳо ва мушкилот дар мубоҳисаҳои ошкоро ҷои намоёнро ишғол намуда, дар арсаи сиёсат таваҷҷуҳи хосс ва одатан танзими онро талаб мекунанд, зеро эҳтимолан ба ҳаёт ва манфиати бисёриҳо таъсир расонида тавонад. Масалан, чуноне ки А.Н. Балашов қайд мекунад, технологияи иттилоотӣ дар сиёсат мисли технологияҳои сиёсӣ дар маҷмӯъ на фақат бо технологияҳои интихоботӣ маҳдуд мешавад ва технологияҳои иттилоотӣ на фақат дар мубоpизаҳои сиёсӣ, балки барои таҳия ва қабули қарорҳо дар соҳаи сиёсат, баланд бардоштани самаранокии идоракунии субъектҳои сиёсат (давлат, ҳизбҳои сиёсӣ ва ғайра) ба кор бурда мешаванд. Дар идомаи ин андешаҳояш муҳаққиқи мазкур илова мекунад: "Бузургтарин муваффақият дар амалияи кишварҳои пешрафта татбиқи ҳукумати электронӣ мебошад, ки роҳи нави ҳамкориро дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии хадамоти давлатӣ муайян мекунад. Ҳадафҳои асосии ҳукумати электронӣ инҳоянд: беҳтар намудани хизматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ ва тиҷорат; баланд бардоштани дараҷаи иштироки ҳамаи интихобкунандагон дар равандҳои идоракунии кишвар; дастгирӣ ва тавсеаи имкониятҳои худхизматрасонӣ ба шаҳрвандон; боло бардоштани огоҳии технологӣ ва тахассуси шаҳрвандон ва ғайра" [2, с. 88].

ТИИ дорои хосиятҳоест, ки тасмими инсонро дар нисбати ҷавобҳо ба саволҳои ахлоқие, ки онҳо ба миён меоранд, душвор месозад ва албатта он як технологияе нест, ки агар аз мушкилот ва натиҷаҳои кори он нороҳат бошем, метавонем онро хомӯш созем ё ба сӯе партоем. Таҷҳизоти маъмулии маишӣ ва ашёҳои оддӣ имрӯзҳо компютерҳо мебошанд ва аксар вақт тавассути технологияҳои шабакавии бесим бо ҳам пайваст мешаванд. Инсон метавонад ҳамон як ҷиҳози иттилоотиро барои пешгӯии обу ҳаво, тақсим кардани нерӯи барқ дар як қисми кишвар, ба корхонаҳои истеҳсолӣ, бойгонии маълумоти ҳукумат ва ғайра истифода барад. Аз ин рӯ, мушоҳида намудани унсурҳои умумӣ дар зуҳуроти бисёр ва татбиқи ТИИ дар амалия аксаран кори душвор аст. ТИИ як навъи мета-технология, яъне технологияест, ки дар таҳия ва истифодаи технологияҳои дигар ҳамчун як ҷузъи муҳими инфиродӣ ба кор меравад. Онҳо, масалан, дар соҳаи тандурустӣ истифода мешаванд ва нигоҳубини тиббӣ ба таври куллӣ тағйир ёфтааст; истифодаи онҳо дар соҳаи илму маориф ба ҳолате оварда мерасонад, ки илм ва таълим ҳеҷ гоҳ ба шакли пештарааш боқӣ нахоҳад монд; интернет ва шабакаи иттилоотии умумиҷаҳонӣ дар ҳаёти кӯдакон ҷорӣ шудааст, ки ҳаёти онҳо аз кӯдакии одамоне, ки бе ягон бозиҳои компютерӣ ва сайтҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ба воя расидаанд, фарқияти куллӣ дорад. Дар иртибот бо ин масъалаҳо муҳаққиқони рус А.И Комаров ва В.М. Панченко менависанд, ки "таҳлили воситаҳои компютерии таълим, инчунин низоми вазифаҳои педагогие, ки дар ин замина ҳаллу фасл мешаванд, таъсири технологияҳои иттилоотиро ба тақсими нақшҳо дар байни иштирокчиён ва ташкилкунандагони раванди таълим, такмили механизмҳои ҷамъоварӣ, коркард ва муаррифии иттилоот, афзалияти вазифаҳои назорат ва баҳогузории сатҳи дониш ва маҳорати истифодабарӣ аз васоити компютерии таълим нишон медиҳад. Бояд қайд кард, ки ба асоси методҳои таҳқиқ ва коркарди васоити компютерии таълим бунёд гузоштани методологияи тамоюлоти сохтории рушди низомшиносӣ, усулҳои таҳқиқи даврият дар тафсири методологияи муҳандисии системавӣ, натиҷаҳои тадқиқот дар соҳаи педагогикаи эҷодӣ ва психологияи маърифатӣ зарур аст" [5, с. 195].

Коркарди низомҳои иттилоотӣ ва идоракунии лоиҳаҳо аз ҷониби С. Роҷерсон ва Т. Байнум низ дар бораи ҷорӣ намудани ахлоқ дар таҳияи низомҳои иттилоотӣ ва идоракунии лоиҳаҳо ёдовар мешаванд. Онҳо пешниҳод мекунанд, ки аз нуктаи назари "техно-иқтисодӣ"

ба равиши “техно-иҷтимоию иқтисодӣ” дар идоракунии лоиҳа гузаранд ва ин нуқтаи назарро чанд муаллифи дигар, монанди Е. Мамфорд таҳия кардааст. Е. Мамфорд аҳамияти ин методологияро таъкид намуда, онро аз панҷ самти асосии ниёзҳои кормандон иборат медонад: касби дониш (омӯхтани чизҳои нав), ҷанбаи психологӣ (талабот ба эътироф), самаранокӣ (талабот ба дастгирӣ ва назорат), ахлоқӣ (адолат) ва сохтори вазифа. Талаботи корманд ва эҳтиёҷоти корфармо дар ниҳояти кор бояд баробар қонеъ карда шаванд [16, с. 66].

Ахлоқи муосири иттилотӣ ва компютерӣ мавзӯъҳои анъанавӣ, аз қабили ҷиноятҳои иттилоотӣ-компютерӣ, махфӣ ва пинҳон будани иттилоот, озодӣ, ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, масъулияти касбӣ ва амсоли онҳоро вобаста ба масъалаҳои нави ахлоқӣ баррасӣ менамояд. Рушди технология боиси пайдоиши мушкилоти нав дар соҳаҳои номбаршуда ва намудҳои комилан нави мушкилот мегардад. Навовариҳои технологӣ маъмулан масъалаҳои ахлоқиро на дар як, балки якчанд соҳаҳо матраҳ месозад. Инчунин имкон дорад, ки масъалаҳои ахлоқи иттилоотӣ-компютериро ба маънои анъанавии ин истилоҳ ба майдони баҳс кашид, зеро онҳо ба ҳамкории инсон ва компютер, ба дастгоҳҳои иттилоотӣ-компютерӣ, робототехника ва ғайра иртибот доранд. Дар тӯли таърихи рушди Интернет мафҳумҳо ва истилоҳоти нави вобаста ба он арзи вуҷуд кардан гирифтанд, ки яке аз онҳо Интернети ашё (ба англ. – “Internet of Things” ва ба русӣ – “Интернет вещей”) мебошад (дар илми муосир шакли мухтасари онро бо ҳарфҳои IoT ишора мекунанд ва минбаъд мо низ ҳамин ихтисораро ба кор мебарем). Асосгузори Шӯрои аврупоии “Интернети ашё” Р. ван Краненбург дар ҳамроҳӣ бо А. Басси тасдиқ мекунанд, ки мушкилоти вобаста ба Интернети ашёро наметавон бо механизмҳои мавҷудаи сиёсат ва барномаҳои тадқиқотӣ ҳаллу фасл кард, зеро суръати кории онҳо хеле суст ва хусусияти абзорӣ доранд [13, с. 1-5]. Ба ҳамин монанд, Д. Попескул ва М. Георгеску масъалаҳои ахлоқии IoT -ро, ки ба ҳассосияти маълумот, иттилоот ва донишҳои интиқолшаванда иртибот доранд, таъкид мекунанд. Бо фаъолияти IoT истифодаи васеъ аз дастгоҳҳои сенсорӣ (ҳассосӣ) зич алоқаманд аст. Низомҳои электронии сенсорӣ (камераҳо, детекторҳои инфрасурхи ғайрифаъол ва ғайра) дар низомҳои амниятӣ ба таври васеътар маъмуланд, аммо онҳо муддати тӯлонӣ ба интернет ё шабакаҳои дигар пайваст нашуда буданд. Дар иртибот бо ин чунин ду навъи техникаи сенсориро ҷудо кардан мумкин аст: дастгоҳҳои сенсории устувор (статикӣ), ки дар ҷои муайян насб карда шудаанд ва дастгоҳҳои сенсории мобилӣ, ки дастгоҳҳои шахсӣ буда, бо соҳиби он фаъолият мекунанд. Дар баробари сенсорҳои анъанавӣ, намудҳои нави дастгоҳҳои сенсории шабакавӣ мавҷуданд, ки ҳатто дар утоқҳои истиқоматӣ низ насб карда шудаанд - масалан, Microsoft Kinect. Истифодаи васеи ин дастгоҳҳо саволҳои навро дар бораи дахолатнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ ба миён овардааст.

Ҳамчунин дар тӯли рушди Интернет шумораи афзояндаи дастгоҳҳои нави сенсории мобилӣ / интиқолшаванда ба вуҷуд омаданд, ки аксари онҳо ба интернет бо ин ё он тарз мустақиман ё тавассути телефони мобилии шабакавӣ ё компютери фардӣ пайваст мешаванд. Ин дастгоҳҳои сенсории интиқолшаванда маълумоти марбут ба саломатии инсон ва маълумоти биометрӣ (масалан, шумораи афзояндаи “дастпонаҳо-фитнес”) ё пайваста маълумоти аудиовизуалӣ ба монанди Google glass ё “экшн-камераҳо”-ро сабт мекунанд.

Бо сенсорҳои нав таҷҳизоти навтарин ва мушкилоти робототехника низ иртибот доранд. Яке аз масъалаҳои мубрами имрӯза технологияи пайдоиш ва рушди ҳавопаймоҳои бесарнишин мебошад. Таҳқиқоти зиёди ахлоқӣ ба масъалаи истифодаи дронҳо барои ҳадафҳои низомӣ бахшида шудаанд. Масалан, М. Коэкелберг таҳлил мекунад, ки ҷанги дронҳои бесарнишин на танҳо масофаи ҷисмонӣ, балки ахлоқиро ба вуҷуд меорад, ки он “нобуд кардани рақибро осон мекунад”. Истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин барои ҳадафҳои ғайриҳарбӣ таҳти санҷиши мураккаби ахлоқӣ дучор намегардад. Дар ин раванд, ба андешаи муаллиф, дар истинод бар «Ахлоқи Никомаха”-и Арасту, байни ду шарти масъулият фарқ гузоштан мумкин аст: ба ақидаи Арасту шахс набояд ба иҷрои коре маҷбур карда шавад (шарти озодӣ / назорат) ва набояд дар бораи коре, ки иҷро мекунад, бехабар намонад, ба ибораи дигар, ӯ бояд донад, ки чӣ кореро анҷом медиҳад [1, с. 93]. М. Коэкелберг дар идомаи ин матлаб қайд мекунад, ки муҳокимаи шарти аввал дар нисбати

бесарнишин (дрон) бо дар назардошти рушди бесарнишинҳои нисбатан мустақилпарвоз хеле ҷолиб аст, Шарти дуюм шарти мантиқии эпистемӣ буда, ҳолати аз ҷониби инсон идора шудани ҳавопайморо дар назар дорад [12, с. 88-89].

Интернет инчунин асъори пулии рамзпоя (криптовалюта)-и маҷозиро ба вуҷуд овард. Пайдоиши асъори маҷозие ба монанди биткоин низ масъалаҳои ахлоқии таҳқиқнашударо ба миён меорад ва ин масъала махсусан дар байни иқтисоддонҳои муосир тахти баҳсҳои амиқ қарор гирифтааст. Иқтисоддони амрикоӣ П.Р. Кругман тамоми низоми пардохти арзии рамзпояро ба он муттаҳам мекунад, ки биткоин "шарр" аст [14, с. 12-14]. Иқтисоддонҳои дигари амрикоӣ Ҷ.Ҷ. Энгел ва Д. Маккаби шаклҳои пардохт – асъори коғазӣ, пластикӣ ва маҷозиро муқоиса карда, ба хулосае омадаанд, ки байни пардохткунанда ва қабулкунандаи ин асъор аксаран муносибатҳои ғайримутавозӣ вуҷуд доранд ва аз ин рӯ, адолатро дар ин шаклҳои пардохт зери шубҳа мегузоранд. Ба ақидаи онҳо, механизмҳои пардохт аз ҷиҳати ахлоқӣ бетараф боқӣ мемонанд ва метавонанд ба таври ахлоқӣ ё ғайриахлоқӣ мавриди истифода қарор гиранд [8, с. 1-9]. Дар муқоиса бо ақоиди иқтисоддонҳо мутахассисони соҳаи коппютер ин масъалаҳоро аз диди худашон баррасӣ мекунанд. Масалан, олимони даниягии соҳаи компютер Ҷ.А. Бергстра ва К. де Леу дар таҳлили худ бо дарки моҳияти худи биткоин маҳдуд нашудаанд. Онҳо биткоинро ҳамчун пулҳои иттилоотии техникӣ (ПИТ) тасниф намуда, мафҳуми пулҳои иттилоотиро, ки коркард кардани онҳо имкон дорад, таҳқиқ мекунанд ва он пулҳои сирф иттилоотӣ (ПСИ) мебошанд. Онҳо як таҷрибаи фикриро пешниҳод мекунанд, ки ба битгюлдер (bitguilder), нусхаи маҷозии биткоин, ки ба ПИТ мувофиқат мекунад, баррасӣ менамоянд. Дар мақолаи онҳо инчунин таҳлили ахлоқи тиҷоратии биткоин, ки як қатор мушкилотро эҷод мекунад, оварда шудааст [9].

Дар замони муосир технология иттилоотӣ инчунин мушкилоти дигари ахлоқиро ба вуҷуд овардааст, ки дар миёни онҳо Linked Data – дар иттилоот маҷмуи маълумоти ба ҳам пайваста дар дохили шабакаи умумиҷаҳонии иттилоот, ки ҳадафи он интишори маълумоти сохторӣ дар шакли қолабӣ мебошад, ки метавонанд бо ёрии веб-технологияҳои мунташирёфта бо ҳам пайваст ва мавриди истифода қарор гирифта, дар ниҳояти кор ба қолабҳои интернетӣ ба мисли HTTP, URI ё PDF табдил ёбанд. Ин равиш бо консепсияи Big Data (технологияҳое, ки барои кор бо миқдори зиёди маълумот пешбинӣ шудаанд) ва дастовардҳо дар алгоритмҳои омӯзиши техникӣ робита дорад. Бояд қайд кард, ки таҳқиқоти ҳамаҷонибаи ахлоқӣ дар ин самт ҳоло ҳам вуҷуд надоранд, дар ҳоле ки бо афзоиши миқдори маълумоти дар интернет мавҷудбуда ва бо ҳам алоқаманд, таваҷҷуҳи бештар ба зеҳни сунъӣ ва огоҳии афзоянда аз нигарониҳои эҳтимолии ахлоқии он дода мешавад. Олими машҳури астрофизика С. Ҳокинг изҳор доштааст, ки "рушди зеҳни сунъии мукаммал метавонад боиси поён ёфтани вуҷудияти насли инсонӣ гардад" [11]. Монанди ӯ роҳбарони ширкатҳо, ба монанди Е. Маск - сарвари Tesla Corp. ё Б.Гейтс - муассиси Microsoft зеҳни сунъиро барои ояндаи инсоният хатар мешуморанд. Ҷ.Таллин аз Маркази омӯзиши хатари мавҷудбуда ва Пажӯҳишгоҳи ояндаи ҳаёт бар ин назар аст, ки зеҳни сунъии муосир ба гумон аст, ки таҳдиде эҷод кунад, аммо системаҳои оянда, ки фарозеҳн (superintelligence)-и сунъӣ ном доранд, метавонанд хатари ҷиддиро ба бор оранд. Низомҳои зеҳни сунъӣ ба монанди Alexa Amazon, IBM's Watson ва Google Brain заррае аз ин низомҳои зуҳурёбанда мебошанд, ки онҳо барномаҳои гуногуни иттилоотӣ, миқдори зиёди маълумот ва алгоритмҳои пешрафтаи омӯзиши техникиро муттаҳид мекунанд. Ҷорӣ намудани "ёрдамчиёни шахсии" маҷозӣ дар шакли нармафзори дар телефонҳои мобилӣ ҷойгиршуда (масалан Apple Siri, Microsoft Cortana, Google Now) навовариҳои назарраси технологиро ифода мекунад, аммо мушкилоти ҷиддии ахлоқиро низ ба миён меоранд. Баъзе мушкилоти эҳтимолӣ, ба монанди нақзи ҳуқуқи инсон, ки ба ҳайси намуна барои шахсиятҳои маҷозӣ истифода бурда шудаанд, дар таҳқиқоти Б.Д. Вэссом мавриди муҳокима қарор гирифтааст [18, с. 23]. Аммо инчунин масъалаҳои ахлоқӣ бо табиати ба барномаҳои хоссаи компютерӣ ва интернетӣ асосёфта арзи вуҷуд менамоянд: ҳар як ҳамкории корбарон ба маркази марказии ҳисоббарории провайдер фиристода мешавад, таҳлил карда мешавад ва натиҷаҳо ё ҷавобҳо ба дастгоҳ баргардонида мешаванд. Ин тарзи фаъолият ногузир хатари ҷиддии дахолатнопазирӣ ва амнияти шахсии

афродро ба бор меорад ва он масъалаест, ки дар бораи он бозрасӣ ва арзёбии мукаммал ва мушаххаси ахлоқӣ то ҳол гузаронида нашудааст.

Инчунин, оқибатҳои нодуруст ва бемақсадона истифода бурдани технологияи иттилоотиромуҳаққиқи муосири тоҷик Беҳбудов Шаҳобҷон мавриди таҳлили амиқ қарор дода, зикр намудаст, ки масъалаҳои асосии истифодаи технологияи иттилоотиро дар шабакаҳои умумиҷаҳон, ки дахлнопазирӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба маълумот ва фаъолияти зараровар дар Интернет марбутанд, баррасӣ мешавад...Аён аст, ки ҳама чиз ба масъалаи дахлнопазирӣ, ки ба имконияти санҷиши вуҷудияти ирсият дахл дорад ва он одамонро зери хатари бемориҳои гуногуни барои ҳаёт таҳдидкунанда, ба монанди саратон, вомегузорад, мутааллиқ аст. [7, с. 43-44].

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае мерасем, ки ахлоқи иттилоотӣ-компютерӣ барои муҳокимаи мушкилоти ахлоқии ҷомеаи муосири инсоният мусоидат мекунад, ки онҳоро дар доираи назарияи этикаи муқаррарӣ ҳаллу фасл кардан осон нест, аммо онҳо то ба ҳол дар ҳаёти ҳаррӯзаи корбарони компютер муҳим арзёбӣ мегарданд. Чунин мубоҳисаҳо метавонад боиси таҳияи қоидаҳои умумиахлоқӣ гардад, ки принсипҳои ихтиёрӣ ва дар доираи манфиатҳои умумӣ қабулшудаи танзими рафтори инсон мебошанд ё ҳатто боиси қабули қонунҳои наве мешаванд, ки онҳо аз ҷиҳати ахлоқӣ ниҳоят муҳимманд. Ба ҳайси нуқтаи ибтидоии чунин баҳсҳо дар ин бахши таҳқиқотиамон шарҳи таърихи пайдоиш ва рушди ахлоқи компютериро ҳамчун як объекти таҳқиқотӣ, ки дар тӯли қариб як аср идома меёбад ва ҳоло болоравии экспоненсиали (зиёдшавии қимати ададӣ ҳангоме ки агар суръати афзоиш ба арзиши худи ҳамин қимат баробар аст)-ро аз сар гузаронда, пешгӯиҳои навро дар бораи масъалаҳои ахлоқии технологияҳои компютерро пешниҳод мекунад.

### *Адабиёт*


1. *Аристотель. Сочинения: В 4-х т. Т. 4 / Пер. с древнегреч. Общ. ред. А.И. Доватура. - М.: Мысль, 1983. -830.*
2. *Балашов А.Н. Информационные технологии в политике: сущность, содержание и классификация // Среднерусский Вестник общественных наук. Политология: актуальные аспекты. № 2, 2014. С. 88.*
3. *Вейценбаум Дж. Возможности вычистительных машин и человеческий разум. От суждений к вычислениям. Пер. с англ./ Под ред. А. Л. Горелика. - М: Радио и связь, 1982. - 368с.*
4. *Винер Н. Кибернетика или управление и связь в животном и машине. Второе изд. М.: “Советское радио”, 1968. -322с.*
5. *Комаров А.И., Панченко В.М. Оовенности реализации интерактивного обучения // Современные информационные технологии и ИТ-образование. Т. 1 (№ 11), 2015. С. 195.*
6. *Мур Дж. Э. Принципы этики / Пер. с англ. Коноваловой Л. В.- Москва: Прогресс, 1984. - 326с.*
7. *Беҳбудов Ш. Т. Воқеияти иттилоотӣ дар парадигмаи арзишҳои антропологии инсон дар ҷомеаи муосир //Автореферат. 2021. С.43-44*
8. *Соболев С.Л., Китов А.И., Ляпунов А.А. Основные черты кибернетики // Вопросы философии, 1955. - № 4. С. 147.*
9. *Angel, J. J., & McCabe, D. (2014). The Ethics of Payments: Paper, Plastic, or Bitcoin. Journal of Business Ethics, 1-9.*
10. *Bergstra, J. A., & de Leeuw, K. (2013). Bitcoin and Beyond: Exclusively Informational Monies. arxiv preprint arxiv:1304.4758. URL: http://arxiv.org/pdf/1304.4758v3.pdf. Рӯзи руҷуъ 23.03.2020.*
11. *Bynum, T.W. (1993) Computer Ethics in the Computer Science Curriculum. In Bynum, Terrell Ward, Walter Maner and John L. Fodor, eds. (1993) Teaching Computer Ethics, Research Center on Computing & Society, p. 46.*
12. *Cellan-Jones R., Hawking S. Will AI Kill or Save Humankind, BBC (Oct. 20, 2016). https://docplayer.net /52388251-Ex-machina-copyright-protection-for-computer.html*
13. *Coeckelbergh M. Drones, information technology, and distance: mapping the moral epistemology of remote fighting // Ethics Inf Technol (2013) 15: 88-89.*

14.van Kranenburg, R., & Bassi, A. (2012). IoT challenges. Communications in Mobile Computing, 1(1), 1-5.
15.Krugman, P. R. (2013). Bitcoin is evil. New York Times, December 28, 2013.
16.Maner W. Unique ethical problems in information technology. In: Science and Engineering Ethics, volume 2, number 2 (April, 1996), p. 23-25.
17.Mumford, E. (1983) Designing participatively. Manchester, England: Manchester Business School.
18.Parker D.S., Baker B.N. (1990) Ethical Conflicts in Information & Computer Science, Technology & Business, QED Information Sciences.
19.Wassom, B. (2014). Augmented reality law, privacy, and ethics: Law, society, and emerging ARtechnologies. Waltham, MA: Syngress
20.Wiener N. (1950/1954) The Human Use of Human Beings: Cybernetics and Society, Houghton Mifflin, 1950. (Second Edition Revised, Doubleday Anchor, 1954.)

## ТАШАККУЛ ЁФТАНИ АХЛОҚИ ИТТИЛООТӢ: ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-ИҶТИМОӢ ВА НАЗАРИЯВИИ ОН

Мақола ба таҳқиқи заминаҳои таърихӣ ва назариявию ғоявии ташаккул ёфтани ахлоқи иттилоотӣ бахшида шудааст. Дар он аз пайдоиши мафҳуми “ахлоқи иттилоотӣ” дар таҳқиқоти олимону муҳаққиқон то ба консепсияи алоҳида табдил ёфтани ин мафҳум ва ба доираи ахлоқӣ-фалсафӣ ворид шудани он баҳс меравад. Дар асоси далелҳои таърихӣ ба исбот мерасад, ки ахлоқи иттилоотӣ дар асоси ахлоқи компютерӣ зуҳур намуда, масъалаҳо ва мушкилоти гуногуни истифода аз компютер ва технологияҳои дигари иттилоотӣ ва иртиботиро дар бар мегирад: сифат ва эътимоднокии иттилоот, назорат ва идоракунии Интернет, масъулият барои коркарди маълумот, моликияти нармафзор, махфият ва ҳифзи маълумоти шахсӣ, амнияти иттилооти шахсӣ ва давлатӣ ва ғайра. Қайд карда мешавад, ки мубоҳисаҳо дар атрофи ин масъалаҳо барои таҳияи қоидаҳои умумиахлоқӣ асос гардида, барои ташаккул додани принсипҳои ихтиёрӣ ва дар доираи манфиатҳои умумӣ қабулшудаи танзими рафтори инсон муҳим хоҳанд буд.

**Калидвожаҳо:** ахлоқи компютерӣ, ахлоқи иттилоотӣ, Интернет, кибернетика, технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, масъулияти ахлоқӣ, амнияти иттилотӣ

## ФОРМИРОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННОЙ ЭТИКИ: ЕЕ ИСТОРИКО-СОЦИАЛЬНАЯ И ТЕОРЕТИЧЕСКАЯ ОСНОВЫ

Статья посвящена исследованию историко-теоретических и идейных предпосылок формирования информационной этики. Обсуждается происхождение понятия «информационная этика» в исследованиях ученых и исследователей, начиная от происхождения этого понятия до его превращения в отдельную концепцию и вхождения в этико-философской сфере. На основе исторических данных доказывается, что информационная этика основана на компьютерной этике и включает в себя различные вопросы и проблемы использования компьютеров и других информационных и коммуникационных технологий: качество и надежность информации, контроль и управление Интернетом, ответственность за обработку данных, владение программным обеспечением, конфиденциальность и защита личных данных, безопасность личной и общественной информации и т. д. Отмечается, что дебаты по этим вопросам служат основой для разработки общих этических правил и являются важными для формирования добровольных принципов и регулирования человеческого поведения в общих интересах.

**Ключевые слова:** компьютерная этика, информационная этика, Интернет, кибернетика, информационно-коммуникационные технологии, этическая ответственность, информационная безопасность.

## THE FORMATION OF INFORMATION ETHICS: ITS HISTORICAL, SOCIAL AND THEORETICAL FOUNDATIONS

The article investigates historical-theoretical and ideological prerequisites for the formation of information ethics. There is discusses the origin of the concept of "information ethics" in the studies of scholars and researchers, from its origin to transformation into a separate concept and entry into the ethical-philosophical sphere, in it. It is proved on the basis of historical data that information ethics is based on computer ethics and includes various issues and problems of computer and other information and communication technologies usage: information quality and reliability, control and management of Internet, responsibility for data processing, ownership of software, privacy and protection of personal data, personal and public information security, etc. It is noted that debates on these issues serve as a basis for the development of common ethical rules and are important for shaping voluntary principles and regulating human behavior in the common interest.

**Keywords:** computer ethics, information ethics, Internet, cybernetics, information and communication technologies, ethical responsibility, information security.

**Дар бораи муаллифон:**

**Одиназода Сафаралӣ Одина** – дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Суроға: 734021, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёб. Рӯдакӣ, 21. E-mail: safar_1973@inbox.ru. Тел.: (+992) 938945794

**Баротов Ҷаъмахон Шарофиддинович** - муаллими калони кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: 734021, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёб. Рӯдакӣ, 21. E-mail: jamahonbarotov@gmail.com. Тел.: (+992) 900489955

**Сведения об авторах:**

**Одиназода Сафарали Одина** – доцент кафедры информационно-коммуникационных Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, технологий. Адрес: 734021, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, просп. Рудаки, 21. E-mail: safar_1973@inbox.ru. Тел.: (+992) 938945794.

**Баротов Джаамахон Шарофиддинович** – старший преподаватель кафедры информационно-коммуникационных технологий Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734021, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, просп. Рудаки, 21. E-mail: jamahonbarotov@gmail.com. Тел.: (+992) 900489955

**About the authors:**

**Odinazoda Safarali Odina** – docent of the information and communication department Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Address: 734021, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: safar_1973@inbox.ru. Тел.: (+992) 938945794

**Barotov Jaamakhon Sharofiddinovich** - senior lecturer of the department of information and communication technology Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Address: 734021, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, ave. Rudaki, 21. E-mail: jamahonbarotov@gmail.com. Tel.: (+992) 900489955.

ТДУ 164.11 + 164.32

# ФАҲМИ ПАЙДОИШ ВА ОФАРИНИШ АЗ НАЗАРИ АФЛОТУН ВА ФОРОБӢ

***Шералиев Б. Р.***
*Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*

Масъалаи пайдоиш ва офариниш дар осори мутафаккирони давраи бостон ва асримиёнагии тоҷик яке аз масъалаҳои баҳсбарангезу доманадор буд, ки на ҳар донишманде метавонист дар атрофи он андешаронӣ кунад. Нобиғоне аз намояндаи Юнон ва миллати тоҷик ба монанди Афлотун ва Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Узлаб ибни Тархони Форобӣ тавонистанд, ки дастовардҳои илмӣ-назарявии мактабҳои гуногун ва намояндагони машҳури ҷаҳони илму маърифати тоасримиёнагиро ба риштаи таҳқиқ бикашанд ва андешаҳои бикр ва созандае аз худ ба мерос бигузоранд.

Дар гузашта файласуфон оламеро тасаввур мекарданд, ки беохир аст, вале дар ибтидои он, андешаи ягона надоштанд. Файласуфон ва теологҳои асримиёнагӣ, мафҳуми дигаре аз олам таъбир карданд, ки ибтидо ва интиҳо дорад. Аз ин рӯ, пеш аз он, ки назарияи пайдоиш ва офариниш дар асарҳои Афлотун ва Форибӣ таҳқиқ шавад, бояд гуфт, ки ин файласуфон бештар дар мавриди раванди пайдоиш ё офариниши чизҳо, ба монанди таркиб ва тартиби пайдоиши он андешаҳо ироа доштанд.

Таҳлили осори Афлотун ва Абунасри Форобӣ имкони медиҳад, ки вижагиҳои мафҳуми пайдоиш ва офариниширо дар таълимоти мутафаккирони мазкур равшану возеҳ намоем. Оид ба хусусиятҳои мафҳум, категория ва ҷойгоҳи мафҳуми пайдоиш ва офариниш дар таълимоти фалсафии Афлотун метавон дар тадқиқоти олимону муҳаққиқон, ба монанди А.Ф.Лосев[8], В.Ф.Асмус[1], Е.А.Фролова[14], В.М.Мешков[10], Р.А.Басов[4], Ю.А.Шичалина[16], ва дигарон дучор шуд.

Баҳси аввал перомуни мафҳуми пайдоиш ва офариниш дар таълимоти Афлотун сурат хоҳад гирифт, сипас мафҳуми пайдоиш ва офариниширо дар таълимоти Форобӣ баррасӣ хоҳем кард ва дар ниҳоят шарҳи мухтасари таносуби мафҳуми «пайдоиш ва офариниш»-и Афлотун ва «пайдоиш ва офариниш»-и Форобиро дар миён хоҳем гузошт.

Пеш аз Афлотун файласуфони юнонӣ назарияҳои гуногун дар мавриди пайдоиши олам пешниҳод карда буданд, ки дар таърихи фалсафаи Юнон мавқеи хосаеро ишғол намуд.

Масъалаи пайдоиш ва офариниш яке аз масъалаҳои онтологӣ буда, дар яке аз муколамаҳои Афлотун бо номи «Тимей» дида мешавад, ки асосан дар шакли монологҳои тӯлонӣ навишта шудаанд. «Тимей» ягона сарчашмаи систематики космологии Афлотун аст, ки то ҳол дар шакли пароканда ва мифологӣ мавҷуд аст[11, с. 451-453]. Афлотун дар «Тимей» ҳамчун файласуф, астроном ва физики барҷаста дар мавриди достоне, ки аз пайдоиш ва офариниши коинот оғоз шуда, бо табиати инсон ба анҷом мерасад, андешаронӣ мекунад. Ба ҳамагон маълум аст, ки аз аввалин юнониёне, ки дар мавриди пайдоиши олам ҳамчун хилқат таълим медод, Афлотун буд.

Дар афкори Афлотун пайдоиши олам ҳамчун як раванди эҷодӣ муаррифӣ мешавад. Олам, ба андешаи Афлотун дар «Тимей», худ ба худ вуҷуд надорад, балки аз ҷониби Худои нек ва оқил офарида шудааст, ки ягона сабаби офариниш Ӯ аст. Мавҷудоти олам аз нигоҳи Афлотун аз ҷониби Худо-демиург (дар юнонӣ «усто», «ҳунар» ё «рассом») ҳадафмандона асари комил ва зеботарин эҷод шудааст [19, с.1-8]. Афлотун дар «Тимей» қайд мекунад, ки андешаи ӯ танҳо эҳтимолӣ аст ва даъвои ҳақиқӣ будани онро надорад. Аз нигоҳи ӯ, материя мавҷуд нест, балки як навъ номуайянӣ аст, танҳо имкони тарҳрезӣ дорад, ки онро инсон дарк намекунад. Аз ин рӯ, дониши мо танҳо эҳтимолист ва мутлақ нест ва ҳар як таҳқиқ бояд ба самти эҳтимолияти калонтарин равад. Намунаи ин принсип метавонад далеле бошад, ки як объект дар ҷойҳои гуногун ва замонҳои гуногун метавонад ба таври гуногун дарк карда

шавад [10, с.200-209]. Ин натиҷаи саъю кӯшиши илмии Афлотун аст, ки аввалин системаи классикии аз ҷиҳати мантиқӣ хеле тараққикардаи таърихӣ ва идеализми объективӣ пешкаш намуд, ки рад кардан он мумкин нест ва зиёда аз он инкишофи минбаъдаи он на танҳо барои худи фалсафа, ҳамчун шоҳи илмҳо, балки барои дигар илмҳои алоҳида ҳам аҳамияти калон дорад. Ин ҳолат ба А.Ф.Лосев имкон дод, ки тамоми асарҳои Афлотунро «лабораторияи васеъи илмӣ» номад [4, с.250-251]. Худи А.Ф.Лосев дар таҳқиқи ақидаҳои файласуф роҳи худро чунин тавсиф кардааст: «Роҳе беҳтар аз роҳи интихобкардаи ман нест ва шуда наметавонад, ҳарчанд он аксар вақт аз ман дур мешуд ва маро дар миёни саргардонӣ танҳо мемонд». Нишон додани он чандон душвор нест, вале ба онҳо пайравӣ кардан ниҳоят душвор аст. Дар ҳамин ҳол, ҳар он чизе, ки дар санъат, яъне дар фалсафа кашф шудааст, ҳамин тавр ба вуҷуд омадааст. Дар ин хусус ӯ илова мекунад, ки «Фикр киштиест, ки лангарро шикастааст ва бояд ба бандар расонида шавад» [4, с.250-251]. Инро Афлотуни баркамол навиштааст, ки ҳам бузургии кори кардааш ва ҳам душвории дарки таълимоти ӯро нишон медиҳад. Аз ин нуқтаи назар моҳияти офариниш дар «Тимей» равиши скептикӣ дорад.

Космогонияи Афлотун аз тамоми шаклҳое, ки дар давраи бостон қабул шудаанд, куллан фарқ мекунад. Афлотун аз як тараф, ба таълимоти худ бошуурона ба космогонияи мифологӣ мухолиф аст, ки дар он коинот дар натиҷаи як занҷири таваллуд фикр карда мешавад (ниг. Гесиод: Бетартибиҳои ибтидоӣ Замин, Шаб ва зулмотро ба вуҷуд овард ва онҳо дар навбати худ, Осмон, Нур ва Рузро ва ғайраро ба вуҷуд оварданд [12, с.21]. Аз тарафи дигар, Афлотун ба космогонияи натурфалсафӣ, ки дар он олам дар натиҷаи таъсири қувваҳои метафизикӣ, ба конунҳои табиат ва материяи беҷон тасаввур карда мешавад, аз Демиург ёд мекунад.

Ба андешаи Афлотун ду олам вуҷуд дорад – олами чизҳои ҳиссиётӣ ва олами ғояҳои ҳассос «эйдос». Асоси олами аввал материя аст, ки ибтидо аз бесарусомонӣ ба вуҷуд омадааст. Мавҷудияти ҳақиқӣ танҳо ба олами ғояҳо тааллуқ дорад. Афлотун дар мавриди пайдоиши олами аён дар шакли афсона ё достон, ки аз тақсимоти асосӣ монанди тақсими офариниш оғоз меёбад, сухан меронад. Ӯ дар «Тимей» фарқияти байни олами ҳақоиқ ва олами маҳсусро оғоз мекунад. Ба андешаи ӯ олами маҳсус оламест, ки тағйир меёбад ва нобуд мешавад. Олами ҳақоиқ бошад ҷовидона буда ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбад, бинобар ин онро ақл дарк намекунад. Сухан дар бораи ду олам бо табиати гуногун, объектҳои онҳо меравад. Афлотун қайд мекунад, ки азбаски ҳеҷ чиз бе сабаб пайдо намешавад, пас сабаби пайдоиши олам бояд Демиург ё Худо бошад. Дар «Тимей» Афлотун Демиургро ба ҳайси офаранда ва созандаи олам ишора мекунад [8, с.730-732]. Ба андешаи Афлотун оламро Демиург офаридааст. Демиург оламро офаридааст барои он, ки ӯ мехост; Вай инро мехост барои он ки ӯ нек аст. Афлотун некии Худо ва озодии иродаро ягона сабаби офариниши олам медонист. Ба ақидаи ӯ Демиург оламро аз ҳеҷ чиз наофаридааст, балки аз бетартибӣ онро ба тартиб овардааст, ки дар ибтидо бесарусомонӣ буд. Ӯ оламро ҳамчун як мавҷуди зинда, мутаҳаррик ва бо ақл медонист.

Дар ин ҷо Афлотун як қиёсро пешниҳод мекунад, Демиург кайҳонро меофарад, мисле ки як усто як кат меофарад. Тибқи ақидаи Афлотун Демиург пас аз офариниши рӯҳ, ҷисми коинот, ҷисмҳои осмонӣ ва худоёни мифологияи анъанавӣ, вазифаи офариниши се намуди дигар мавҷудоти зиндаро ба худоёни офаридашуда месупорад [19, с.1-8]. Дар афкори Афлотун масъалаи офариниш ба мақсади ба таври муназзам баён кардани табиати одам ва коинот мебошад. Ақидае вуҷуд дорад, ки мо набояд фаромӯш кунем, масалан, Афлотун дар бораи ҳолати пешазкосмикии чизҳо сӯҳбат мекунад. Гӯё коинот дар ҳақиқат аз ҷониби Демиург офарида шудааст, зеро Афлотун як рассоми бузург буд ва боре ӯ тасмим гирифта буд, ки табиати коинотро дар шакли афсонаи генетикӣ шарҳ диҳад. Ба ҳар ҳол, фарқи байни замони пеш аз кайҳонӣ ва вақти кайҳониро Эпикур Веллейус дар «De Natura Deorum»-и Ситсерон гузоштааст [19, с.1-8]. Ҷолиб он аст, ки тафовут дар порчае гузошта шудааст, ки Афлотун «Тимей»-ро танқид мекунанд.

Ҳамин тариқ, Демиург дорои кайҳон аст, ки зеботарин чизи ба вуҷуд омада аст. Бинобар ин, мо метавонем танҳо он ақидаеро дарк кунем, онро ба вуҷуд овардааст ва шинохт аз

офариниш иборат хоҳад буд. Дар ин хусус, Афлотун аз олами абадӣ ва комили шаклҳо ё идеалҳо ҳамчун қолаб истифода бурда, ба эҷоди олами мо, ки қаблан танҳо дар ҳолати бесарусомонӣ вуҷуд дошт, оғоз кард. Эҷодшавӣ аз он иборат буд, ки Демиург аз бетартибӣ ҳама чизҳои намоёнро ба тартиб овард, ки онҳо дар оромӣ набуда, балки дар ҳаракати бетартибона буданд. Аммо космосро Афлотун дар «Тимей» ҷони зинда меномад, ки ҳам рӯҳ ва ҳам ақл дорад. Космос аз офаридашудаи илоҳӣ ба вуҷуд омадааст. Космос (олам) дар забони юнонӣ маънои тартиб, зебоиро дорад.

Дар мавриди рӯҳи ҷаҳонӣ, бояд қайд намуд, ки дар Афлотун онро Демиург пеш аз ҷисми олам офаридааст. Бинобар ин рӯҳ сохтори ададӣ дорад ва аз омехтаи принсипҳои ақлӣ ва ирратсионалӣ офарида шудааст. Рӯҳи ҷаҳонӣ манбаи ҳаракати коинот мебошад. Ҷисм бошад дар дохили рӯҳ ҷойгир аст, ки онро аз берун фаро мегирад. Дар маркази он Демиург ба рӯҳ ҷой дод, аз он ҷо онро ба ҳама паҳн кард ва илова бар ин, баданро аз берун бо он пӯшонд. Далели он ки рӯҳ хоҳ аз олам, хоҳ аз одам, хоҳ ҳайвон аз ҷониби Афлотун на дар дарун, дар майна, дар дил, дар ғадуди эпифиз ҷойгир шудааст, ки дар замони муосир он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар «Тимей» Афлотун бори нахуст ба таври муназзам метафизикаи худ ё таълимоти принсипҳоро шарҳ медиҳад [19, с.1-8]. Ҳастӣ ҳаст, фазо ҳаст ва зуҳур ҳаст ва ин ҳар се пеш аз офариниши олам аз якдигар тафовут доштанд. Ин нигариш ба тамоми олами таҷрибавӣ мебошад, ки тавассути ҳиссиёт дарк мешавад, аммо аз ҷониби ақл тасаввур карда намешавад. Ҳама мавҷудоти намоён ва дидашаванда ва чизҳое, ки пайдо мешаванд ва мемиранд, ҳеҷ гоҳ ба маънои аслии калима вуҷуд надоранд. Ба андешаи Афлотун фазо он чизест, ки бар он мисли мум идеяҳо чоп мешаванд ва дар он чизҳои таҷрубаӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар ҳақиқат андешаи Афлотун дар мавриди «пайдоиш ва офариниш» аз ҷиҳати шакл асотирӣ ва аз ҷиҳати мазмун ва самт теологӣ аст. В.Винделбанд ӯро аввалин илоҳиётшинос медонад. Ҳама чизи Афлотун мутаҳаррик аст. Ба ақидаи Афлотун Худо низ мавҷуди зинда аст, ӯ оқил аст ва ақли ӯ махсус аст барои ақидаҳои ӯ комилан фаҳмоанд, аммо барои ҳар ақли инсон онҳо нестанд. Худо худи некист ва худи ӯ комилан некӯ аст ва инсон бо хости шинохти некӣ саъй мекунад. Монанди олами ғояҳо, Худо ва ин мулки худоён ва девҳо ҳамчун худоҳои поёнӣ ғайриҷинсист, аммо ӯ ҳам ҷаҳонсоз аст, яъне вай демиург аст, аслан Худои нек аст, ба олам ҷон додааст, яъне ҳаёт ва умуман оламро офаридааст. Рӯҳ, ҳамчун ҷавҳари ҷовидонаи шахсият, бештар ба Худо алоқаманд аст.

Дар «Тимей» Афлотун замонро симои абадӣ номидааст. Сипас, дар «Тимей» ӯ як теогонияи юнониро нишон медиҳад, ки чӣ гуна аз Уран ва Кронос Зевс ба вуҷуд омадааст. Бо вуҷуди ин, хидматҳои Афлотун дар соҳаи илоҳиёт ба истиснои таълимоти рӯҳ ва ҷовидонии он хеле хоксорона ба назар мерасанд ва кӯшиши ӯ барои ба фалсафа хусусияти динӣ доданро дар таърихи фалсафа ба қадри кофӣ мусбат арзёбӣ кардан мумкин нест. Космогонияи Афлотун низ ба назарияи «идеяҳо» такя мекунад. Ибтидои он Худо ва субстансия (материя) аст. Материя беканор буда, Худо онро ба як макон овард ва аз чаҳор асли асосӣ (оташ, об, ҳаво, замин) олам ба вуҷуд омад. Ин ҷаҳон як аст, мутаҳаррик аст, он мисли тӯб ҳама чизро дар бар мегирад, он ҷовидона аст ва ба таври даврӣ мавҷуд аст [4, с.248-293., 6, с.78-80].

Ба андешаи Афлотун, замин курашакл буда, дар маркази коинот ҷойгир шудааст ва дар меҳвар шинонда шудааст. Сайёраҳо як давраро ташкил медиҳанд, ситораҳои собит ва сайёраҳо мутаҳаррик ва илоҳӣ мебошанд [6, с.78-80]. Афлотун яке аз хосиятҳои асосии материя – замонро, ки «Тимей» абадият меномад, сарфи назар накард. Ба андешаи ӯ онро Худо-демиург дар баробари кайҳон офаридааст ва хусусияти дуюми материя фазо аст, ки сабаби мавҷудияти олам мебошад.

Хулоса, чи хеле, ки ба мо маълум гашт, яке аз муколамаҳои охирини Афлотун «Тимей» «пайдоиш ва офариниш»-и олам ва рӯҳро тасвир мекунад. Ин муаррифиро метавон ба жанри навиштаҳо дар бораи табиат (peri pһyseōs) нисбат дод, ки файласуфони пеш аз Сукрот таҳия кардаанд. Он сохтори оламро аз як навъ пайдоиш гуфтаанд [16, с.246-276]. Гуфтаҳои Афлотун, ки ба олам ва рӯҳ бахшида шудаанд, хусусияти махсус доранд, ки «Тимей» исбот

кардааст. Агар олами намоён шабоҳати як ҷаҳони дигар, абадӣ ва комиле бошад, пас аз ҷониби Демиург офарида шудааст. Аз таълимоти Афлотун ва пайравони ӯ ба чунин хулоса омадан мукин аст, ки онҳо воқеияти мутлақи ғояҳо ва ҷовидонии рӯҳро тасдиқ мекунанд. Афлотун дар муколамаи худ "Тимей" пайдоиши ҳама ашё ва мавҷудоти зиндаро аз ҷониби Худои Демиург тасвир мекунад. Ӯ Демиургро ҳамчун ақл муайян мекунад, ки ҳамаи олам тавассути ӯ ба вуҷуд омадааст. Ибораи ӯ ки ин андешаро шарҳ медиҳад, ин аст: "мо офаридаи аҷибе ҳастем, ки аз дасти Худо-Демиург пайдо шудааст...". Аз нуқтаи назари ӯ шинохти оламро инсон ба мисли ғояи офариниш мешиносад. Ӯ дар "Тимей" кайҳонро ҳамчун организми зинда ва мутаносиб бо рӯҳи оқилона ва инсонро як ҷузъи кайҳон мешуморад.

Бинобар ин, пас аз баррасии мафҳуми «пайдоиш ва офариниш» дар таълимоти фалсафии Афлотун, мехоҳем нуктаҳои муҳимтарини ориф ва ҳикими асримиёнагии тоҷик Абунасри Форобиро мавриди баррасӣ қарор бидиҳем.

Ҳаким Абунасри Форобӣ, аз зумраи мутафаккироне аст, ки орои мухталифи фалсафиро бо ҳам мувофиқ гардонида, дар ин роҳ бар ҳамаи гузаштагони худ сабқат гирифтааст. Форобӣ роҷеъ ба қадимияти олам, масъалаи модда ва сурат, таносуби нафсу тан, назарияи маърифат ва масоили фалсафаи иҷтимоӣ низ андешаҳои басе ҷолиб баён намудааст. Ӯ дар ин роҳ то он ҳадде пеш рафт, ки гуфт: Фалсафа яке бештар нест ва ҳақиқати фалсафӣ (ҳарчанд макотиби фалсафӣ мутаъаддид бошанд) мутаъаддид нест. Форобӣ ба ваҳдати фалсафа сахт муътақид буд ва барои исботи он бурҳон ва далелҳои бисёре зикр кард ва расоили мутаъаддид навишт, ки аз он ҷумла "Китоб-ул-ҷамъ байна-л-ҳакиматайни-Афлотун-ул-Илоҳӣ ва Арастотолис" то ба мо омада расидааст[5, с.84.,9, ҷ.3 с.126].

Бо вуҷуди ин, эътироф бояд кард, ки таҳқиқ ва таҳлили осори Форобӣ маҳз бо таваҷҷуҳи донишмандони аврупоӣ оғоз ёфтааст. Аз олимони Ғарб сараввал бояд аз таҳқиқотҳои Ф.Дитерис, Г.Лей, Е.Ж.Розентал. М.Штейншнейдер ва ғайраҳо ёд кард. Таҳқиқи осори Форобӣ аз ҷониби донишмандони тоҷик низ собиқаи тӯлонӣ дорад. Дар омӯзиши асарҳои Форобӣ нақши олимони тоҷик, ба монанди: академик Б.Ғафуров, М.Баҳоваддинов, А.М.Ҷоҳид, М.Диноршоев, З.М.Диноршоева, Х.Д. Додихудоев, Р.Ҷӯраев, Н.Идибеков, Р.Комилов, А.Шамолов ва дигарон басо бузург аст.

Умдатарин асли фалсафаи Форобӣ назарияи Мавҷуд (Сабаби аввал, ақли аввал) аст. Аз рӯи ин назарияи вай, Мавҷуди аввал пойдор ба зоти худ, дур аз ҳама нуқс, ҳамеша билфеъл, азалӣ, абадӣ, ғайримоддӣ, бесурат, беғоят, бешарик, якто дар ҳастӣ ва дар мартаба беҳад, ҳаким, олим, ҳақ ва мутлақ, аст. Аз ин таърифот ва тавсифот, пеш аз ҳама, чунин натиҷа метавон гирифт, ки Мавҷуди аввали Форобӣ асосан ҳамон Аллоҳи ислом ва Воҷиб-ул-вуҷуди дигар файласуфон аст[5, с.84]. Форобӣ ба василаи Мавҷуди аввал фалсафаи худро тибқи тақозои замон ба сӯи ислом мутаваҷҷеҳ сохтааст. Натиҷаи дигар ин аст, ки Мавҷуди аввали Форобӣ як ҷавҳари комилан рӯҳонӣ, ғайримоддӣ ва ғайриҷисмонӣ аст. Аз назари Форобӣ, ҳамин Мавҷуди мутлақан рӯҳонӣ ва ақлонӣ «сабаби нахустини ҳастии ҳама мавҷуд аст», хох, ин мавҷудот рӯҳонӣ бошад, хоҳ моддӣ. Вале саволе ба миён меояд, ки Мавҷуди аввал, ки зотан мавҷуди рӯҳонӣ, ғайримоддӣ ва ғайриҷисмонӣ аст, чи гуна метавонад сабаби нахустини ҳамаи мавҷудоти рӯҳонӣ, моддӣ ва ҷисмонӣ бошад. Барои ба ин савол ҷавоб додан, Форобӣ ба назарияи судур ё файз мурoҷиат мекунад. Тибқи он, баробари илми Мавҷуди аввал бар зоти худ ва файзу раҳмати Вай мавҷуди дуюм (ақли дуюм) падид меояд, ки ҷавҳари мутлақан ғайримоддӣ аст. Вай зоти мавҷуди аввал ва зоти худро тааққул (фаҳмишу идрок, фаҳм кардан) мекунад. Бар асари тафаккур дар бораи зоти мавҷуди аввал, аз он ақли сеюм ва бар асари тааққули зоти худ аз вай самои аввал ё фалак-ул-афлок ногузир содир мешаванд. Силсилаи судурот ба ин шева идома меёбад, то даҳ ақл ва нӯҳ фалак содир гардад. Уқули (ҷамъи ақл) даҳгона ва сабаби тафаккури ҳар як ақли минбаъда дар бораи зоти мавҷуди аввал, фалаки нӯҳгона (фалак-ул-афлоки кавокиби собита, Зӯҳал, Муштарӣ, Шамс, Зӯҳра, Уторид, Қамар) бар асари зоти худро тааққул кардани ҳар як ақл заруратан пайдо мешаванд [5, с.85]. Аз мантиқи ин андешаҳои Форобӣ бармеояд, ки аз назари ӯ илм бар офариниш аст, зеро кофист, ки чизе тасаввур шавад, то мавҷуд ёбад.

Абунасри Форобӣ монанди дигар файласуфон мӯътақид аст, ки судуроти мавҷудоти мутлақ ва комил, ки зотан собитанд ва кавну (ҳастӣ) фасод намепазиранд, ба фалаки қамар анҷом меёбад. Аммо олами зери қамар, яъне олами моддӣ-ҷамодот (ҷамъи ҷамод-санг, минерал, чизи беҷон), наботот, ҳайвоноти ногуё, ҳайвони гӯё (инсон) ҷаҳони кавну фасод ва табаддулоту таҳаввулот аст. Муваккили он ақли ёздаҳум аст, ки чун уқули дигар ҷавҳари ғайримоддист ва ақли фаъол номида мешавад[2, с.86]. Аз нигоҳи Форобӣ тамоми муҳити замину осмон табиати моддӣ доранд. «Ҷаҳон аз ҷисмҳои содда иборат аст, ки доираи олами ягонаро ташкил медиҳанд – менависад Форобӣ дар «Уюну-л-масоил», - ва берун аз ин олам чизе дигар вуҷуд надорад». Файласуф шаш намуди ҷисмро ҷудо мекунад: афлоки байзо (фалаки нӯҳгонаи Осмон), ҳайюло, чор унсур, маъдан, наботот, ҳайвонот, ҳайвони нотиқ (инсони дорои ақл). Ба қатори чор унсури коинот - оташ, ҳаво, замин (хок) ва об дохил мешаванд. Аносири чаҳоргона соддатарин намудҳои ҳайюло (материя) буда асоси мавҷудияти панҷ намуд ҷисмҳоро ташкил медиҳанд, ба мисли оташ, ҳаво, об, замин ва дигар чизҳои монанд ба онҳо, аз қабили буғ, шӯълаи оташ ва ғ., маъданҳо, ба мисли санг ва ҷинси он, рустаниҳо, ҳайвонот ва ниҳоят одамон. Ба ибораи дигар назари муҳақиқона ва мушоҳидаҳои содда ва саршори андешаи таҷрибавӣ ба файласуф имкон медиҳад, ки бо вуҷуди амали андешаи идеологияи теологии ҳукмрони замон ба хулосае биёяд, ки асоси моддии олами мавчударо набояд инкор намуд, балки онро ҳаматарафа таҳқиқ бояд намуд, зеро он мояи олами мавҷуд аст. Ин андешаи Форобӣ характери стихиявӣ-материалистӣ дорад, ки ба материализми Юнони Бостон монанд мебошанд.

Форобӣ дар фаҳми таърифи пайдоиши ва офариниш тамоми ҳастиро аз ду бахш иборат медонад: воҷибулвуҷуд (ҳастии мутлақ) ва мумкинулвуҷуд (ҳастии касрат) [15, с.291]. Пас, байни ин ду шакли ҳастӣ чи гуна иртибот аст? Дар ин робита ба масъалаи маротиби шаклҳои ҳастӣ Абунасри Форобӣ менависад, ки оғози ҳама гуна зуҳури ҳастӣ дар олами улвиву моддӣ ва аразҳои он ба шаш намуд тақсим мешавад ва шаш мартаба дорад: дар байни онҳо Иллати иллатҳо дар мартабаи аввал қарор дорад, Иллатҳои дуввум дар мартабаи дуввум, Ақли фаъол дар мартабаи саввум, нафс дар мартабаи чаҳорум, шакл дар мартабаи панҷум, ҳайюло (материя) дар мартабаи шашум ва ғайра. Дар мартабаи Аввал фақат ягонагӣ вуҷуд дорад, он наметавонад, ки касрат дошта бошад, дар ҳоле ки дар мартабаҳои баъдӣ касрат хосияти муқаррарӣ аст. Се иллати аввал ҷисмонӣ нестанд, аз қабили Иллати аввал, иллатҳои дуввум ва ақли фаъол, вале се дигар иллатҳо чисмонанд: нафс, шакл ва ҳайюло. Ҷисмҳо дар навбати худ ба шаш ҷинс тақсим мешаванд: 1) ҷисмҳои осмонӣ, 2) ҳайвони нотиқ, 3) ҳайвони ғайринотиқ, 4) наботот, 5) маъдан ва 6) чор унсур. Олам ба таври кулл, ба ақидаи Форобӣ, мураккаботи ҳамаи ин шаш намуди аҷсом аст. «Оид ба ҳастии Аввал ақидаи мо ин аст, ки он Аллоҳи таоло аст ва ӯ иллати вуҷуди иллатҳои дуввум ва ақли фаъол аст» [2, с.47-48].

Аз нигоҳи Парвиз Мураввач мафҳуми воҷибулвуҷуд бо гузашти айём дар осори матафаккирони машшоӣ роҳи дарози таҳаввулро тай кардааст ва дар асл ба «ниҳоди онтологӣ (ҳастӣ) табдил гардида, мантиқан дараҷаи баландтарини ҳастиро ифода мекунад ва дар фалсафаи асрҳои миёна принсипи мантиқии «асоси басанда»-и оламро ташкил медиҳад»[18, с.169]. Бо вуҷуди ин воҷибулвуҷуд ва мумкинулвуҷуд комилан аз ҳам ҷудо нестанд. «Ин ду навъи ҳастӣ ба ду ҳадди ниҳоии ҳастӣ тааллуқ доранд – он яке дар ҳолати камолоти ниҳоии ҳастӣ ва он дигарӣ дар ҳоли орӣ аз камолот қарор дорад». Ба ибораи дигар файласуфон бо баррасии масъалаи куллии ҳастӣ идеяи ягонагии оламро мегузоштанд. Вале ин тарзи гузориши масъалаи ягонагии олам мутафаккирони машшоиро ба мушкилоти дигар рӯ ба рӯ намуд: воҷибулвуҷуд ба сурати ҳастии бетағйири мутлақ абадӣ аст, вале мумкинулвуҷуд муттағайир дар замон мебошад. «Дар асл алоқаи байни ин дӯро боз чи гуна тассаввур кардан мумкин аст, ки яке қисмати бузургтарини ҳастиро ташкил медиҳад, ӯ дар замон бекарон аст ва дигаре кучактарин ва он яке мутлақан комил ва дигаре ғайри комили онҳо?» [2, с.223] Ин мушкилро Абунасри Форобӣ чунин рафъ мекунад: таносуби Худо ва олам таносуби сабаб ва натиҷа аст, ҳар гуна сабаб наметавонад бе натиҷа бошад, пас мумкинулвуҷуд ҳам метавонад абадӣ бошад. Аз ин рӯ ин ду қутби ҳастӣ, яъне қутби абадӣ ва

замонӣ (ғайри абадӣ) дар асл бо ҳам дар алоқамандии доимӣ буда, як узви томро ташкил медиҳанд[15, с.296].

Фалсафаи Форобӣ дар ин маврид ба мисли файласуфони юнонӣ ва зардуштӣ хусусияти диалектикиро касб мекунад. Ӯ ҳангоми таҳлил аз мақулаҳои ба ҳам зид истифода мебарад, ба мисли ҳастӣ ва нестӣ, имкон ва феъл, мумкин ва воҷиб, ягонагӣ ва касрат, Худо ва олам, модда (ҳайюло) ва сурат, ақл ва нафс, осмон (низоми кайҳон) ва замин, ҳайвон ва инсон, мадинаи фозила ва разила-ғайрифозила ва ғ., ки ҳар яке нисбат ба зиди худ дар ҳолати тағйир ва ҳаракат ба суи камол (эволютсия), гузариши диалектикӣ қарор доранд. Масъалаи асосии фалсафии Форобӣ ва шояд тамоми фалсафаи асрҳои миёнаи мамлакатҳои ислом таносуби ваҳдат ва касрат аст. Муносибати Худо ва олам дар фалсафаи асрҳои миёна яке аз чиҳатҳои масъалаи фалсафии таносуби ҷузъ ва кулл, таносиби ягонагӣ ва касрату рангорангии олами беканор ба шумор меравад ва ба воситаи таълимот оид ба силсилаи маротиби ҳастӣ баён ёфта дар оғоз Худо ё Иллати иллатҳо қарор дорад. Ақидаи суннатии асрмиёнаи офариниш мафҳуми Худоро ҳамчун шахсияти фавкулоддаи ғайритабиӣ тасаввур мекунад, ки бо хоҳиши худ оламро ба вуҷуд овардааст ва бо хоҳиши худ онро аз байн мебардорад. Ба ақидаи маъмул Худоро ба воситаи имон фақат дар хаёл ва ҳолатҳои фавқулодда, ба мисли ҳолати хоб, зикри ирфонӣ ва ғ., тассаввур кардан мумкин асту халос, вале дар ҳолатҳои муқаррарӣ он дастнорас ва аз доираи тавони дарки ақл берун аст. Баръакси чунин тасаввурот, ба ақидаи Форобӣ Худо аз сифатҳои шахсӣ орӣ аст, онро ба воситаи ақли ирфонӣ (фаросат) метавон дарк намуд, на ба воситаи эҳсосот. Худо ҳамчун мавҷуди зеҳнии мутлақ, ҳамчун «воҷибулвуҷуд», ки аз тариқи фаросат дарк шуда, ба олами ҷисмонӣ муқобил аст, вуҷуде ки дорои сифати беҳудуд ва барои дарки одам мушкил ва он ба олами табиӣ - «Мумкинулвуҷуд», ки дар вақту фазо маҳдуд аст, муқобил меистад[15, с.290-291]. Дар баробари ин Форобӣ ва файласуфони мусулмон тавонистанд, байни фаҳмиши мутлақи ҳастӣ, яъне ҳастӣ ба маънои кулл (воҷибулвуҷуд) ва Худои офаринандаи исломӣ зиддиятро ба вуҷуд наоранд.

Чунонки аз рӯйхати дар боло зикр шуда мебинем, Абунасри Форобӣ зиёда аз даҳ сифати воҷибулвуҷуд Худоро зикр мекунад, ки онҳо бештар на сифатҳои креатсионистӣ (офаридгорӣ), балки характери онтологӣ, гносеологӣ, детерминистӣ, ё ахлоқӣ, эстетикӣ ва ғ. доранд ва аксари онҳо сифатҳоеанд, ки аз табиати инсон бо роҳи мутлақгардонӣ таҷрид шудаанд, вале дар баробари ин ҳама гуна иртибот ва умумиятро бо инсон ва олам рад мекунанд. Пас, иртиботи ваҳдат ва касратро ӯ чи гуна дармеёбад? Ин мушкили ҷаҳонбиниро дар осори Форобӣ муҳаққиқони осори ӯ низ мушоҳида намудаанд. Муҳаммад Мадкур ин мушкилиро чунин шарҳ медиҳад: «Форобӣ асосан бо ду мушкилӣ рӯ ба рӯ мешавад. Якум ин, ки чи гуна ягонагӣ бо касрат алоқаманд аст, чи гуна аз ягонагӣ бисёрӣ ба вуҷуд меояд?» Ин дар ҳоле баён мешавад, ки Ҳастии аввал ё иллати аввал комил аст, ба чизе ниёз надорад, дониши беканор дорад, ҳабиб ва маҳбуб худаш аст ва ғ…Аз ин рӯ Форобӣ маҷбур буд, ки ба назарияи даҳгонаи ақл, ки дар он замон дар фалсафаи юнонӣ роиҷ буд, рӯ биёварад. «Дуввум, агар ақида баён шуда бошад, ки тамоми ҳастии ақлонӣ ва набавиву осмонӣ муқаддасанд, чи гуна метавонад як чизи «касиф», ба мисли замин аз чизи «латиф» (осмон) ба вуҷуд биёяд?» [17, с.457-458]

Форобӣ дар ин росто мекушад, ки мушкилоти фалсафиву мафкуравиро ҳаллу фасл намояд ва яке аз роҳҳои ҳалли ин масъаларо, чунонки Мадкур баён медорад, дар назарияи файзи ақлҳои даҳгона аз ҳастии Аввал ё ақли Аввал то олами зери қамар, пайдоиши ҳайюлову модда ва аносири чаҳоргона пайдо мекунад, ки он истифода аз осори пешазисломии Эрон ва навафлотунияи Юнон аст. Ҳадафи аслии Форобӣ аз овардани назарияи файз аз фалсафаи навафлотуния (Плотин ва Прокл) ба фалсафаи худ ба ҳадафи дигари ӯ – дар барқарор сохтани иртибот байни дин ва фалсафа алоқаманд мебошад. Барои ба ин мақсад расидан Форобӣ ду корро анҷом медиҳад: яке он ки тибқи назарияи конвергенсия афкори Афлотунро ба Арасту наздик мекунад ва дуввум системаи машшоии Арастуро бознигари назар (ревизия) мекунад. Ин бозидиди назар ё ревизияро ӯ бо ёрии ду

назария анҷом медиҳад: яке назарияи кайҳоншиносӣ (космологӣ) ва дигаре назарияи равоншиносӣ (психологӣ) [15, с. 300].

Хулосаи дигаре, ки аз назарияи судури ҳастиҳо аз Ҳастии аввали Форобӣ ба даст меояд, ин аст, ки бо вуҷуди фарқияти табиати Иллати аввал (Ҳастии аввал) ва ҳастиҳои дигар, ки аз он содир мешаванд, онҳо ягонагӣ доранд: байни дараҷаи камолоти ин ду фарқияти бузурге нест. Барои мисол, ӯ мегуяд: «Ҳастии ӯ, ки барои ҳастиҳои дигар ибтидо мебошад, аз ҳастие, ки дар ҷавҳари ӯ ва ҳастии худи ӯ нуҳуфта аст, аз ҳастие, ки ба сӯи вуҷуди тамоми дигар ҳастии аз он содиршаванда, комилтар нест». Форобӣ дар қисмати хотимавии осораш ин дихотомияи ваҳдат ва касратро дар амал аз байн мебардорад. Зеро мутафаккир тамоми ҳастиҳоро дорои як моҳият мешуморад. Ӯ арзиши баробаре барои ҳам Ҳастии аввал ва ҳастиҳои дигари олам қоил аст, ки ин хонандаро ба таълимоти фалсафӣ дар бораи ягонагии олам мебарад. Яъне Абунасри Форобӣ қоил аст, ки усулан байни ин ду тафовути ҷавҳарӣ ва бузург вуҷуд надорад, онҳо яке давоми дигареанд[15, с.303-304].

Форобӣ менависад, ки «ягон қуввае нест, ки ба ҳастиҳои дигар (аз ҳастии аввал) барои арзи вуҷуд пайдо карданашон халал расонида тавонад, хоҳ ин қувваву қудрат дар дохили он бошад, ё берун аз он» [3, с.228]. Аз ин лиҳоз, Форобӣ андеша дорад, ки ҷавҳари Ҳастии Аввал мисли ҳама гуна ҳастиест, ки аз он сарозер мешаванд (бе тафовут). Дар акси ҳол ҳастии ӯ аз ҳастие, ки худи ӯ дорад, фарқ мекард. Аз ин гуфтаи Форобӣ чунин хулоса меояд, ки моҳияти ҷавҳари Ҳастии аввал ва ҳастии мавҷудоти олам ягона аст. Ба ғайр аз ин, Форобӣ боз мегӯяд, ки мавҷудоти олам баъди хуруҷи аз ҳастии аввал ба системаҳои гурӯҳиву ягона ворид шуда дар нихоят ҳастии ягонаро ташкил медиҳанд. Ин ҳам мутобиқ ба талаботи ҷавҳари Иллати Аввал аст, зеро аз он ба вуҷуд омада низоми ягонаи ҷавҳариро нигоҳ медоранд. Чунин хулоса, моро ба қабули таълимоте монанд ба назарияи пантеизми Спиноза мебарад, зеро унсурҳои онро дар тамоми осори Форобӣ пайдо кардан мумкин аст[15, с.305].

Дар ҳақиқат фалсафаи Абунасри Форобӣ, назарияи суннатии офаринишро, ба ҳамон шакле ки дар таълимоти илоҳиёти ҳукмрон вуҷуд дорад, ба чолиш мекашонад. Бояд кайд намуд, ки дар шинохти Худованд фаҳмиши Форобӣ ба илоҳиёти салбӣ такйя мекунад, ки интишори он бештар ба муътазила, тасаввуф ва фалсафаи исмоилия марбут аст[15, с.306]. Форобӣ хилқати ибдоии оламро эътироф карда судури мавҷудоти онро аз роҳи файз тавсиф медиҳад. Ибдоъ яъне, судури мавҷудот аст аз Хайри мутлақ, ки он Воҷибулвуҷуд (Худо) аст ва тибқи гуфтаҳои боло ин қадимияти ӯ аз олам на ба фосилаи замонӣ, балки моҳиятӣ аст: олам аз роҳи файз аз иллати аввал пайдо шуда дар ин роҳ судури мавҷудот амри зарурӣ будааст. Худованд бо офариниши ин ҷаҳон хостааст, ки тааққул дар зоти худ дошта бошад, яъне худашро бишиносад. Аксари муҳаққиқон бар онанд, ки ба назари Абунасри Форобӣ судури мавҷудот аз мабдаи аввал на аз роҳи қасду ирода ва на аз тариқи табиӣ, балки сирфан аз тариқи назари зоти Бори таоло ба зоти хеш, ки худ Ақли маҳз ва Хайри мутлақ аст, ношӣ шудааст. Зеро қасд ва ирода мусталзими нуқс ва равоҷиби аксари зоти борӣ аст ва воҷибулвуҷуд камоли мутлақ ва воҳид аст. Ин офариниш на аз роҳи қасд, балки аз роҳи раҳмат ва аз руи ихтиёр файз ва вуҷудро ба мавҷудот арзонӣ доштааст. Яъне, ин натиҷаи камоли хайру саховати ҳастии аввал аст, ки худ лабрези фузунии ҳастӣ, саховат ва муҳаббат аст. Бо истифода аз андешаҳои навафлотунӣ (Плотин ва Прокл) Абунаср чунин мешуморад, ки мабдаи нахуст чунон комил аст, ки табиати он бухл ва дареғ надорад ва файзи ӯ зинда аст, ба мисли хуршед, ки аз худ нур медиҳад (худ кам намешавад) ва оташ, ки тибқи табиати худ ҳарорат тавлид мекунад. Ҳамин тариқ, файз феъли худованд аст ва чун худованд тааққули зоти худ мекунад олами мавҷудот пайдо мешавад[7, с.41].

Таносуби асосии мафҳуми «пайдоиш ва офариниш»-и Афлотун аз мафҳуми «пайдоиш ва офариниш»-и Абунасрӣ Форобӣ дар он аст, ки «пайдоиш ва офариниш»-и Афлотун аз унсурҳои бунёдии ирратсионалӣ сарчашма гирифта, «пайдоиш ва офариниш»-и Форобӣ бошад, маншаи худро аз перепатетизмӣ шарқӣ мегирад.

Аммо эътироф бояд кард, ки Форобӣ ҷовидонии нафси ҳамагонро эътироф намекунад. Мутафаккир бар хилофи Афлотун ягонагии нафсу ҷисми инсонро эътироф намудааст. Ӯ нахустин нафарест, дар ислом, ки доиратул маориф таълиф кард  ва дар мубоҳисаҳои

фалсафӣ ба ҷои калимаи қадим ва ҳодис калимаи воҷиб ва мумкинро истифода бурд ва кӯшиш кард, то байни фалсафаи Афлотун ва Арасту тавофуқ ҳосил кунад[9, ҷ.3., с.41].

Бинобар ин, андешаи Абунасри Форобӣ доир ба олам ба мисли Афлотун идеализми объективӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, андешаи мутафаккир роҷеъ ба ҳастӣ нисбат ба ақидаи дигар мутлақ фарқ дорад. Афлотун низ оламро ҳамчун як мавҷуди зинда мутаҳаррик ва бо ақл медонист. Аз назари Форобӣ Худо танҳо сабаби аввалини олам буда, чизҳо ва ҳодисаи конкретии он сабабҳои бевоситаи худашонро дорад.


***Адабиёт***

1. *Асмус В. Ф. Античная философия. М.: Высшая школа, 1998. -541с.*
2. *Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. Алма-Ата, 1973.-436с.*
3. *Аль-Фараби. Добродетельный город. -С.226.*
4. *Басов Р.А. История древнегреческой философии от Фалес до Аристотеля.М, зао «Издательский дом «Летопис XXI» 2002. -415с.*
5. *Комилов Р.С. Фалсафаи тоҷик: аз аҳди бостон то имрӯз. Зери таҳрири д.и.ф., профессор Н.Саид. -Душанбе: «Ирфон», 2011. -305с.*
6. *Кулик С.П. История философии; Учеб, пособие / С.Г1. Кулик. Н.У. Тиханович. Издание 2-е. переработанное. - Витебск; ВГМУ, 2009. -328с.*
7. *Қодиров К. Таърихи фалсафаи тоҷик. - Душанбе. 1998.-264с.*
8. *Лосев А.Ф. История античной эстетики. Итоги тысячелетнего развития. В2кн.Кн.1/ Худож.офор. Б. Ф. Бублик. —Харьков: Фолио; М: ООО «Издательство АСТ», 2000. -832с*
9. *М. Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. Душанбе «Ирфон» 2002. ҷ.3. -126 с.*
10. *Мешков В.М. Section IV. Cosmology in persons. Методологический анализ учения Платона о космосе и человеке в диалоге «Тимей» ISSN 2307-3705 (Print). Philosophyg Cosmology 2016 (vol.17) 200-209*
11. *Платон. Тимей. Собрание сочинений в 4 т. Т. 3/Пер. с древне- греч.; Общ. ред. А. Ф. Лосева, В. Ф. Асмуса, А. А. Тахо-Годи; Авт. вступ. ст. и ст. в примеч. А. Ф. Лосев; Примеч. А. А. Тахо-Годи. — М.: Мысль, 1994. - 654.с.*
12. *Спиркин А.Г. Философия: Учебник. М.: Гардарики, 2000. 816с.*
13. *Султонзода, С. А. Проблемы материи и мира в учении аль-Фараби / С. А. Султонзода // Вестник педагогического университета. Серия: Философские науки. – 2021. – № 1(1). – С. 16-23. – EDN YLGGXF.*
14. *Фролова Е.А. История арабо-мусульманской философии. Средние века и современность. М., 2006. 199с.*
15. *Таърихи фалсафаи тољик (аз қадим то асри XX) . Дар панљ љилд. Муњаррири масъул: А.Шарипов - Душанбе: «Дониш». 2016. – 889 с.*
16. *Шичалина Ю.А. Греческая философия. Том 1. Под редакцией Моники Канто-Спербервeдущего научного сотрудника национального центра научных исследований (cnrs) в сотрудничестве с Джонатаном Барнзом, профессором Женевского университета, Люком Бриссоном, ведущим научным сотрудником cnrs, Жаком Брюнсвигом, почетным профессором Парижского университета (I), Грегори властосом, почетным профессором Принстонского университета и университета Беркли. Греко-латинский кабинет. М, 2006. -524с.*
17. *A History of Muslim Philosophy, by M. Sharif, Lahor, 1963.787c.*
18. *Parviz Morewadge. Metaphysics of Avicenna in Danich-name. Danishnamai Alayii Ibni Sina. N.Y. 1987. – P.169.*
19. *Taran, Leonardo, "The Creation Myth in Plato ' s Timaeus" (1966). The Society for Ancient Greek Philosophy. Newsletter. 252. https:/ /orb.binghamton.edu/sagp/ -252 p*


## ФАҲМИ ПАЙДОИШ ВА ОФАРИНИШ АЗ НАЗАРИ АФЛОТУН ВА ФОРОБӢ


Дар мақола муаллиф атрофи мафҳуми пайдоиш ва офариниш дар таълимоти Афлотун ва Абӯнасри Форобӣ таҳқиқот мебарад. Муаллиф кушидааст, то фаҳми пайдоиш ва офариниишро дар осор ва афкори ин мутафаккирон таҳқиқ кунанд ва хусусиятҳои монанду

мутафовити андешаи онҳоро доир ба масъала нишон диҳад. Истифодаи методҳои таҳлилӣ, таърихӣ, муқоисавӣ, интиқодӣ ва илмӣ-назариявӣ дар рафти таҳқиқи масъала ба таври васеъ мушоҳида мешавад. Баҳси аввал перомуни мафҳуми пайдоиш ва офариниш дар таълимоти Афлотун сурат хоҳад гирифт, сипас мафҳуми пайдоиш ва офаринишро дар таълимоти Форобӣ баррасӣ намуда дар ниҳоят шарҳи мухтасари таносуби мафҳуми «пайдоиш ва офариниш»-и Афлотун ва «пайдоиш ва офариниш»-и Форобиро дар миён хоҳем гузошт.

Ҳарчанд андешаҳои Афлотун ва Абӯнасри Форобӣ ба идеализм нисбат дода шаванд, лекин пайдоиш ва офариниши онҳо аввалин муҳаррике буд барои тафаккури фалсафӣ, ки баъд аз онҳо мавзуи баҳсбарангез дар байни файласуфони ҷаҳон гардидааст.

**Калидвожаҳо:** пайдоиш, офариниш, демиург, пантеизм, ирратсионализм, Афлотун, Форобӣ, фалсафа, рӯҳ, перипатетизм.

## ПОНИМАНИЕ ПРОИСХОЖДЕНИЯ И ТВОРЕНИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ПЛАТОНА И ФАРАБИ

В статье автор рассматривает концепции происхождения и творения в учении Платона и Абу Насра Фараби. Автор решил исследовать концепцию происхождения и творения в трудах и мыслях этих мыслителей и показать сходство и различие их мыслей по данному вопросу. Широко наблюдается использование в процессе исследования проблемы имитационного, исторического, сравнительного, критического и научно-теоретического методов. Сначала речь пойдет о концепции происхождения и творения в учении Платона, затем мы рассмотрим концепцию происхождения и творения в учении Фараби, наконец, дадим краткое объяснение взаимосвязи платоновского понятия «происхождение и творение». и «происхождение и творение» Фараба. Хотя идеи Платона и Абу Насра аль-Фараби относят к идеализму, их возникновение и создание явились первым двигателем философской мысли, которая после них стала спорной темой среди философов мира.

**Ключевые слова:** происхождение, творение, демиург, пантеизм, иррационализм, Платон, Фараби, философия, дух, перипатетизм.

## UNDERSTANDING ORIGINS AND CREATION FROM PLATO’S AND FARABY’S PERSPECTIVES

In the article the author examines the concepts of origin and creation in the teachings of Plato and Abu Nasr Farabi. The author decided to investigate the concept of origin and creation in the works and thoughts of these thinkers and show the similarities and differences of their thoughts on this issue. The use of imitative, historical, comparative, critical and scientific-theoretical methods in the process of researching the problem is widely observed. First we will talk about the concept of origin and creation in the teachings of Plato, then we will consider the concept of origin and creation in the teachings of Farabi, and finally we will give a brief explanation of the relationship between Plato’s concept of “origin and creation”. and Farabi’s “origin and creation”. Although the ideas of Plato and Abu Nasr al-Farabi are categorized as idealism, their origin and creation were the first engine of philosophical thought, which after them became a controversial topic among the philosophers of the world.

**Keywords:** origin, creation, demiurge, pantheism, irrationalism, Plato, Pharabi, philosophy, spirit, peripateticism.

### Дар бораи муаллиф

**Шералиев Бехрӯз Раҳмоналиевич** – доторант PhD-и шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға:ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33 E-mail: behruzdangara@gmail.com.Тел.: (+992) 100666615

### Об авторе

**Шералиев Бехруз Рахмоналиевич** – Sheraliev Bekhruz Rakhmonalievich – doctoral student in the specialty (PHd) Department of History of Philosophy of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after. A. Bakhovaddinov National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Dushanbe, Rudaki Avenue, 33 E-mail: behruzdangara@gmail.com. Tel.: (+992) 100666615

### About the author

**Sheraliev Behruz Rahmonalievich** - 2nd year PhD student at the History of Philosophy Department of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: s. Dushanbe, Rudaki Avenue, 33 E-mail: behruzdangara@gmail.com. Tel.: (+992) 100666615

ТДУ: 167.12 (584.6)

# НУФУЗИ АФКОРИ ФАЛСАФИИ АҲМАДИ ДОНИШ БА ҶАВОНБУХОРИЁН

***Раҳмонов С. Д.***

*Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

Ҷавонбухориён новобаста аз мансубияти миллӣ дар Ховари Миёна бегуфтугӯ худро пайрави Аҳмади Дониш пиндоштаанд ва муҳаққиқон то кунун ба ин масъала назари мухталиф доранд. Аз зумраи мусташриқини рус яке И. С. Брагинский мебошад, ки зимни муқоисаи ҷавонбухориён бо афкори маорифпарваронаи Аҳмади Дониш оқибат ба чунин хулоса меояд ва наҳзати ҷадидияро дар қиёс бо ҳаракати маорифпарварӣ қадаме ба ақиб муаррифӣ менамояд: "Худи ҷадидон гоҳе Аҳмади Донишро бунёдгузори наҳзати ҷадидия эълом мекарданд. Ин гузориши нодуруст аз сӯйи бархе муҳаққиқин бидуни интиқод пазируфта шуд, ки дар адабиёти марбут ба ин мавзуъ зикр шудааст ва дар воқеъ, ҷадидия гоме ба ақиб аз рушанфикрӣ, таҳрифи миллигароии он, тағйири ҷанбаҳои демократии он буд" [6, с. 29].

Агар маорифпарвариро гомҳои нахустини муосирсозӣ пиндорем, пас ягона мунаққиди ҷомеаи дар ғафлат қарордоштаи аморати Бухоро Аҳмади Носируддин аст, ки бо унвони Дониш машҳур асту рисолаҳое чун "Наводир-ул-вақоеъ" ва "Меёр-ут-тадайюн" ба мерос гузоштааст. Лекин ақоиди басе муфид ва раҳнамои ин шахсияти таърихӣ то кунун дар зеҳни тоҷикони муосир ҳамон гуфтаҳои фарангӣ ҷиҳати аз ток мева хӯрдани муслимин таъсир нагузоштааст. Ба вижа, дар илми муосир Аҳмади Дониш дар васати ду ҷаҳонбинӣ муаррифӣ мешавад, ки яке маорифпарварист ва дигаре ҷадидия маҳсуб меёбад, аммо мутафаккир чун ҷадидон ҷавонбухорӣ набуд ва дастпарвардаи макотиби такмилии хориҷ аз қаламрави Аморат намебошад. Гузашта аз ин, ҳамаи андешамандони Бухоро ва Самарқанд дар охирҳои садаи XIX ва аввалҳои асри XX ҷову беҷо пайравии хешро аз афкори Аҳмад махдуми Бухорӣ иқрор шуда, нақши ӯро дар фазои маънавии ҳамонвақтаи Аморат хеле барҷаста муаррифӣ сохтаанд. Ҳамчунин, Аҳмади Дониш низ дар "Наводир-ул-вақоеъ" омили ҳастии башарро дар ободу хуррам сохтани дунё муаррифӣ намудааст: "Ва моро овардаанд то ҷаҳонро ободдорем ва баҳрҳо ва конҳо бикшоем ва аҷоиботи олами арконро зоҳир гардонем. Ва моро аз лавозим аст, ки таҳқиқи миллали аҳли олам кунем ва сара аз сақат маълум кунем" [2, с. 153].

Дигар матолибе, ки ба мутафаккир иртибод дошта ва ҳамчунин, мавқеи ӯро аз соири уламои вақт ва ҳаракатҳои динӣ чун ҷавонбухориён ҷудо сохтааст, интихоб байни тақлиду таҳқиқ аст ва ба қавли Аҳмади Дониш, инсони соҳибфикр бояд роҳи таҳқиқро аз тақлид бартар донад: "ҷаҳд кун ва ҳиммати олӣ пеш ор, ки мартабаи инсонӣ ҳосил кунӣ ва халқро бад-он раҳнамоӣ кунӣ, чунонки кори муқаррабон аст аз абнои ҷинси ту. Ва ба тақлиди обо ва аҷдод сулук макун, ки ту ҳам истеъдоди ин маънӣ дорӣ, яъне муҳаққиқ бош, на муқаллид" [3, с. 25]. Агар ба муҳтавои осор бингарем, дер ё зуд пай мебарем, ки Аҳмади Дониш мехостааст, ки аморати Бухоро чун кишварҳои мутараққӣ рушд кунад ва пешоҳанги дували минтақа муаррифӣ шавад, аммо боис ба нигаронии мутафаккир аст, ки ҳар чизе номутаносиб хоси Бухоросту дилхоҳ тараққӣ хориҷ аз Бухорост. Дар ин бобат, мусаннифи "Наводир-ул-вақоеъ" менигорад: "Ваҷҳи хамули ман он будааст, ки ман ободии мамлакатро меҷустам, аммо ҳукми қазо бар харобии ин мулк ҷорӣ буд" [3, с. 274].

Бо таъсиргузории афкори пешқадами кишварҳои мутамаддин андешаҳои волои навгироӣ ва раҳоӣ аз ҳама гуна ҷаҳолатҳои асримиёнагӣ дар қалби маорифпарвари тоҷик тавлид ёфтанд. Нисбат ба дигар маорифпарварони Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ақидаҳои Аҳмади Дониш воқеӣ ва асоснок буда, тамоми масъалаҳои иҷтимоии ҷомеаро фаро гирифта буданд. Аќидаҳои иљтимої-фарҳангии Аҳмади Дониш дар заминаи арзишҳои фарҳангї ва адабии форсї-тољикї ташаккул ёфтаанд. Маҳз сафарҳо, суҳбатҳо ва мулоќот бо

ашхоси дунёдида, тоҷирон, бо маърифатпарварони ватаниву хориҷӣ боиси пайдоиши андешаҳои тоза гардида, ӯро то ба пояи асосгузори фалсафаи иҷтимоии маорифпарварии тоҷик баланд бардоштанд.

Ҷавонбухориён ҳамон ҷадидони Бухоро буданд, ки ғолибан дар Туркияи усмонӣ таълим гирифта пайрави ҷавонтуркон гардида буданд. Асли ин калима ҷавонтуркон аст ва таҳти таъсири онҳо ҷавонафғону ҷавонхеваву ҷавонбухориву ва ҳоказо ба саҳнаи воқеият гом гузоштанд. Аммо ин тоифаи ҷавонро дар аксар сарчашмаҳо бо унвони "ислоҳталабии динӣ" муаррифӣ намудаанд. Дар воқеъ, дар аксар пажӯҳишҳои тахассусӣ ин тоифа аз иҷтимоъ бозгаштан ба замони рушду таҳаввули хилофати исломиро таманно карда, муҳиту равиши зиндагии муслимини садри исломро барои хеш орзӯ менамудаанд. Тибқи тафаккур ва ақидаҳояшон бо ҷараёни панисломизм наздик шуда, ҳадафҳои диниро баррасӣ менамуданд. Аз нигоҳи ҷавонбухориён, миллат ислом буда, ҳар кӣ мусалмон аст, бояд дар як давлати воҳид бо дигар муслимин зиндагӣ ва фаъолият кунанд. Истилоҳи "ҷадид" асли арабӣ дошта, дар забони тоҷикӣ ба маънии "нав" далолат мекунад ва ҳаракати ҷадидия низ чун навоварон ва ҷонибдори усули ҷадиди тадриси макотиб муаррифӣ мешаванд. Аммо навоварӣ дар фаъолияти ҷавонбухориён чандон ба назар намерасад, чунки барои навовар унвон гирифтан боистӣ асли худро дошта бошед ва аммо ин ҷадидон пайрав буданд ва ғайр аз таблиғу ташвиқи ақоиди дигарон ба шуғли дигаре напардохтаанд. Бинобар ин, Аҳмади Донишро, ки ба қавли Расул Ҳодизода "мутафаккири маорифпарвар" муаррифӣ намудем, бо ин навоварон ва пайрави ҷавонтуркон набояд муқоиса бинмоем, чунки тафовути ину он аз замин то осмонро фаро хоҳад гирифт. Аммо нуфузи Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори ислоҳталабон чун ҷавонбухориён бузург арзёбӣ мегардад ва ҷадидон худ дар ин бобат арз намудаанд, ки дар густариши ҷаҳонбинии сиёсии онҳо осори мутафаккир, бавижа "Наводир-ул-вақоеъ" таъсиргузор буда, онҳоро аз хоби ғафлат бедор намудааст. Бояд мутазаккир шуд, ки яке аз роҳҳои таҳмил намудани ҳадафҳои геосиёсӣ паҳн кардани ин ҷараёнҳои сохташуда мебошад ва аз гумон дур нест, ки бархе аз ҷавонбухориён бинобар таблиғи ҷараёнҳои динии мутазаккир аз ҷиҳати молиявӣ таъмин мегардиданд. Пайдоиши ин ҷараёнҳо бо замони зуҳури панисломизм, яъне сиёсисозии ислом мусоидат мекунанд. Аммо бояд мутазаккир шуд, ки ҷадидони Бухоро чун навгиро ҳамаи маводу фикру хулосаҳое, ки вижагиҳои ҷадид доштанд, истиқбол менамуданд ва дар байни онҳо, хосатан дар осори Абдурауфи Фитрат иқдоми хориҷ аз аҳкоми исломиро мушоҳида намекунем, лекин ин ҳаракат аз афроди мушаххасе ташкил нашуда буд, ки ҳама якҷониба тафаккур карда, як равишро пайравӣ кунанд. Хоҳем-нахоҳем, дар байни ҷадидон низ буданд пайравони Боб ва аз зумраи онҳо низ афроде пайдо шуданд, ки аз ин ҷараён пайравӣ мекарданд. Айнӣ дар китоби "Таърихи инқилоби Бухоро" омили ивазшавии ҷадидонро ба ҷавонбухориён дар нуфуз пайдо кардани ҷараёни пантуркистӣ матраҳ карда, ин тағйиротро чунин баррасӣ мекунад: "Азбаски барои ба ҳамдигар наздик шудани ин соҳибфикрон дар марҳалаи аввал мактаби усули ҷадидия сабаб шуда буд, уламо ва арбоби ҳукумат ин фирқаро «ҷадид» ё «ҷадидӣ» номидаанд. Азбаски маслаки ин фирқа тараққию пешрафт ва роҳбаронашон ҷавонон ва ҷавонфикрон буданд, онҳо худро "ҷавонбухороиён" (мисли ҷавонтуркон) меномиданд" [4, с. 72].

Садриддин Айнӣ яке аз пайравони барҷастаи Аҳмади Дониш буд ва ҷиҳати тасдиқи ин фикр пажӯҳиши дар боби зиндагии мутафаккир анҷомдодаи Айнӣ кифоя мебошад. Ташаккули ҷаҳонбинии иҷтимоӣ-фалсафии Айнӣ дар асарҳои ӯ мушоҳида мешавад, ки дар онҳо таъсири мафкураи тарбиявӣ хеле пурзӯр аст. Айнӣ то инқилоби Октябр яке аз фаъолтарин иштирокчиёни самти маорифпарварии ҷадидӣ буд, ки асосан дар зери таъсири ҷадидони турк-тотор ташаккул ёфтааст. Ҷадидизм чун як ҳаракати фарҳангӣ ва сиёсӣ дар ибтидои асри XX ба вуҷуд омад ва манбаи асосии ташаккули он, пеш аз ҳама, панисломизм ва пантуркизм буд. Афкори фалсафии Аҳмади Дониш дар густариши наҳзати ҷадидия омили аслиро набозидааст, аммо аксар пажӯҳишгарон бар ин назаранд, ки сарманшаи пайдоиш ва паҳншавии ҷадидияи Бухоро маҳз осори Аҳмад махдум мебошад. Агар воқеият чунин мебуд, ҷадидизм ба ҷараёни хурофотпарастӣ ва гироиш бар минбарҳои таблиғии Ғарб бо кумаки тоторҳо мубаддал намегашт. Барои Айнӣ омили ташаккули ҷаҳонбинӣ маҳз осори Аҳмади

Дониш буд. Дар ин маврид ҳеҷ кас шубҳа надорад ва Абдурауфи Фитрат низ бештари идеяҳоро аз осор ва афкори фалсафии Аҳмади Дониш пазируфтааст. Масалан, “Мунозара” дар пояи баҳси фарангӣ бо ҳоҷии бухорӣ аз “Наводир-ул-вақоеъ” гирифта шуда, ҳамин ормон васеъ баррасӣ мешавад. Аммо агар Аҳмад-махдум дар “Меъёр-ут-тадайюн” ба интиқоди маслакҳову равишҳои динӣ пардохта, муҳити Бухороро дар суиистифодашавии ислом айбдор намояд, пас Фитрат дар “Мунозара” ҷиҳати аз байнравии бархурди шиаву суннат ҳарф мезанад, дар ҳоле ки ин ақида асли фалсафӣ надорад. Агар равишҳои динӣ аз байн бурда шаванд, пас омили асосии инкишоф, ки таззот аст, аз байн меравад. Бинобар ин, Фитрат идеяҳоро аз Дониш рабудааст, аммо онро дар ҷомеашиносии муосир натавонистааст роҳандозӣ кунад. Донишҳои ақлии Фитрат дар қиёс бо афкори фалсафии Аҳмади Дониш тангтар будаанд ва ин тангназарӣ ӯро муқаллиду мубаллиғи пантуркизм сохтааст. Агарчи дар баъзе интишороти “Мунозира” муаллиф дар сархати аввал ин ҳикматро ҷо кардааст: “Ҳақиқат натиҷаи тасодуми афкор аст”.

Абдурауфи Фитрат дар китоби «Мунозира» исбот намудааст, ки ҷаҳонбинии шаҳрвандони Аморати Бухоро дар қиёс бо тарзи тафаккури фарангиён дар кадом сатҳ қарор гирифтааст. Аммо мунозираи сайёҳи бухороӣ бо марди фарангӣ аз рӯоварии муаллифи китоб ба фарҳангу андешаронихои бегона ва таҳмилшуда аз сӯи кишварҳои ғайр гувоҳӣ медиҳанд. Агарчӣ муаллиф ихтилоф дар миёни ҷадиду қадимро аз нақшаи дар ғараз омехтаи сиёсати аз хориҷа таҳмилёфта мепиндорад ва мутмаин аст, ки сукнои аморат як дину як Ватан доранд, вале худ он андешаро таблиғ менамояд, ки онро дар хориҷ аз Бухоро дар пушоки панисломизм таҳия намудаанд ва муҳаққиқон ин андашаи таҳмилиро пантуркизм номидаанд.

Навгироёни Бухоро аз қабили Фитрат, ки дар таърих ҷадид инъикос ёфтаанд ва баъзан таҳти унвони «ҷавонбухориён» муаррифӣ шудаанд, мактаби ҷавонтуркнонро гузаштаанд ва дар интиқоли ақидаҳои бегонагон аз хориҷ ба дохили аморат саҳмгузоранд. На фақат ҷадидони Бухоро, балки бархе аз поягузорони панисломизм чун Саид Ҷамолуддин ва доктор Муҳаммад Иқбол дар манофеи бегонагон хидмат намуда, омили тарҳрезӣ ёфтани мазоҳиби таҳмилӣ шудаанд. Иқболи Лоҳурӣ муслиминро аз хатарҳое воқиф месозад, ки фарангиён бар онҳо таҳмил менамудаанд, аммо худ низ он ақидаеро баён медорад, ки имрӯз сабаби нифоқ ва паркандагии онҳо гардидааст. Андешаи барпо намудани Хилофат ва бозгашт ба аҳди паёмбар, ҳамчунин ба василаи ҷиҳод хароб намудани кишварҳои исломӣ бо дар назардошти таблиғи беватанӣ ва таҳияи давлати воҳид на танҳо дар замони муосир, балки дар аввали садаи бистум аз ҷониби ҷавонбухориён чун Абдурауфи Фитрат бозгӯ шудааст. Муаллифи «Мунозира» ҳамаи хидматҳои хонадони Сомониро ҷиҳати истиқлол ёфтану итоат надоштан аз Хилофати араб инкор сохта, ба аслиҳаи маънавӣ дар дасти таҳмилкунандагони сиёсати хориҷиён мубаддал гардидааст.

Фитрат низ дар «Мунозира» баҳсу ихтилофи равияҳои асосии исломиро дар мисоли шиаву суннат дар оғози китоб кухна дониста, даъват ба амал меорад, ки ин ихтилофро “аз миён бардоред, онҳо ки шуморо аз тавассул ба ин асбоб манъ менамоянд, хоинони исломанд. Фиреби онҳоро нахӯред!” [5, с. 3]. Аммо худ ҳангоми баёни андеша фиреб хӯрда, ақидаи барои мардуми Бухоро бегонаро интишор мекунад ва ба васешавии ихтилофи муслимин мусоидат менамояд. Таблиғи хурофот дар ниқоби ислом ва дини мубин ҳамон андешаҳои таҳмилӣ маҳсуб мешаванд, ки бо мақсади такмил додани муҳити барои манфиатҳои бегонагон мусоид таҳмил мегардид.

Воқеан, ҳикояте, ки Фитрат бо он тасодуф омадааст, ба Аҳмади Дониш тааллуқ дошта, ба китоби маъруфи ин донишманд бо номи “Наводир-ул-вақоеъ” мансуб мебошад. Лекин Дониш ин ҳикоятро аз хотири таҳмил намудани ақоиди фарангиён бар бухориён наовардааст ва чун се маротиб озими Русия шуда, аз бартарии тамаддуни ин кишвар аз аморат воқиф буд, лек ҳеҷ гоҳ аз аҳли Бухоро даъват накардааст, ки ҷои тамаддуни хеш аз тамаддун ва фарҳанги бартаридоштаи Фаранг пайравӣ намоянд ва чунонки Фитрат гуфтааст, ин масъала аз ҷониби Дониш «ба таври акмал ҳал шудааст», аммо Фитрат дар «Мунозира» барои таҳмили бегонапарастӣ ва таблиғи фарҳанги аҷнабӣ на танҳо кӯмак намудааст, балки худ мубаллиғи андеша ва нақшаҳои сиёсии афроди бурунмарзӣ шудааст.

Фитрат агарчи ҳикмати бузургро, ки "ҳақиқат натиҷаи тасодуми афкор аст", таълиф намуда, онро дар ибтидои рисолаи хеш гузоштааст, аммо бо вуҷуди ин дар сартосари "Мунозира" кӯшиш намудааст, ки Бухороро аз тасодуми афкор эмин нигаҳ дорад ва аз забони фарангӣ фаъолияти бегонагироиро дар мисоли афроди мубаллиғи маорифпари исломӣ тавсия медиҳад: "Ниёзбек, Анварбек барои машрутаи Истамбул меҳнатҳо, ки кашиданд, агар навпарастӣ набуд, чӣ буд? Сатторхон, Боқирхон ҷиҳати талаби машрутаи Эрон ҷони худро дар кафи даст гирифта ба ҳар тараф медавиданд, ҷузъ осоиши навъи худ чӣ дар назар доштанд? Абдурашид Иброҳими Нуғай аз манзили худ бо дувоздаҳ суми русӣ барои таъсиси иттиҳоди Ислом то Чину Жопон рафта, дар Токио, ки пойтахти Жопон аст, чанд нафар аъёнро мусулмон карда, як ҷамъияти исломӣ ташкил дода, ғайр аз хидмати ислом чӣ мақсуд дошт?" [10, с. 15].

Фитрат афроди мутазаккирро чун намуна оварда, афзӯдани сафи муслиминро аз мақсадҳои ислом донистааст, вале ишора накардааст, ки афзӯдани теъдоди муслимин дар шароити навгироии кӯркӯронаи онҳо бар зарари худи онҳо анҷом мепазирад. Ҳамчунин, ҳадафи асосӣ паҳн намудани ислом нест, дар ҳоле ки муслимини дунё ғолибан аз дигарон эҳтиёҷ доранд. Интишори ақидаҳои динӣ дар аввалҳои садаи бистум маънои онро дошт, ки ҷомеаи шаҳрвандии аморати Бухоро дар он замон низ идомаи ҳамон ҷамъиятест, ки нуфӯзи хурофотпарастии диниро аз илму маорифи муосир авлотар меҳисобад ва ин гуна пасравиро боз аз забони фарангӣ изҳор менамояд.

Таблиғи хурофот ва дигар кирдорҳои ба дин вобаста чун аз ҷониби фарангӣ сурат мепазирад, пас метавон чунин хулоса бардошт намуд, ки фарангиён пасравӣ ва инҳитоти ҷомеаи Бухороро таманно намуда, барои татбиқ намудани он талош меварзанд, Фитрат бошад, василаи татбиқ намудани инчунин ақида маҳсуб меёбад, аммо ӯ боз аз забони фарангӣ дар ситоиши илм пардохта, зимни баён намудани ин масъала манфиати илмро барои давлатдорӣ зикр менамояд: "Илм сабаби ободии мулк аст, илм боиси тараққии миллат аст. Илм аст, ки муште ҷазиранишинони англисро фармонравои Ҳинд, Миср, Балуҷистон, қисме аз Арабистон, номутаммадинони русро молики риқоби муслимини тотор, қирғиз, Туркистон, Қафқоз намуда, мамолики васеи Усмониро пора-пора ба дасти бегонагон нагардонид магар ҷаҳл…" [7, с. 21].

Муаллиф чун ба ситоиш аз илм сухан мекунад, иқрор нест, ки илму таблиғ аз ҳамдигар мутафоввит мебошанд ва андешаҳои таблиғӣ ба илм иртибот надошта, хулосаи амалҳои сиёсӣ ҳастанд. Аз назари мусаннифи "Мунозира" ғосибони ҷаҳон олим будаанд ва маҳз илм онҳоро имкон додааст бар дигарон ҳукумат кунанд. Аммо он илме, ки Фитрат дар назар дорад, ҳеҷ гоҳ сабаби ободии мулку миллат намешавад ва иттиҳоди муслимин, ки ӯ орзӯ дорад, бо роҳи таблиғи ақоиди аҷнабӣ ҳосил нахоҳад шуд, чунки мусанниф илмро бо ақидаҳои хурофотии динӣ омехта намудааст. Гузашта аз ин, аз матни зикргардида маълум аст, ки муаллиф гирифтори таблиғест, ки кишварҳои абарқудрат дар бархурд бо ҳамдигар ва дифоъ аз манофеи геополитикӣ аз он истифода менамоянд. Руссияро мутаҳҳам сохтан дар тасарруфи Қафқоз, Осиёи Марказӣ, Тотористон ва дигар марказҳои мусулмоннишин аз ин гувоҳӣ медиҳад ва ҳувайдост, ки фарангӣ муваззаф шудааст то муслиминро ба муқобили Русия таҳрик намояд. Фарангӣ бинобар сиёсати ғасбкоронаш дар сартосари ҷаҳон боз таклиф пешниҳод менамояд, ки дар мулки муслимин русҳо зулм мекунанд: "Солҳост давлати рус Самарқандро тасоҳуб намуда, зулме нест, ки ба муслимини он ҷо дареғ надорад, аз қароре, ки мегӯянд, русҳо дар он ҷо мақоми фоҳиш бино карда, духтарон ва занони ашроф агар хоста бошанд, дар он ҷо рафта менишинанд, касе манъ карда наметавонад. Ҳама мегӯянд, дар масъалаи шаръие, ки мутобиқи закуни рус набошад, уламо аз иҷрои он оҷизанд" [7, с. 25].

Барои ашрофзодагони самти таваҷҷуҳ ба имрӯзу фардои миллат ва барои афроде, ки сарнавишти кишварро пайваста мушоҳида менамуданд чун Аҳмади Дониш, маълум буд, ки аз даст рафтани истиқлолияти кишвар на танҳо бо бартарии соф ҳарбию техникии Россия, балки бо равандҳое, ки дар замонашон дар дохили худи аморат, яъне бо буҳрони низоми сиёсӣ ва қудрат ба вуҷуд омада буданд, алоқаманд буд. Низоми идора аз райият дар мамлакат бесамар буд ва Аҳмади Дониш, ки на танҳо адиб, балки арбоби давлатї, дипломат

ва файласуфи камназир низ буд, дар осори худ пайваста суолҳои зеринро ба миён меовард: сабаб чист, ки кишвараш ба таназзул афтода, ба чолишҳои замонавӣ посух дода натавонист? Маҳз дар ҳамин ҷо Дониш маҷбур шуд, ки ба ақидаҳои анъанавӣ муқобилат кунад. Аммо ҷавонбухориён ва муқобилаи онҳо бо анъанаҳо ва кӯҳнагироии шаҳрвандон дар натиҷаи таҳсил ва ошношавӣ бо афкори таҳмилӣ роҳандозӣ мешуд, ки намунаи онро дар мисоли мунозараи Фитрат пешниҳод намудем. Қудратҳои ҷаҳонӣ медонистанд, ки дар дилхоҳ давлати исломӣ аз даст рафтани мустақилияти сиёсӣ барои ҷавонони он кишварҳо таҳаммулпазир намебошад, бинобар ин, онҳо сиёсисозии исломро таҳия карда, ҷавонони мубориэро бо он гирифтор намуданд ва онҳоро дар татбиқи ҳадафҳои геосиёсии хеш истифода намуданд. Ҷавонбухориён бошанд, аз зумраи ҳамин гуна ҷавонони мубориз маҳсуб мешаванд, ки дар дасти аҷнабӣ чун силоҳи маънавӣ қарор доштанд. Аммо бархе аз муҳаққиқон дар замони соҳибистиқлолӣ фарзияи нав дар илми муосир ҷиҳати баҳогузории ҷадидизм пешниҳод сохтаанд, ки тибқи он мо набояд намояндагони ин ҷараёнро унвони “маорифпарвар” дода, нақши онҳоро дар пасравии афкори иҷтимоии аҳли Бухоро мункир шавем. Инак, пешниҳоде, ки ҷиҳати сафедсозии ҷавонбухориён аст: “Ҷадидон ҳақиқатан ҳам давомдиҳандагони фаъолияти маорифпарварони асри XIX буданд. Бинобар ин онҳоро низ маорифпарварон номидан хато нест, вале ин ҳаракатро нисбат ба маорифпарварони асри XIX «як қадам ба қафо» гуфтан хатост. Баръакс, ҳаракати ҷадидӣ нисбат ба маорифпарварии гузашта як қадам ба пеш аст. Зеро маорифпарварони аввала норасоиҳои замонро дар асарҳо, суҳбатҳо, шеъру сурудҳои худ сахт танқид карда, барои амалӣ гаштани он корҳои назаррасе накардаанд. Аммо ҷадидон аз ибтидо фаъолияти худро бо кори амалӣ– ташкили мактабҳои усули нав, нашри рӯзномаҳо, ислоҳи усули таълим дар мадрасаҳо ва ғайра оғоз карданд. Ба ҷадидон тамғаи исломпарастӣ (панисломизм)-ро часпонда сиёҳ кардан низ хатост. Зеро, чунон ки таъкид намудем, фаъолони ин ҳаракат аксаран аҳли савод, муллою муллозодаҳо, мударрисҳо ва толибилмони мадрасаҳо, яъне қариб ҳама аз аҳли ислом буданд. Бинобар ин онҳо ҳеҷ гоҳ аз доираи ислом берун шуда наметавонистанд ва ин тавр шуданаш мумкин ҳам набуд. Аз аҳли ғайримусулмон – яҳудиёни маҳаллӣ аксаран хайрхоҳон буданду халос. Бинобар ин ҷадидон аз доираи шариати дини ислом набаромада, бо роҳи ислоҳот мулки худ ва мардуми онро аз ҳолати бенавоию фақирӣ бароварда, ба қатори халқҳо ва давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон расонидан мехостанд” [8, с. 124].

Асари Фитрат таҳти унвони “Мунозира”, ки соли 1909 интишор гардид, дар асоси як мунозираи кӯтоҳ аз “Наводир-ул-вақоеъ” бармеояд. Аз ҷониби дигар, ин асар дар баҳси сайёҳи бухорӣ бо як нафар фарангӣ мунозираи рушду тараққӣ бо зулму торикист ва як намуд таҳмил намудани зисту фаъолият ва андешаронии Ғарб ба Шарқ маҳсуб мешавад. Тибқи ақидаи Аҳмади Носируддин дар “Наводир-ул-вақоеъ” Шарқ мебоист бидуни пайравӣ аз Ғарб рушду тараққӣ кунад, аммо Фитрат дар “Мунозира”-аш таҳавулоти Бухороро бидуни таҳмили андешаронии аврупоӣ ғайриимкон меҳисобад. Агар Аҳмади Дониш дар китоби дигари хеш ба унвони “Меъёр-ут-тадайюн” мазҳабгароиро омили асосии барҷомондагӣ ва паркандагии муслимини Бухоро донистааст, пас Абдурауфи Фитрат дар “Мунозира” баҳси шиаву суннатро ба асри худ ғайри қобили қабул дониста, пешравии ҷомеаи Бухороро дар пайравӣ аз озодандешии Туркияи усмонӣ мебинад ва ҳатто гумон ҳам надорад, ки мамлакати зикршуда танҳо нусхаи кишварҳои Урупост ва урупоиҳо ба василаи туркҳои усмонӣ ақидаи хешро ба кишварҳо интишор менамоянд. Агар Аҳмади Дониш дар васфи Русияи подшоҳӣ фақат ба тавсиф қаноат кунад, Фитрат бо роҳи таблиғ низоми сиёсии урупоиро бар ҷомеаи Бухоро таҳмил менамояд. Айнӣ махсусан дар «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» низоми подшоҳиро мавриди интиқоди шадид қарор додааст, аммо ӯ низ дар китоби мазкур макотиби усули ҷадид ва чӣ гуна бо кумаки тоторҳои Қрим бори нахуст кушода шудани инчунин мактабҳо дар Бухорову Самарқанд маълумот додааст, вале Айнӣ сабабҳои дар Бухорову Самарқанд ба фаъолияти эмиссарӣ пардохтани муллоҳои тоторро таҳқиқ накардааст. Ӯ низ аз ашхоси мубориз ва ҷонибдорони мактабҳои усули нав буд, фикр мекард, ки муллоҳои тотор низ мисли дигар муслимини аз лиҳози маънавӣ пешрафта нисбат ба ҷомеаи Бухоро хайрхоҳ ҳастанд. Маҳз ҳамин тарбияи нодуруст дар рӯҳияи эътимод ба

афроди диндор тоҷиконро дар аксар маврид тобеи андешаҳои аҷнабӣ намудааст, дар ҳоле ки домулло Айнӣ ба одамони диндор илтифоти барҷаста доштааст.

Замони пайдоиши ҷавонбухориён аз он шаҳодат медиҳад, ки дар миёни тоҷикон бо далели интишори ақоиди панисломистӣ густариши тафаккури миллӣ ба назар намерасад ва ҳатто чунин ашхоси сиёсатмадор ва донишманд чун Мирзо Сироҷи Ҳаким дар баёни ақидаҳои худ тамоюлоти динӣ доштаанд. Аммо таҷрибаи таърихии тоҷикон далели муътамад аст, ки тарзи тафаккури динӣ ва панисломистӣ барои тоҷикон оқибат бо ғалабаи пантуркизм анҷом пазируфтааст. Маҳз ҳамин эътимод ба ақидаҳои динӣ сабаб гардид, ки тоҷикон дар тақсимоти милливу марзӣ бо дахолати худи тоҷикҳо аз давлатдории миллӣ маҳрум гашта, дар сарзамини хеш аз бегонагон тобеъ гардиданд, чунки инкор намудани тоҷик ва таъсиси давлати воҳиди Туркистон минбаъд гӯё имкон ба вуҷуд меовард, ки муслимини Осиёи Миёна аз тобеияти болшевикҳо озод гардида, давлати ягонаи исломиро дар масоҳати бузургтар ташкил намоянд. Иқрори бархе аз ходимони бонуфузи давлатӣ мисли Абдуқодир Муҳиддинов, Файзулло Хоҷаев, Аббос Алиев ва амсолашон аз ин гуфтаҳо шаҳодат медиҳанд. Дар охири садаи бистум низ маҳз бо ғалабаи андешаи динӣ бар ақидаи миллӣ дар тоҷикон қудрати сиёсӣ ба дасти чандин муллоҳои аз сиёсат бехабар уфтод ва хатари аз байн рафтани давлати миллӣ ба вуҷуд омад, ки онро бо талошҳои камназир фарзандони садоқатпешаи тоҷик чун Нусратулло Махдум, Шириншо Шоҳтемур ва ғайра барқарор сохта буданд.

Лозим ба ёдоварист, ки майлони муҳаққиқин бобати баҳогузориҳои таърихӣ зуд-зуд тағйир меёбанд ва иқдоми барҳам задани тафовути сияҳ бо сапед дар илми муосир баъзан мушоҳида мешавад. Баҳогузории ҷиддӣ ҳам ба маорифпарварӣ ва ҳам ба наҳзади ҷадидия ҳануз дар даврони Шуравӣ ташхис ёфтааст, аммо ақидаи боло бори дигар исбот мекунад, ки дар илми муосир баъзан таклифҳое нашр мешаванд, ки ҷиҳати пардапӯшонии ҳақиқати таърихӣ роҳандозӣ шудаанд. Бинобар ин, чунин иқдомҳо бояд идома напазируфта, ҳатман ҳини пайдоиши хеш омилҳои ба вуқуъ пайвастани чунин ақидаҳо ошкор гарданд, вагарна таърихи афкори фалсафии халқи тоҷик дар ду даҳсола ба афсона табдил хоҳад шуд.

Матне, ки ҳақиқати таъсирпазирии ҷавононро дар ахири садаи XIX воқебинона ифшо кардааст, китоби Садриддин Айнӣ таҳти унвони "Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро" маҳсуб мешавад. Ин рисола пас аз 70 соли маҳбусӣ интишор шуда, сарчашмаи қавитарин ҷиҳати баррасии навоварон ва тарафдорони усули ҷадид мебошад. Муаллиф мутолиа намудани "Наводир-ул-вақоеъ" ва "Сайёҳатнома" – и Иброҳимбекро дар зиндагии хеш инқилоби фикрӣ ном бурдааст: "Фақир ҳарчанд то ин дам аз матбуоту адабиёти ҳозира бехабар будам, лекин як орзуи ислоҳи макотибу мадорис дар хотирам нохуне мезад ва аз бидъоти маъхуд байни худҳо хеле нафрат доштам. Ин орзу ва нафрат ба ман ба воситаи мутолиа карданам "Наводир-ул-вақоеъ" ном китоби Аҳмад Махдуми Муҳандис Дониши Бухороӣ ва аз хондани китоби "Саёҳатнома" – и Иброҳимбек пайдо шуда буд" [5, с. 35].

Наҳзати ҷадидия аз ҷавонони навовар муртабит буд, ки усули нави тадрисро дар мактабу мадрасаҳои Бухоро таманно доштанд, фикр менамуданд, ки тавассути тағйир хӯрдани тадрис дар макотиб кишвар рушд мекунад. Аммо онҳо дар муҳити хеш пешгом набуданд ва макотиби усули савтияро дар Ховари Миёна тоторҳо кушоданд. Аз зумраи нахустин бухороиён, ки мактаби усули савтияро дар Бухоро ташкил намуданд, дӯсти Айнӣ ва пайрави Аҳмади Дониш – Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим буд. Валекин бо рух додани инқилобҳо дар импературии Русия ва ғалабаи болшевизм дар ин кишвар марому аҳдофи сиёсии ҷадидон низ тағйир хӯрд, гурӯҳе худро дар пайравӣ аз ҷавонтуркон "ҷавонбухориён" гуфтанд, гурӯҳи дигар бошад, дунболи болшевикон рафта, фикри иштирокиро истиқбол намуданд. Боқимонда, ки ину онро пайравӣ надоштанд, аз минбару муколама маҳрум монда, аксарашон солҳои сиюми садаи XX қатл гардиданд.

Фитрат дар Туркияи усмонӣ илм омӯхта, дар Русия кор мекард, Мирзо Сироҷ дар саросари Осиё ва Аврупо сафар карда, дар Эрону Афғонистон ба тиб, тиҷорат ва дигар фаъолиятҳо машғул буд. Фитрат дар мубориза барои истиқлолияти Осиёи Миёна ва аз нуфузи империяи Русия баромадани он дар бунёди давлати пантуркистӣ дар минтақа саҳм

гузошта, саъю кӯшиши зиёде кардааст, то ки Бухоро ҳувияти миллии худро аз даст диҳад ҳам, мансубияти динии худро фаромӯш накунад. Вале бо вуҷуди ин ҳама иштибоҳот, қайд кардан бамаврид аст, ки Фитрат қафомонии кишварашро танҳо ба он одамоне вогузошта буд, ки озодию истиқлоли худро аз даст дода, ба хотири манфиатҳои шахсии худ манфиатҳои миллиро ба фаромушӣ супурданд. Ҳарчанд хоҳиши онҳо навсозии низоми сиёсии аморати Бухоро буд ва барои расидан ба ин ҳадаф аз кушодани мактабҳои методии нав оғоз карданд, аммо дар ниҳоят рисолати миллии онҳо ба зиёни мардум анҷом ёфт.

Аммо ба макри хасм гирифтор шудани ҷавонбухориён он маъниро дорад, ки наҳзати ҷадидия омилҳои манфии бисёре ба бор доштааст ва ин омил дар ҳеҷ сурат намегузорад, ки мо дар ин таҳқиқот Аҳмади Донишро бо онҳо баробар аз зумраи афроди пешқадам ном бибарем. Тафовути ақлии онҳо намегузорад, ки гирифторони андешаи бегонаро дар як мизон бо афкори фалсафии мутафаккири маорифпарвар санҷида, пасон баҳогузорӣ кунем, чунки ин тафовут мисли замину осмон аст. Маорифпарварӣ пиндоштани ҷадидизм дар сомонаҳову минбарҳои кишвари ҳамсоя (Узбекистон) ва аз зумраи ислоҳталабони динӣ гумоштани Аҳмад-махдуми Дониш дар Тоҷикистон майли уламои бо мо муосирро ба геополитикаи кишварҳои Ғарб ошкор карда, дигарбора исбот мекунад, ки дар байни уламои ватанӣ афроди хурофотпеша кам нестанд. Чунки маҳз хурофотзадагӣ бархе аз муҳаққиқонро водор доштааст, ки заминаи аслии афкори фалсафии Аҳмади Донишро ба ислом нисбат дода, сарчашмаи тафаккур ва ҷаҳонбинии ақлии ӯро дар доираи дин баррасӣ кунанд. Аммо осори мутафаккир дигар ақидаро дорост: мутафаккир дунявӣ меандешад, назари фалсафӣ ва ақлонӣ ба динро матраҳ менамояд, таблиғи муслимини садри ислом дар низоми ақидатии ӯ мушоҳида намешавад. Гузашта аз ин, Аҳмади Дониш зимни баррасии масоил фикри миллиро ҷонибдорӣ мекунад ва тибқи афкори вай, яке аз авомили ақибмондагии аморат роҳандозӣ аз низоми ҳарбию сиёсии Темучин (Чингизхон) маҳсуб мешавад. Илова бар ин, аҳкоми дини ислом аз диди мутафаккир аз анъана ва вижагиҳои бегона холӣ нест, чунки "уламо ҷиҳати майли раёсат ҳақиқати дину диёнатро ба таъвил мепӯшанд": "Ва он чи муфассирон дар баёни зоҳиру алфозу маонӣ ва атвори фасоҳат ва мавриди калом навиштаанд, ба қадри афҳом ва мадорики худашон бошад ва ба ҳасби истеъдоди худи онҳо бувад" [1, с. 31]. Ҷои дигар менависад: "Ва агар ҳақиқати дину диёнат ботини шариат аст, чӣ шуд, ки ҳеҷ аз аҳволи уламо ва машоихуно дар он мувофиқ нест. Набояд ки кулли халқ гумроҳ бошанд ва ба иттифоқ ғалат кунанд" [1, с. 53]. Яъне, хостарин вижагии баррасии адён бинобар манофеъ ва хоҳишҳои нафсонӣ матраҳ намудани аҳком мебошад ва муфассирону мутакалимон дар ин ҷода муқадам ҳастанд. Агар ин тарзи тафаккурро, ки ба Аҳмади Дониш нисбат медиҳем, бо ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои иҷтимоии ҷадидону ҷавонбухориён муқоиса кунем, қариб ҳеҷ алоқа ва пайвастагие намебинем. Дар ин маврид, С. Айнӣ истисност, чунки ӯ ва ба ӯ монандҳо (масалан, Мунзим, Аббос Алиев) ду асолати афкори Донишро татбиқ намудаанд: якум, дунявӣ, сонӣ, миллӣ. Тибқи иттилооти С. Табаров, андешаҳои ваҳдат дар мубориза бо истибдод ва ҷаҳолат дар рӯзномаҳо торафт баландтар садо медоданд. Пайдо ва паҳн шудани нашриёҳои нави рӯзномаҳо, кушода шудани мактабҳои бо усулҳои нави таълим барои ҳаракати маорифпарварӣ дар мамлакатҳои тараққикардаи Шарқ заминаи хуб омода карданд. Ба гуфтаи Соҳиб Табаров, рӯзномаи «Тарҷумон» аз Крим ба Бухоро аз номи Саидаҳмади Ришкан, ки яке аз хешовандони Мирқодирмахдум буд, омада, Айнӣ бори нахуст тавассути ҳамин рӯзнома бо ҳаводиси ҷаҳон ошно мешавад. Аммо рӯзномаҳои тоторӣ дар як муддат нуқсе дар густариши ҳувияти миллӣ буд ва бо тоториҳо ҳаммаслак будани ҷадидон танҳо аз ин хотир буд, ки онҳо мусалмон буданд.

Аҳмади Дониши озодфикр камбудии асосии амроатро бо ҳукмронии амирони манғит вобаста медонист. Ба ақидаи равшанфикр, амирони Бухоро аз сабаби надоштани дониши муайяни стратегии сиёсӣ, таҷриба ва омодагии муқовимат ба зулм, бо Россияи подшоҳӣ рақобат карда наметавонистанд. Аҳмади Дониш зимни сафараш ба Русия ба пешравии сиёсат, фарҳанг ва тамаддуни аврупоӣ ишора карда, ҳангоми муқоиса бартарии ҳокимони русро бар амирони манғит таъкид карда, ошкоро эътироф кардааст, ки Бухоро аз Русия пасттар аст ва омили асосии пайдоиши ақибмонӣ зулму риёкорӣ ва хурофот буд. Нигоҳи

таърихии воќеият ва зуҳури аломатҳои муайяни таърихии тафаккури дунявӣ ҳамзамон бо динамикаи инкишофи маърифат ба амал омад. Воќеан, даъват ба маорифу фарҳанг ва муќовимат ба урфу одатҳои куҳна дар ин давра дар Осиёи Миёна шакли махсус пайдо кард. Яъне, ба гуфтаи муҳаққиқ, фарҳанги овардаи русҳо дар Осиёи Миёна ду навъи маорифро ба вуҷуд овардааст, ки яке аз онҳо либералӣ буда, дигаре бар андешаҳои нави он замон асос ёфтааст.


***Адабиёт***

1. *Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, Китоби I, Душанбе: Дониш, - 1988, -287 с.*
2. *Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, Китоби II, Душанбе: Дониш, - 1989, -334 с.*
3. *Аҳмади Дониш. Осори багузида, - Душанбе: Ирфон, 1976, - 374 с.*
4. *Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро, - Душанбе: Адабиёти бачагона, 2017, -240 с.*
5. *Айнӣ С. Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро // Айнӣ С. Куллиёт, Ҷ. 14, - Душанбе: Матбуот, 2005, - 270 с.*
6. *Брагинский И.С. О природе среднеазиатского джадидизма в свете литературной деятельности джадидов//История СССР, - М.: Наука, 1965, №6, - С. 26-38.*
7. *Фитрат А. Мунозира, - Душанбе: 1992, - 84 с.Абдуллоев Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ, - Душанбе, Дониш, 1994, - 151 с.*
8. *Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-уми асри XIX то соли 1924), - Душанбе: Эр-граф, 2007, - 368 с.*
9. *Самиев Б.Дж. Социально-исторические идеи таджикских просветителей конца XIX - начале XX вв.: Автореферат диссертации. На соискание ученой степени доктора философских наук / Б. Дж. Самиев. – Душанбе: 2009, - 46 с.*
10. *Турсун А. Ахмад Дониш: штрихи к портрету «первого джадида» Центральной Азии, Азия-Плюс, 26 октября 2017 г.*


## НУФУЗИ АФКОРИ ФАЛСАФИИ АҲМАДИ ДОНИШ БА ҶАВОНБУХОРИЁН


Дар мақола таъсири андешаҳои Аҳмади Дониш ба рӯшанфикрони тоҷик баррасӣ шудааст. Муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки Дониш яке аз муҳимтарин равшанфикрони халқи худ буда, ақидаҳои у дар ташаккули ҷаҳонбинии зиёиёни тоҷик таъсири калон расондаанд. Дониш аз навсозии ҷомеа ҷонибдорӣ мекард, аммо дар айни замон аз тақлиди кур-курона ба таҷрибаи Ғарб метарсид. Вай бовар дошт, ки маориф дар рушди инсон ва ҷомеа нақши калидӣ дорад. Идеяҳои ӯ то имрӯз аҳамияти худро доранд.

Бо вуҷуди баъзе ихтилофҳо, андешаҳои Аҳмад Дониш дар ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонони бухороӣ ва талошҳои онҳо барои навсозии ҷомеаи аморати Бухоро нақши муҳим бозиданд.



**Калидвожаҳо:** маорифпарвар, ҷавонбухориён, ҷадидизм, пантуркизм, усули ҷадид, ислоҳталабони динӣ, низоми амирӣ, рӯзномаҳо, хурофотзадагӣ.


## ВЛИЯНИЕ ФИЛОСОФСКИХ МЫСЛЕЙ АХМАДА ДАНИША НА МЛАДОБУХАРЦЕВ


В статье исследуется влияние идей Ахмада Даниша на таджикскую интеллигенцию. Автор приходит к выводу, что Данеш был одним из главных просветителей своего народа и его идеи оказали большое влияние на формирование мировоззрения таджикской интеллигенции. Данеш выступал за модернизацию общества, но при этом опасался слепого копирования западного опыта. Он считал, что образование играет ключевую роль в развитии человека и общества. Идеи Данша актуальны и в наши дни.

Несмотря на некоторые разногласия, идеи Ахмада Данеша сыграли важную роль в формировании мировоззрения молодых бухарцев и их стремлении к модернизации общества Бухарского эмирата.



**Ключевые слова:** просветитель, младобухарцы, джадидизм, пантюркизм, новый метод, религиозные реформаторы, эмиратская система, газеты, суеверие.

## INFLUENCE OF AHMAD DANI'S PHILOSOPHICAL THOUGHTS ON THE YOUNG BUKHARANS

This article explores the impact of Ahmad Donish's ideas on the Tajik intelligentsia. The author posits that Donish was a seminal figure in the intellectual enlightenment of his people. His philosophies significantly influenced the worldview of the Tajik intelligentsia. Donish championed the modernization of society while advocating for a cautious approach, wary of uncritical emulation of Western models. He firmly believed that education serves as the cornerstone for individual and societal development. Donish's ideas retain their relevance in the contemporary era.

Despite some points of contention, the influence of Ahmad Donish's thought on the Young Bukharans' worldview is undeniable. His ideas fueled their aspirations to modernize the social fabric of the Bukhara Emirate.

**Keywords**: enlightener, Young Bukharians, Jadidism, pan-Turkism, new method, religious reformers, emirate system, newspapers, superstition.

**Дар бораи муалиф:**

**Раҳмонов Самандар Давлаталиевич -** унвонҷуи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. Тел: 777770606.

**Об авторе:**

**Рахмонов Самандар Давлаталиевич-** соискатель Институт философии, политологии и права имени А. Баховаддинов НАНТ Тел: 777770606.

**About the author:**

**Rakhmonov Samandar Davlatalievicn-** applicant of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the NAST Tel: 777770606.

ТДУ 321.74 (01)

# ТАҚВИЯИ НАҚШИ НИҲОДИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ

***Сангинзод Д.Ш., Қозиён Ш. Қ.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Ниҳодҳо ҳамчун омилҳои муташаккили идоракунии иқтисодиёт, на камтар аз омилҳои табиӣ ва техникӣ ба рушди иқтисодиёт таъсиррасон мебошанд, бинобар ин, мо ба андешаи Дуглас Норт мувофиқат дошта, чунин ҳисоб мекунем, ки калиди рушди иқтисодӣ ва ташкили самараноки иқтисодиёти минтақавӣ вуҷуд доштан ва амал кардани ниҳодҳои пешрафтаи идоракунӣ мебошанд.

Ҳангоми баррасии ниҳодҳои минтақавии идоракунии давлатӣ дар кишвари мо ба назар гирифтани сохти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад. Ниҳод қоидаи ҳамкориҳои бахшҳои давлат байни ҳамдигар ва умуман давлатро муайян мекунад. Ниҳоди ҳатмӣ дар сохти давлат - ниҳоди худидоракунӣ ва кумакрасонӣ аст, ки вазифаи он танзими системаи мақомоти идоракунии давлатӣ мебошад. Ҳамзамон вуҷуд доштани ниҳодҳои мазкур имконияти идоракунии минтақавии равандҳои иҷтимоию иқтисодиро дар асоси қоидаҳои рафтори объектҳо ва субъектҳо дар раванди ҳамкориҳои онҳо ҳамчун ҳамшарикони баробар дар назар дорад.

Барои нигоҳдории амалкарди системаҳои иқтисодӣ ниҳод ҳамчун ҳамоҳангсози амалҳои ширкаткунандагони фаъолияти хоҷагидории минтақавӣ хизмат мекунад. Вай истифодаи самараноки захираҳои нодирро дар неъматҳои истеҳсолшаванда ва хизматрасониҳо ба манфиати ҷомеа танзим намуда, самтҳои селаҳои моддиро дар доираи моликияти муштарак муайян карда, таносубҳои байнисоҳавӣ ва ғайраро таъмин менамояд. Амали ниҳоди ҳамоҳангсозӣ муттасилии амалкарди соҳаи иқтисодии ҷомеаро таъмин мекунад, чунки ба воситаи он ширкаткунандагони фаъолияти хоҷагидорӣ ҳам захираҳои зарурии истеҳсолӣ ва ҳам шароити такрористеҳсолкунии худро ба даст меоваранд. Дар зимн, ниҳоди моликияти давлатӣ, пеш аз ҳама, ба сифати яке аз маҷроҳои асосии бозақсимоти даромади миллӣ ва афзори танзими иқтисодиёт ба нафъи субъектҳои хусусии хоҷагдори дар ҳайати онбуда муҳтавои дигар ба худ мегирад.

Ташаккул ва рушди системаи сохти буҷет имкон медиҳад, ки дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ сиёсати мустақили буҷетӣ дар доираи ҳудудгузории аз рӯйи қанунгузорӣ муқарраргардида ваколатҳо ва масъулиятҳо миёни мақомоти ҳокимияти сатҳҳои гуногуни тавассути ниҳоди буҷети давлатӣ муқарраршуда амалӣ гардад. Дар Кодекси буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон сисемаи ягонаи буҷетӣ, яъне тартиби умумии ҳисобу китоби нишондиҳандаҳои пешгӯишаванда дар саросари кишвар бо механизми ягонаи муайянкунии имконоти даромадоварии субъектҳои давлат муайян карда шудааст. Равиши мазкур нисбат ба ислоҳоти робитаҳои байнибуҷетӣ имкони гузаштан ба қоидаҳои расмишудаи тақсимоти кумаки молиявӣ миёни субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин мекунад. Дар соли 2001 нахустин маротиба шохиси иқтидори андозии ҳисобшуда аз рӯйи ММД ҳангоми тақсими кумаки молиявӣ ба субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шуд. Яке аз сабабҳои бесамарии амсилаи мавҷудаи давлатӣ хароҷоти баланди транзаксионӣ мебошад. Асосан, инҳо хароҷот барои мувофиқасозӣ ва бартарафкунии расмиёти дафтарсолорӣ, ҷустуҷӯи иттилоот, талафот аз ба қадрикофӣ муайян карда нашудани ҳуқуқи моликият ва ғайра мебошанд.

Методологияи назарияи нави иқтисодиёти ниҳодӣ далолат мекунад, ки хароҷоти ҷамъиятӣ оид ба бунёд кардан ва мавҷудияти ниҳод бояд камтар аз хароҷот ҳангоми набудани он бошад

Татбиқи чунин равиш ба лоиҳасозии ниҳодии давлат дар натиҷаи таҳлили хароҷоти транзаксионӣ дар системаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, умуман ва дар соҳаи буҷету андоз, хусусан, ба даст омадааст. Бунёд намудани ниҳод ба ташаккули системаи меъёрҳои устуворшудаи муҷозоти дахлдор барои инҳироф аз меъёрҳо, инчунин воридсозии ин меъёрҳо, яъне донистан, фаҳмидан ва омодагӣ барои пайравии меъёрҳои мазкурро аз тарафи субъектҳои робитаҳои иқтисодӣ дар назар дорад. Татбиқи ниҳод бо он тавҷеҳ мешавад, ки он бояд фаъолияти омилҳои иқтисодиро дар низоми иқтисодӣ ба тартиб дарорад, амалкарди муассир ва ҳаддиақалсозии хароҷоти транзаксиониро таъмин намояд.

Ҳукумати кишвар вазифаи тағйирисамтсозии иқтисодиётро ба самти истеҳсоли маҳсулоти илмасос ва дорои технологияи баланд, худдорӣ аз содироти ашёи хом ва гузаштан ба содироти маҳсулоти тайёрро матраҳ намудааст. Аммо ин раванд бо сабаби рушди заифи инфрасохтор ва норасоии маблағгузории лоиҳаҳои ояндадори таваккали баланддошта мураккаб мегардад. Барои ҳаллу фасли ин масъалаҳо мумкин аст ниҳодҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ мушкилот эҷод намоянд.

Дар шароити кунунӣ вазифаи асосии ниҳодҳо бояд рушди иқтисодию иҷтимоии инфрасохторҳо (неру, нақлиёт, иртиботот, муҷтамаи манзилию коммуналӣ, таҳсилот, тандурустӣ); рушди соҳаи инноватсионӣ; мусоидат ба рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ; дастгирии соҳибкории хурд; аз миён бардоштани номувозинатиҳо дар раванди рушд, ки дар навбати худ барои рушди устувори ба тафриқаи иқтисодиёт ва самаранокии баланди маблағгузориҳо асосёфта замина хоҳад гузошт. Ҳоли ҳозир дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муддатест, ки якчанд ниҳодҳои молиявии рушд ташаккул ёфта ва амал мекунанд. Аз ҷумлаи онҳо метавон Фонди инвеститсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶСШК «Агентӣ оид ба қарзҳои манзилӣ»-ро ном бурд, ки фаъолияти онҳо ба рушди соҳаи мушаххаси иқтисоди миллӣ равона карда шудааст.

Амалияи корҳо зарурати пешниҳоди ҳимояи давлатиро дар шакли субсидияҳо ба буҷетҳои субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёди иншооти сохтмони асосии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки аз ҳисоби маблағҳои фондҳо лоиҳаҳои бештар афзалиятноки минтақавӣ маблағгузорӣ шаванд. Ба ғайр аз ниҳодҳои «молиявии» рушд, инчунин ниҳодҳои «ғайримолиявии» рушд, ки вазифаи асосии онҳо ташаккули инфрасохторҳои фаъолияти соҳибкорӣ хоҳад буд, бунёд карда мешаванд. Намунаҳои чунин ниҳодҳои "ғайримолиявии" рушд, ки пеш аз ҳама, ба рушди инфрасохторҳо равона шудаанд, метавонанд минтақаҳои вижаи иқтисодии навъи саноатӣ-истеҳсолӣ, татбиқӣ- техникӣ, минтақаҳои вижаи иқтисодии минтақаҳои марзӣ, инчунин технопаркҳо дар соҳаи технологияҳои пешрафта, паркҳои саноатӣ ва бизнес-инкубаторҳо бошанд. Маблагузории бунёди объектҳои технопаркҳо аз тарафи буҷетҳои ноҳияҳои пилотӣ аз рӯйи таносуби 50х50 нисбат ба ҳаҷми маблағҳои аз буҷети давлатӣ тахсисшаванда амалӣ карда мешавад. Ғайр аз ин, бо мақсади бунёд намудани объектҳои инфрасохтори тиҷоратии технопаркҳо маблағҳо аз манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ҷалб карда мешаванд. Ба нақша гирифта мешавад, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ иншооти инфрасохтори муҳандисии технопаркҳо, инфрасохтори иҷтимоӣ ва нақлиётӣ, инчунин, бунёди иншооти истифодаи дастаҷамъии технопаркҳо (масалан, бизнес-инкубаторҳо, озмоишгоҳҳои истифодаи умумӣ ва ғайра), ки ба давлат тааллуқ хоҳанд дошт, маблағгузорӣ мешаванд. Интизор меравад, ки ин ниҳодҳои қаблан амалкунанда бояд ба сифати ҳамсозмондиҳандагон ва манбаъҳои калидии маблағгузории лоиҳаҳои бузурги ба ноилшавии натиҷаҳои назаррас равонашуда аз рӯйи самтҳои аз лиҳози стратегӣ аҳамиятдошта баромад кунанд. (матни бо ранги сурх ҳуруфчинишуда ба мавзӯи диссертатсия аслан иртибот надорад ва ба иқтисодиёт дахл дорад)

Ба ақидаи В.Тантси, муносибатҳои байни одамон ҳар қадар бештар фардишуда бошад, ҳамон қадар ҷомеа бештар фасодзада мебошад, чунки дафтарсолорон (бюрократҳо) доимо аз тарафи дӯстону наздикони худ тахти фишор қарор мегиранд[4]. Равиши мазкур дар солҳои 70-уми асри XX ба туфайли аввал дар кишварҳои ҷаҳони севум ва баъдан дар давлатҳои Ғарб кашф гардидани иқтисодиёти ғайрирасмии бо расму одатҳо ва арзишҳои маҳаллӣ иртиботи наздикдошта, возеҳан, расмӣ гардид. Яке аз тавзеҳоти таҳаммулпазирӣ нисбат ба коррупсия

дар ҷомеа, аз нуқтаи назари равиши иҷтимоию фарҳангӣ метавонад назарияи фаъолнокии карахти коркардшуда аз тарафи криминологи амрикоӣ Р.Кларк бошад[3]. Ба андешаи ӯ, аксарияти ҷиноятҳо аз тарафи одамони маъмулӣ содир мешаванд ва ин ба одатҳои дар ҷомеа вуҷуддошта марбут аст, ки боиси қонуншиканиҳо мегарданд. Аз ин дидгоҳ метавон фасодзадагии мансабдоронро ҳам тавзеҳ дод, ки бо тақозои иҷрои вазифа дар вазъияти фаъолнокии карахти дафтарсолорӣ қарор гирифтаанд: миқдори зиёди талаботи расмӣ оид ба барасмиятдарории ҳар гуна санадҳо худи мансабдоронро ба тезонидани ин раванд дар ивази подоши муносиб водор месозад. Дар баъзе фарҳангҳои шарқӣ анъанаҳои тухфа кардан ё изҳори сипос кардан барои хизматрасонӣ маъмул мебошад, зимнан, ин амалҳо ғайриқонунӣ ҳам ҳисоб намешаванд. Дар натиҷаи тағйир ёфтани заминаи қонунгузорӣ, баъзе аз чунин методҳои анъанавии сипосгузорӣ худ ба худ, ҷузъи қонуни ҷиноятӣ гардида, ҷанбаи зиддиҳуқуқӣ ба худ мегиранд.

Аз лиҳози ахлоқӣ даҳшатноктарин падида он аст, ки одамон вориди муомилаҳои коррупсионӣ гардида, ҳатто донистан намехоҳанд, ки рафтори ғайриахлоқӣ мекунанд ва на танҳо ба ҷомеа, дар ниҳояти кор, ба худ зарар мерасонанд. «Азбаски ахлоқ ва урфу одатҳо устуворанд, яъне бо ҳам робитаи хеле наздик дошта, бунёдан дар қаринаи умумии дигар шаклҳои фарҳангӣ печ дар печ шудаанд, мо ба онҳо бидуни ҳеҷ фикру андеша, бе ҳеҷ гуна интихоб пайравӣ мекунем, чунки интихоби дигар нест ва мо худ ба худ ва то ҳадде бешуурона аз пайи эҳсоси яклаҳзаина шуда, дигар хел рафтор карда наметавонем. Тамоман, кори дигар аст, вақте ки миёни худ ва рафтори шоиста амри вазифа меистад, яъне вақте ки дар миёни ду «табиат» дар инсон: табиӣ ва ҷамъиятӣ, поёнӣ ва болоӣ, миёни даъвати табиат ва қонуни ахлоқ интихоб мавҷуд аст»[1, с. 7]. Ба андешаи Ҷ.Тирол[5] амсилаҳое мавҷуданд, ки имкон медиҳанд муомилаҳои алоҳидаи коррупсионӣ дар заминаи «анъана»-и ҷомеа мавриди пажӯҳиш қарор дода шаванд, дар ин ҳол, агар ҷомеа имрӯз нисбат ба ҳамин гуна ҷомеаи аввалӣ бештар фасодзада бошад, пас ҷомеаи имрӯз фардо, бо эҳтимоли зиёд, нисбат ба ҷомеаи минбаъда бештар фасодзада хоҳад гардид. Натиҷаи ҷолиб дар он аст, ки иқтисодиёт низ ҳам дар давраи кутоҳмуддат ва ҳам дар давраи дарозмуддат коррупсияро «дар хотир дорад». Бинобар ин, ҷомеаи аз фардҳо иборатбуда, ки «сироятзада»-и коррупсия шудааст, ба ҷомеае мубаддал мешавад, ки дар он ҷо коррупсия ба ҳукми анъана медарояд, «даври ботили коррупсия» низ фаро хоҳад расид, вақте ки насли нав аз гуноҳи порахӯрии нахусттавлиди гузаштагон зарар мебинад.

Амсилаи «инқилоби шарафмандӣ» дар асари К. Биччиери и К. Ровелли[2] пешниҳод шудааст, ки дар он коррупсия ҳамчун мубодилаи ғайриқонунии ришваҳо барои ба даст овардани қарордодҳо миёни сиёсатмадорон ва паймонкорон баррасӣ шудааст. Дар асари мазкур нишон дода мешавад, ки пайванд додани ҳузури гурӯҳҳои хурди бозигарони «бошараф» ва маҷмӯи хароҷоти иҷтимоӣ метавонад қобили мулоҳиза бошад, то ки системаро ба нуқтаи буҳронӣ расонад, ки дар он сатҳи мувозинаи устувори коррупсия, якбора бесубот мегардад. Вақте ки система дар чунин нуқтаи садамавӣ қарор дорад, камтарин такон кофӣ аст, ки онро ба дигар ҳолати мувозина бибарад. Ҳамин тавр, «инқилоби шарафмандӣ» ба вуқуъ меояд. Дар ҳолати нави мувозинат ҳамаи бозигарон саъй мекунанд, ки нисбатан бошараф бошанд ва ин мувозинат ҳамеша аз рӯйи шароити амсила босубот хоҳад буд.

Ба ғайр аз сабабҳои асосии коррупсия дар кишвар, аз қабили бесуботии иқтисодӣ, ақибмондагӣ, номукаммалии қонунгузорӣ, бесамарии ниҳодҳои ҳокимият бояд набудани анъанаҳои устувори демократӣ, инчунин, усули (принсипҳо) пойдори ахлоқӣ ва этикиро қайд намуд. Бинобар ин, дар муқовимат ба коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, усулан муҳим мебошад ҳамзамон бо оғозҳои муқтадири худсозмондиҳӣ, эҷодиёти бошуурона ва ташкилкунанда дар мақоми афзалиятнок қарор дошта бошад. Воқеан, муносибати бошууронаи ҷомеа ва афрод нисбат ба ҳуқуқ ба зарурати ташаккули меъёрҳои нави ҳуқуқии фарҳанги ҳуқуқӣ хоҳад овард.

Фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа – ин бахши фарҳанги маънавӣ буда, иборат аз системаи арзишҳои андухташудаи аҳли башар дар соҳаи ҳуқуқ ва мутааллиқ ба воқеияти ҳуқуқии ҳамин ҷомеа: савияи шуури ҳуқуқӣ, реҷаи қонуният ва тартиби ҳуқуқӣ, ҳолати қонунгузорӣ,

амалияи ҳуқуқӣ мебошад. Ба маънои васеи калима фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамаи арзишҳои ҳуқуқӣ (сатҳи рушди қонунгузорӣ, илми ҳуқуқ, қонуният, тартиби ҳуқуқӣ ва ғайра)-ро дар бар гирифта, бахши фарҳанги фарди алоҳидаро ташкил медиҳад. Ба маънои маҳдуд бошад, фарҳанги ҳуқуқии фарди алоҳида – ин дониши қонунгузории амалкунанда аз тарафи ӯ, идроки дуруст, риоя, иҷро, татбиқи қонунгузорӣ, муносибати оштинопазир нисбат ба ҳамагуна қонуншиканиҳо мебошад. Сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки инсон мушоҳидагари бегонаи равандҳои ҷамъиятӣ набуда, фаъолияти иҷтимоию ҳуқуқӣ зоҳир менамояд, бо мақсади таҳкими қонуният ҳуқуқҳои қонунии худро истифода мебарад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ – ин вобастагӣ ба ҳамаи ҳолатҳои иҷтимоӣ, маънавӣ, сиёсӣ, иқтисодии низоми мавҷуда, ҳолати сифатии ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа, ки дар сатҳи ноилгардидаи рушди фаъолияти ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, дараҷаи аз тарафи давлат кафолатнокии озодиҳо ва ҳуқуқи инсон, сатҳи ҳуқуқшиносии ҳар як шаҳрванд, эҳтироми қонун, ҳуқуқ, риояи бошууронаи меъёрҳои ҳуқуқ, идроки масъулияти ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба қонуншиканиҳо ба шумор меравад. Мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ аз унсурҳои сершумори ғояҳо, анъанаҳо, меъёрҳо, тасаввурот ва эътиқодот, дараҷаи муайяни тафаккури ҳуқуқӣ ва идроки воқеияти ҳуқуқӣ, дараҷаи дониши қонунҳо аз тарафи аҳолӣ, сатҳи баланди эҳтироми меъёрҳои ҳуқуқ, раванди босифати ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалишавии ҳуқуқ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ, амалияи судӣ иборат мебошад.

Фарҳанги ҳуқуқии шахс дорои сатҳҳои зерин аст: маъмулӣ, касбӣ, назариявӣ, ки ҳамеша дар ҳоли ҳамкории мутақобил мебошанд ва дар раванди тарбияи ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд, ба ин бояд давлат, ниҳодҳои системаи сиёсии ҷомеа (созмонҳои динӣ, иттифоқҳои касаба, ҳарбӣ ва ғайра) мусоидат намоянд. Раванди додани донишҳои ҳуқуқшиносӣ ва таҷриба ба шуур ва рафтори инсон таъсир мерасонад, дар ӯ тасаввуроти мусбат, ақидаҳо, самтгириҳои арзишӣ, эҳсосотро ташаккул медиҳад. Ин ҳама ба тарбияи эҳтироми қонун мусоидат намуда, ба риоя, иҷро ва истифодаи меъёрҳои ҳуқуқшиносӣ аз тарафи фард таъсир мерасонад

Дар шароити ислоҳоти ҷомеа, бӯҳрони иҷтимоӣ, таваҷҷуҳи махсусро бояд ба харобшавии самтгириҳои мусбати арзишҳо, ивазшавии мақулаҳои ахлоқӣ, таназзули ахлоқ ва фарҳанг равона намуд Асосҳои ахлоқӣ, руҳияи ҳуқуқии шаҳрвандони ҷомеаи муосири кишвар осебдида мебошанд, ҳуқуқшиносӣ ва зеҳнияти ҳуқуқӣ дар сатҳи лозими рушд қарор надоранд. Идроки ин нукта, ки фарҳанги ҳуқуқии кишвар ба қадри кофӣ баланд нест, ба хулосаи бебаҳси он меоварад, ки коррупсия харобшавии омилҳои этно-фарҳангӣ дар кишварро муайян мекунад.

Зеҳният ҳомили пойдорӣ, устувории шуури сохторҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ, оммавии маънавию психологӣ буда, рамзи этногенетикии ҷомеа, хислати миллии халқ, тарзи зиндагӣ, маишат, фарҳанги вай мебошад

Ба андешаи мо, чунин вижагиҳои зеҳнияти ватанӣ аз қабили анъанагароӣ ва зиддилибералӣ будан, оғози қавмӣ, зиддифардиятӣ, мазҳабгароӣ ва доштани моҳияти сермиллатӣ вуҷуд доранд, бинобар ин нуфузи зеҳният дар ташаккули фаъолияти зиддикоррупсионӣ бештар мебошад. Дар робита бо ин, чунин хулоса дуруст аст, ки тавсифномаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ бевосита бо рушди таърихии минтақаҳои кишвар иртибот дошта, болои фарҳанги аҳолӣ мегузоранд, ки он дар навбати худ, акнун қодир аст, ки бавосита ба ҳолати ҷинояткорӣ тавассути меъёрҳои таърихан азхудшудаи рафтор, ки дар шуури гурӯҳӣ, тасаввурот, робитаҳо ва арзишҳо инъикос ёфтаанд, асари худро гузорад. Он чи дар боло гуфта шуд, имкон медиҳад, муайян намуд, ки зеҳнияти шаҳрвандон, сатҳи ҳуқуқдонии онҳо ба таври қобили мулоҳиза ба мансубияти этникии шаҳрвандон, аз ҷумла анъана ва расму одатҳои халқ вобастагӣ доранд. Коррупсия ба бахши фарҳанги миллат табдил ёфтааст, бинобар ин, шахсони истифодакунандаи методҳои ҷанбаи коррупсионидошта, метавонанд дар ҳайрат бимонанд, агар таъкид намоед, ки коре, ки онҳо мекунанд, бешарафона ва ғайриахлоқӣ мебошад. Дар натиҷа шумораи шахсоне, ки чунин ҳисоб мекунанд, ки метавон манбаъҳои даромадҳоро аз ҳисоби гирифтани чойпулиҳо ва музд барои хизматрасониҳои гуногун тавсеа дод, хеле зиёд мебошанд.

Имконнопазир будани истифодаи методҳои пешини таъсиррасонӣ ба рафтори одамони машғул дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба зарурати вориди амал намудани кадом як стандартҳои нави рафторро водор месозад, ки бо амалияи давлатҳои дорои системаҳои ташаккулёфтаи хизмати давлатӣ мувофиқат мекунад.

Ба ҷузъиёти сиёсию идеологии механизмҳои муқовимат ба коррупсия бояд андешидани чораҳои ҷанбаи иттилоотӣ- маърифатидоштаро мансуб донист. Ҳадафи ин чораҳо ташаккули рағбатнокии шаҳрвандон ба проблемаи фаъолияти зиддикоррупсионӣ дар минтақа, бедор кардани ташаббуси шахсӣ ва дастаҷамъӣ мебошад. Лозим аст, ки накши басо муҳим ба таблиғоти арзишҳои маънавию ахлоқӣ, тарзи ҳаёти накукорона ва парҳезгорона дар воситаҳои иртибототи оммавӣ, эҷоди намоишҳои телевизионӣ ва нашри мақолаҳо дар бораи одамони муътабари минтақа бо ҷалби маводи ҳақиқии таърихӣ ва санадҳои бойгонӣ дода шавад. Дар аксарияти шаҳрвандони кишвар набудани ҳатто одитарин тасаввуроти умумии ҳуқуқӣ, надонистани ҳуқуқҳо ва имконоти худ дар муқовимат ба зуҳуроти коррупсия – ин ҳама зарурати амалисозии маҷмӯи томи тадбирҳо оид ба тарбияи фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар шаҳрвандон, шуури ҳуқуқӣ, ба онҳо омӯзондани малакаҳои рафтори зиддикоррупсионӣ, аз ҷумла ҳангоми тамос бо зуҳуроти коррупсияи маиширо тақозо мекунад. Ба ҳадди аксар кушода будани ҳокимият, тартиби дастуришудаи иштироки шаҳрвандон дар амалисозии назорат яке аз бунёдитарин шароит барои таъмини эътимоди баланд дар ҷомеа мебошад. Албатта, ба воситаи расмиёти муҳокимаи оммавӣ, пеш аз ҳама, бо иштироки созмонҳои экспертӣ гузаронида шудани ғояҳо оид ба таъсис намудани сохторҳои нави хизматчиёни давлатӣ, зерсохторҳои онҳо шарт мебошад. Барои пешгирии афзоиши фавкулодаи дастгоҳи дафтарсолорӣ бояд эҳтимоли исботи зарурати ҳаллу фасли ташкилӣ- сохтории ин ё он проблема амал намояд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ҳама ҷо ҳолатҳои содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ аз тарафи аксарияти кормандони мақомоти давлатӣ, ташкилоту идораҳо ҷой доранд.

Қайд кардан зарур аст, ки ба дараҷаи қобили мулоҳиза коррупсия дорои омилҳои тавонои муайянкунандаи ба тарзи зиндагии одамон мансуббуда мебошад. Соҳаҳое, ки як замонҳо муваффақ ҳисоб мешуданд, ба таъсири харобиовари коррупсия дучор шуданд, масалан, коррупсия ба системаи таҳсилот роҳ ёфта, ба таълиму тарбияи насли наврас зарари беандоза овард. Дар натиҷа, фаъолнокии таҳсилии муҳассилон ва донишҷӯён якбора паст шуда, беҳудагардӣ ва танбалӣ дар сафҳои онҳо афзоиш ёфт ва барои бисёрии онҳо гирифтани таҳсилоти касбӣ ба мусоидати падару модар вобаста гардид. Шикаста шудани системаи таҳсилоти беҳамтои тайи даҳсолаҳо ташаккулёфта, ки бартарии он дар таҷриба ба исбот расида буд, тавассути талошҳои бемулоҳиза ва ё мукин аст бадқасдонаи ислоҳоти он дар асоси тиҷоратӣ-бозорӣ таъсири харобиовар ворид намуд. Чунин шаклҳои коррупсия рушд карданд, ки дар раванди онҳо як навъ паймони намояндагони ҳокимияти маҳаллӣ, роҳбарони муассисаҳои истеҳсолии вилоят ё ноҳия бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ арзи вуҷуд мекунанд. Дар натиҷа, ҳам сохторҳои тиҷоратӣ, ки манфиатҳои онҳоро шахсони мансабдори мазкур намояндагӣ мекунанд ва ҳам сохторҳои ҷинояткории муташаккил метавонанд дар реҷаи мусоидат амал намоянд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд мавҷуд будани якдигарро дар назар доранд. Бо шарти муайян метавон гуфт, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд ҳангоми мавҷуд будани навъи мувофиқ ва муносиби иқтисодиёт имконпазир мебошанд. Маҳз ченакҳои моҳиятӣ ва системасози ҳам иқтисодӣ ва ҳам сиёсии зерсистемаҳо ба ҷанбаи ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста мебошанд. Қайд кардан зарур аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун системаи таъмини фаъолияти ҳаётии соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва маънавӣ баромад карда, истеҳсол ва бозистеҳсол ва интиқоли таҷрибаро аз насл ба насл таъмин менамояд. Инҳо ҳама системаи ниҳодҳо ва робитаҳои ҷамъиятие мебошанд, ки уҳдадоранд шароитро барои иҷтимоикунонӣ ва худамалисозии фардҳои алоҳида ва коллективҳо, амалисозии алоқаҳо ва ниёзҳои хусусӣ ва дастаҷамъӣ муҳайё созанд. Ниҳодҳо-созмонҳо барои фарди алоҳида сарчашмаи ҳокимият ба шумор меравад.

Тавсифномаи бунёдии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар он аст, ки ниҳодҳо, созмонҳо ва коллективҳо уҳдадоранд, иқтидор ва имконоти шахси алоҳидаро таъмин намоянд. Инҳо, яъне ниҳод-созмонҳо барои фарди алоҳида ҳамчун манбаи ҳокимият, нуфуз ва обрӯ хизмат мекунанд.

Оила - ниҳоди асосӣ ва маъмултарини ҷомеа буда, гурӯҳ ҳамчун воҳиди муҳими амалкарди иҷтимоӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад. Аз тарафи илми сотсиология навъҳои гуногуни гурӯҳҳо аз рӯйи нақш, таъинот ва вазифаҳои онҳо коркард ва тавсиф шудаанд. Сухан дар бораи гурӯҳҳои гуногуни референтие меравад, ки робитаҳои мутақобилаи миёни шахсҳои алоҳидаро бо давлат фароҳам меоваранд. Онҳо, дар айни замон, ба сифати ниҳодҳои фосилавии сохтмони ҳомили худи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва соҳаи сиёсӣ – ба мисли ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои касабавӣ, васоити ахбори омма баромад мекунанд.

Қайд бамаврид аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ – ин на танҳо муҷтамаи ниҳодҳо, балки системаи робитаҳо ва муносибатҳо, ин - ташкилоти иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсию фарҳангӣ мебошад, ки дар ин ҷо маҳсулоти моддӣ ва маънавӣ баҳам омада, муттаҳид мегарданд. Ҷомеаи шаҳрвандиро бидуни анъанаҳои миллӣ, динӣ, маънавӣ, асотир, рамзҳо, қолабҳо, меъёрҳо ва арзишҳои шуур ва рафтор наметавон тасаввур намуд. Вай шомили системаи муайяни робитаҳои иҷтимоӣ, ки дар онҳо манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии одамон ташаккул ёфта, амалӣ мегардад.

Ҷомеаи шаҳрвандиро набояд дар шакли кадом як гуногуншаклии парокандаю бенизом, оғозҳои сершумори гуногуну ҷудогонаи оддӣ ва бидуни меҳвари дохилии ягона тасаввур намуд. Комилан, баракс аст, барои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамзистии узвӣ ва ҳамгароии он бо неруҳои иҷтимоӣ, ниҳодҳо, созмонҳо, гурӯҳҳои манфиатдор ва ғайра хос аст, ки дар чаҳорчӯби аз лиҳози талоши умумӣ барои зиндагии муштарак муттаҳид шудаанд.

Метавон гуфт, ки нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаёти кишвар ҳанӯз яқинан кофӣ нест, таърихан, ҳолате ба вуҷуд омадааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муддати тӯлонӣ ҳокимияти давлат бар ҷомеа устувор будааст.

Мутахассисон қайд мекунанд, ки вақтҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди пайдоиши ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷараён дорад. Сухан дар бораи ташаккули тадриҷии заминаи иҷтимоӣ ва дар навбати аввал то ҳадде афзоиш доштани намояндагони синфи миёна (менеҷерон, мутахассисони касбӣ, хубрагони нави иқтисод, намояндагони созмонҳои башардӯстӣ, зиёиёни илмию техникӣ ва ғайра) меравад. Тадриҷан, беш аз пеш, чунин ниҳодҳои маъруфи самти шаҳрвандӣ, аз қабили созмонҳои хайрия, таҳсилотӣ, иттиҳодияҳои ҳимояи ҳуқуқ, воситаҳои ахбори омма эътирофи ҷамъиятӣ пайдо мекунанд. Агар солҳои пешин дар кишвар давлат, асосан фаъолияти ниҳодҳои шаҳрвандиро таҳти фишор қарор дода, танзим мекарда бошад, пас, имрӯз, дар шароити кунунӣ вазифа иборат аз роҳандозӣ намудани ҳамкорӣ бо онҳо ба хотири ҳадафи умумӣ-баланд бардоштани некуаҳволии шаҳрвандон аст. Ҳанӯз дар замони мавҷудияти ИҶШС воҳиди махсуси илмӣ- Озмоишгоҳи марказии илмию таҳқиқотии проблемаҳои иқтисодӣ-ҳуқуқии ҳифзи моликияти сотсиалистӣ таъсис гардида буд. Вазифаҳои асосии ин муассисаи илмии дар навъи худ ягона ва мунҳасир ба фард аз инҳо иборат буд: амалисозии таҳқиқоти ҳамаҷонибаи сабабҳо ва шароити мусоидаткунанда ба дуздӣ ва дигар ҷиноятҳои мансабӣ ва хоҷагӣ; коркарди тадбирҳои дорои ҷанбаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ оид ба таъмини ҳифзи моликияти сотсиалистӣ; иштирок дар омодасозии санадҳои меъёрии танзимкунандаи равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар бобати ҳифзи моликияти сотсиалистӣ. Кормандони озмоишгоҳи мазкур ҳанӯз дар охири солҳои 70-ум сабабҳои пайдоиши дуздиҳои калонро дар соҳаи савдо, кишоварзӣ (пахтакорӣ, сабзавотпарварӣ), саноати сабук (коркарди пашм ва мӯина), дар нақлиёт ва сохтмон ошкор карда буданд. Аз тарафи онҳо даҳҳо маводи иттилоотӣ барои мақомоти раҳбарӣ бо пешниҳодҳо ҷиҳати бартарафсозии сабаб ва шароити мусоидаткунанда ба дуздиҳои моликияти сотсиалистӣ таҳия гардида буданд. Баъзе пешниҳодҳои озмоишгоҳ дар амал татбиқ шуданд. Аммо, ба таври куллӣ фаъолияти озмоишгоҳ, эҳтимолан бисёр намояндагони системаи маъмурӣ-фармондеҳии кишварро ба хашм овард, ки онҳо бо соҳибони корчаллони иқтисоди ниҳонӣ ба қадри кофӣ фасодзада шуда буданд. Дар рушди криминологияи

иқтисодӣ метавонанд мутахассисони гуногун – иқтисодшиносон, сотсиологҳо ва ҳуқуқшиносон иштирок намоянд. Аммо нақши асосӣ дар ин ҳол бояд ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тааллуқ дошта бошад.

Нуктаи асосӣ ин аст, ки дар марҳилаи ибтидоӣ, акнун дар шароити дар ҳоли густариш будани таҳқиқоти иҷтимоӣ дар ҷомеаи мо, мақомоти умури дохила бо доштани сохтори басо сершохаи ҳудудии худ, бидуни хароҷоти назаррас метавонист миқдори фаровони иттилооти иҷтимоию иқтисодии криминологиро ҷамъоварӣ намояд, ки дар заминаи он таҳияи пешгӯиҳои дахлдор имконпазир мебуд. Дар ниҳояти кор, маҳз мақомоти умури дохила дорои имкониятҳои беназире мебошанд, ки дар асоси таҳлили фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ сабабҳо ва шароити рушди иқтисодиёти ниҳониро омӯхтан ва ошкор кардан мумкин аст.

Ҳоло якчанд омилҳои арзи вуҷуд намудани иқтисодиёти ғайрирасмиро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Машғулият дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт. Ҳамзамон бо табоҳ гардидани вазъи иҷтимоию тахассусӣ машғулияти ғайрирасмӣ афзоиш мекунад. Нафақахӯрон дар ин маврид истисно хоҳанд буд. Ба машғулияти ғайрирасмӣ тедоди зиёди шахсони дорои даромадҳои баланд, нисбат ба одамони камдаромад ҷалб гардидаанд, ки ин аз даромади баланд доштани шахсони машғулияти иловагидошта шаҳодат медиҳад. Мутахассисон ин далелро бо он шарҳ медиҳанд, ки даромади баланд ба рақобати бештар доштан дар бозори меҳнат мувофиқат мекунад.

Вижагии бозори ниҳонии меҳнат ба қишрҳо ҷудошавӣ ва қутбияти назарраси он мебошад. Дар як қутб афроди дорои даромадҳои хеле баланд қарор доранд ва он имкон медиҳад, ки ба тиҷорати калонтар гузаранд, дар қутби дигар бошад, намояндагони қишрҳои камбизоати ҷомеа, шахсони дорои дараҷаи пасти коршоямӣ, қишрҳои бенавошуда қарор доранд. Барои онҳо имконоти дар бахши расмии иқтисодиёт пайдо кардани кор маҳдуд мебошад. Вижагии хоси бозори ниҳонии меҳнат аз байн рафтани марзҳои миёни шуғли расмӣ ва ғайрирасмӣ мебошад.

Аз як тараф, раванди аз бахши расмӣ ба бахши ғайрирасмӣ рафтани коргарон ба вуқуъ ояд, аз тарафи дигар, машғулият дар дар бахши расмӣ, беш аз пеш, хислатҳое аз қабили пинҳонсозии оммавии даромадҳо ва риоя нашудани қонунгузории меҳнат дар мавриди кафолатҳои иҷтимоии кормандонро ба худ мегирад. Сатҳи баланди машғулияти меҳнатии сонавии ниҳонӣ дар миёни шахсони машғул дар бахши расмии иқтисодиёт ба музди кори ноустувор ва ночиз дар сохторҳои давлатӣ ва ҳолати бесуботи бисёр корхонаву муассисаҳои ғайридавлатӣ вобаста мебошад. Машғулияти ниҳонӣ ҳам бесубот аст, ки кормандонро ҳатто дар ҳолати паст будани музди меҳнат аз тарк кардани ҷойи асосии кор барҳазар медорад. Аҳамияти бахши ғайрирасмӣ барои иқтисодиёт яксон нест. Аз як тараф, нақши он барои таъмини шуғли иловагии аҳолӣ ва афзоиши даромадҳои афрод, тавсеаи истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо мусбат мебошад. Бахши ғайрирасмӣ суқути якбораи сатҳи зиндагии аҳолӣ ва афзоиши бекориро пешгирӣ мекунад. Вай барои бисёр афрод имкони интихоби реҷаи муносибро фароҳам меоварад.

Аммо, дар ин ҳол бахши ғайрирасмии шуғл проблемаҳои сершумори иҷтимоиро ба миён меоварад. Дар ин ҷо кафолатҳои иҷтимоӣ, назорат аз болои шароити меҳнат, сифати молҳо ва хизматрасониҳо вуҷуд надоранд, коргарон тахассус ва малакаҳои касбии худро аз даст медиҳанд. Шуғли ниҳонӣ барои рушди муҳити криминалӣ шароити иловагӣ ба вуҷуд меоварад. Давлат маблағҳои зиёдеро дар натиҷаи пинҳон доштани даромадҳо аз андозбандӣ аз даст медиҳад.

Бозори ғайриқонунии узвҳои пайвандии бадан. Дар замони ҳозира ҳеч як кишвар қодир нест, ки барои пайванди аъзои бадани одам эҳтиёҷоти худро пурра таъмин намояд ва шумораи одамони мунтазири ҷарроҳии пайвандсозии аъзои бадан нисбат ба пешниҳоди онҳо бо суръати бештар дар ҳоли афзоиш мебошад. Масалан, дар Ирландия танҳо ба 85% беморони мубтало ба бемории гурдаҳо, ки бо ёрии диализ муолиҷа мешаванд, дар давоми як сол ҷарроҳии пайванди узв гузаронида мешавад, дар ҳоле ки дар ИМА шумораи чунин шахсон 25% ва дар Япония камтар аз10%-ро ташкил медиҳад. Тавре ки маълумоти оморӣ

нишон медиҳад дар ҳолати июни соли 1991 фақат дар ИМА 24000 нафар мунтазири ҷарроҳии пайванди узв будаанд. Дар Австралии 2000 нафар одамон пайванди гурдаҳоро интизорӣ мекашанд ва дар ин кишвар ҳамасола 400 ҷарроҳии пайванди гурда роҳандозӣ мешавад. Давраи миёнаи интизории чунин ҷарроҳӣ се солро ташкил медиҳад. Ҳолати мазкур наметавонист аз тарафи гурӯҳҳои ҷиноятӣ истифода нашавад, чунки дар ҳолати камбудии узвҳо барои пайванд фаъолияти ҷинояткор дар ин соҳа даромадҳои зиёд оварда метавонад. Тавре ки директори пажӯҳишгоҳи криминологии Австралия иброз доштааст, «тааҷҷубовар нест, бозори «сиёҳ» ба вуҷуд омадааст, ки дар он аъзои бадани инсон бо нархҳои баланд фурӯхта мешаванд. Шумораи зиёди шахсони бенаво ва бе манзили зист, аз ҷумла кӯдакон дар ноҳияҳои шаҳрҳо расонандагони асосии аъзои бадан барои пайванди узв мебошанд. Ҳамзамон бо пешрафти техникӣ, ки имкони давомнок намудани муҳлати нигоҳдории узвҳоро баъди гирифтани онҳо имконпазир месозад ва амалисозии интиқоли онҳоро ба масофаҳои дур фароҳам меоварад, албатта бозори сиёҳи чунин молҳо аҳамияти бештар пайдо хоҳад намуд Яке аз сабабҳои пайдоиши ҳолати ташвишовар барои тақдири одамони дуздидашуда бо эҳтимоли зиёд куштани онҳо барои истифодаи аъзои бадани онҳо тавзеҳ мегардад. Ҳарчанд, ки маълумот дар бораи маҳз ба ҳамин мақсад дуздидани одамон хеле кам бошад ҳам, аммо далели вуҷуд доштани бозори «сиёҳи» аъзои бадани инсон бебаҳс аст ва он тиҷорати фоидаовар мебошад. Масалан, дар Аргентина ҳолатҳои суиистифодаи ҷарроҳиҳои пайванди узв ба мушоҳида расидааст, вақте ки аз беморони дар ҳолати марги клиникибуда, дар асоси скангграммаи майнаи сар чандин маротиба қарнияи чашмро гирифта буданд. Ҳолатҳои содир кардани аъзои бадани инсон бо истифодаи ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ва харидуфурӯши аъзои бадани инсон дар Аргентина, Бразилия, Гондурас, Мексика ва Перу ба харидорон аз Олмон, Италия ва Швейцария тасдиқ шудаанд.

Аз дидгоҳи иқтисодӣ ба рушди бозори ғайриқонунии узвҳои пайвандӣ дар қонунгузории бисёр кишварҳо манъи хариду фурӯши аъзо ва бофтаҳои бадани инсон таъсири назаррас мерасонад.

Чунончи, тибқи қонуни ИМА дар бораи пайванди узвҳо (соли 1984) фурӯхтани аъзо ва бофтаҳои бадани инсон барои пайвандкунӣ мамнуъ мебошад. Аъзои бадани инсонро фақат садақа кардан мумкин аст.

Аммо, ҳарчанд, ки қонунгузорӣ фурӯши аъзо ва бофтаҳои баданро манъ карда бошад ҳам, онро ҳамчун мол беарзиш карда наметавонад. Ба ҷойи ин, ба одамони соҳиби аъзои бадан (ба одамони зинда ва оилаҳои донорҳои фавткарда) барои донистани арзиши иқтисодии воқеии онҳо ва имконияти пешниҳоди онро ба ниёзмандон халал мерасонад. Дар натиҷа бисёр одамон маҷбуранд ё бидуни узвҳои пайвандии қонунӣ бимонанд, ё ба хизматрасонии корчаллонҳои бозори сиёҳ рӯ оваранд, ё аз дурнамои муолиҷа ва умри дарозшуда маҳрум бимонанд.

Набудани бозори қонунии узвҳои пайвандии бадани инсон аз нуқтаи назари иқтисодӣ ба хасороти чандинмиллиард доллари ҳам донорҳои билқувва ва ҳам узвҳои пайвандии ба фурӯшнарафта аз рӯйи арзиши воқеии онҳо ва ҳам муштариёни талабгори онҳо боис мегардад. Чунин аст дидгоҳи иқтисодӣ оид ба сабабҳои пайдоиш ва рушди бозори ғайриқонунии узвҳои пайвандии инсон. Албатта, далелҳои дигари қотеъ бар зидди манъи фурӯши аъзои бадани инсон вуҷуд доранд. Далели аввал вобаста ба ноқисии иттилоот аст. Фурӯшандагон метавонанд иттилооти номусоидро дар бораи вазъи саломатии худ пинҳон намоянд. Аммо ба андешаи экспертҳо, дар ин ҳолат ҳам, роҳандозии санҷиш ва хароҷоти вобаста ба он самараноктар нисбат ба манъи он хоҳад буд. Далели дувум он аст, ки тавзеъ намудани ашёи муҳими мавриди зарурат дар вобастагӣ бо қобилияти пардохт доштан ноодилона аст. Далели мазкур, сирфан иқтисодӣ набошад ҳам, аммо дорои ҷанбаи иқтисодӣ мебошад. Муқаррар намудани нархи неъмати хеле нодир ба баҳои сифр боиси якбора маҳдуд шудани пешниҳоди он, тезутундшавии ноёбӣ ва рушди бозори ғайриқонунӣ мегардад ва дар натиҷаи бозтақсимот ҳаҷми асосии фоида ба ҷайби миёнаравони олами ҷиноӣ меравад. Яке аз натиҷаҳои манфӣ барои донор шудани шахсони хоҳишманд, махсусан, аз ҳисоби шаҳрвандони камбизоат имконнопазирии пешниҳоди расмии аъзои бадани худ аз рӯйи

нархҳои бозорӣ ва бо нархи паст ба миёнаравҳои криминалӣ пешниҳод кардани онҳо мебошад.

Фоҳишагии муташаккил. Таърихи рушди бозори хизматрасониҳо оид ба танфурӯшӣ ба аъмоқи асрҳо рафта мерасад. Аз замонҳои қадим ин бозор таҳти назорати ташкилоти ҷиноӣ мебошад. Тамоюли нави рушди бозори мазкур миқёси афзояндаи байналмилалии он, беш аз пеш, истифодаи маводи нашъаовар ҳамчун воситаи ба фоҳишагӣ маҷбур сохтан мебошад. Ҷавондухтарон ва баъзан, ҷавонписарон аз як кишвар ба кишвари дигар, ва гоҳе аз як қора ба қораи дигар ба масирҳои хуб танзимгардида, ки Африқо, Осиё, Аврупо ва Америкои Лотиниро пайваст мекунанд, интиқол дода мешаванд. Шахсони мазкур аксаран қурбонии пешниҳодҳои дурӯғин барои кор мегарданд ё рабуда мешаванд. Минбаъд онҳоро бо зӯроварӣ ба итоат маҷбур мекунанд. Дар ин ҳол фирор кардан бо сабаби надоштани ҳуҷҷат, надонистани забон ё набудани тамос дар кишвари бо зӯрӣ нигоҳдоришаванда душвор хоҳад буд.

Одамфурӯшӣ. Одамфурӯшӣ шомили интиқол додани муҳоҷирони ғайриқонунӣ, занон барои фоҳишагӣ, неруи корӣ барои кор дар шароити ғуломона, хизматгори хона аз кишварҳои пешрафта, кӯдакон барои фарзандхонӣ ба ивази маблағҳо калон мебошад. Ҳолатҳое маълуманд, ки волидайн духтарони худро ба сифати арӯс, аксаран ба мардони сарватманд аз кишварҳои дигар мефурӯшанд. Дар миёни шаклҳои одамфурӯшӣ ҳолатҳои ба ғуломӣ фурӯхтан, дуздидани одамон барои фурӯш маълуманд.

Тиҷорати мазкур дар кишварҳои дигар низ паҳн гардид. Кормандони раёсати оид ба мубориза бо ғоратгарӣ гурӯҳеро ошкор намуданд, ки ба дуздидани фарзандони волидайни сарватманд машғул буданд.

Заминаи ҳуқуқӣ барои барҳам задани ин намуди ҷиноятҳо кофӣ мебошанд. Дар шароити беш аз пеш шаффофияти сарҳадҳо қонунҳои мазкур сахттар мешаванд. Аммо проблема ба даври нав ворид гардид, зеро сокинони кишварҳои ҷаҳони севум талош меварзанд, ки ба кишварҳои нисбатан пешрафта муҳоҷират намоянд. Селаҳои муҳоҷирони ғайриқонунӣ бештар аз тарафи ҷиноятқории муташаккил назорат мешавад. Касоне, ки ба кишварҳои пешрафта меоянд, маъмулан бекор буда, ба қишри бемаслакони истифодашаванда дар ҷиноятҳу бетартибиҳо табдил меёбанд. Тиҷорати ғайриқонунии ҳайвоноти ваҳшӣ. Тайи чанд даҳсолаҳои охир аз тарафи аҳли ҷомеа дарки хатаре, ки фаъолияти беназорати инсон ба муҳити зист мерасонад эҳсос шуда, саъй мегардад, ки ин бемувозинатии экологӣ пешгирӣ шавад. Имрӯз ҷомеаи байналмилалӣ, беш аз пеш, хатар барои муҳити атрофро дарк менамояд ва бонги хатар мезанад. Дар натиҷаи чунин фаъолият бисёр намудҳои ҳайвонот аз байн рафтаанд ва бисёр намудҳои дигарро хатари нобудӣ дар ояндаи наздиктарин таҳдид мекунад. Аммо дар бисёр соҳаҳои саноат ба ҳайвоноте, ки шикори онҳо мамнуъ мебошад, талабот мавҷуд аст. Нархҳои хеле баланд, ки талаботро ба ин қабил молҳо ба вуҷуд меоварад, ба ин фаъолият гурӯҳҳои муташаккили ҷиноиро ҷалб мекунанд ва барои қонеъ намудани талаботи бозорҳои мазкур ба зудӣ тадбирҳо меандешанд. Маълумоти сершумор тиҷорати густардаи байналмилалии ҳайвоноти ваҳшӣ аз ба қадри нокифоя будани манъи ҳуқуқии он шаҳодат медиҳанд.

Тоҷикистон тадриҷан ба кишваре мубаддал мешавад, ки дар он коррупсия қисми таркибии амалияи идоракунии давлатӣ, пешбурди соҳибкорӣ ҳаллу фасли проблемаҳои рӯзмарраи шаҳрвандон мегардад. Барои кишвар сатҳи бениҳоят баланди коррупсия хос мебошад. Аз рӯйи натиҷаи пурсишҳои гузаронидаи мо дар миёни зиёиён 98% пурсидашудагон боварӣ доштанд, ки коррупсия дар кишвар, амалан, ҳамаи сохторҳои ҳокимияти давлатиро фаро гирифтааст)

***Адабиёт***


1. *Лазарев В.В. Этическая мысль в Германии и России. Кант-Гегель-Вл Соловьев. - М., 1997.-305с.*
2. *Biochieri C., Rovelli C. Evolution and Revolution. The Dynamic of Corruption. // Rationality and Society, 1995. -Vol.7.- № 2.*
3. *Clarke R. Routino Activity and Rational Choice. New Brunswick. 1993.*

4. *Tanzi V. Corruption, Governmental Activities and Markets. International Moncfary Rund Working. Papct,1991.*
5. *Tirole J.A. Theory of collective reputations// Research Papers in Economics of Stockholm. 1993.-№3.*


## ТАҚВИЯИ НАҚШИ НИҲОДИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ


Дар мақола сухан дар бораи тақвияи нақши ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаъолияти зиддикоррупсионӣ меравад.

Тоҷикистон тадриҷан ба кишваре мубаддал мешавад, ки дар он коррупсия қисми таркибии амалияи идоракунии давлатӣ, пешбурди соҳибкорӣ ҳаллу фасли проблемаҳои рӯзмарраи шаҳрвандон мегардад. Барои кишвар сатҳи бениҳоят баланди коррупсия хос мебошад. Аз рӯйи натиҷаи пурсишҳои гузаронидаи мо дар миёни зиёиён 98% пурсидашудагон боварӣ доштанд, ки коррупсия дар кишвар, амалан, ҳамаи сохторҳои ҳокимияти давлатиро фаро гирифтааст).



**Калидвожаҳо:** қонуният, коррупсия, давлат, иҷтимоиёт, ҳокимият, тиҷорат, иқтисодиёти пинҳонӣ, ришва, коррупсияи ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ, коррупсияи ғайридоимӣ (алоҳида), коррупсияи сиёсӣ, коррупсияи маишӣ, коррупсияи тиҷоратӣ, коррупсияи ҳокимияти олӣ, коррупсияи ғайримутамарказ (хориҷӣ), иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва амният.


## РОЛЬ ИНСТИТУТОВ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА В АНТИКОРРУПЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ


В статье речь идет об укреплении роли института гражданского общества в антикоррупционной деятельности.

Таджикистан постепенно превратится в страну, где коррупция становится неотъемлемой частью практики государственного управления, продвижения предпринимательства и раздел актуальных проблем граждан. Для страны характерен высокий уровень коррупции. По итогам проведенных нами опросов среди интеллигенции 98% опрошенных верили, что коррупция в стране фактически охватила все структуры государственной власти.



**Ключевые слова**: законодательство, коррупция, государство, социальная коррупция, власть, торговля, тайная экономика, коррупция права и этика, незаконная коррупция (отдельное), политическая коррупция, местная коррупция, коммерческая коррупция, косвенная (иностранная), экономическая, правовая и безопасность.


## THE ROLE OF CIVIL SOCIETY INSTITUTIONS IN ANTI-CORRUPTION ACTIVITIES


The article deals with strengthening the role of the civil society institution in anti-corruption activities.

Tajikistan will gradually turn into a country where corruption becomes an integral part of the practice of public administration, promoting entrepreneurship and solving urgent problems of citizens. The country is characterized by a high level of corruption. According to the results of our surveys among the intelligentsia, 98% of respondents believed that corruption in the country actually covered all structures of state power.



**Keywords**: legislation, state, corruption, social status, business, political corruption, state corruption, foreign corruption, corruption of law and state security, corruption in public administration, parliamentary corruption, corruption in enterprises.


**Дар бораи муаллиффон:**


**Қозиён Шариф Қозӣ** - н.и.ҳ., д.и.с., профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: 907-44-29-99

**Сангинзод Дониёр Шомаҳмад** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. профессори кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва

ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. Почтаи doniyor_sanginov@mail.ru

**Об авторах:**

**Сангинзод Дониёр Шомахмад** – доктор юридических наук, профессор кафедры права факультета истории и права Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни, Адрес: 734003, ш. Душанбе, проспект Рудаки 121. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

**Козиён Шариф Кози** – к.ю.н., д.п.н., профессор, заведующий кафедрой права факультета истории и права Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айны. Телефон: 907-44-29-99

**About the authors:**

**Sanginzod Doniyor Shomakhmad** – Doctor of Law, Professor of the Department of Law, Faculty of History and Law, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, Address: 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

**Koziyon Sharif Kozi** – Candidate of Legal Sciences, Doctor of Political Sciences, Professor, Head of the Department of Law, Faculty of History and Law, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Phone: 907-44-29-99

УДК 347.226

# ПРАВОВОЙ СТАТУС СУБЪЕКТОВ ДОГОВОРА ВОЗМЕЗНОГО ОКАЗАНИЕ СОЦИАЛЬНЫХ УСЛУГ

***Сангинзод Д.Ш.***
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
***Аблаева М.Х***
*Бохтарский государственный университет имени Н. Хусрава*

Формирование правовой модели рынка социальных услуг серьезно затруднено в связи со следующими обстоятельствами. Во-первых, в полной мере не учитываются наметившиеся изменения в социальной политике, направленные, с одной стороны, на социальную защиту от жесткого воздействия рынка наиболее уязвимых слоев населения, а с другой - на поощрение их экономической активности, способности адаптироваться к рынку. В настоящее время объявлено о качественно новом векторе развития социальной политики - «политике социального развития», связанной с появлением нового субъекта - гражданина, который был раньше только ее объектом. В этих условиях концепция правового регулирования рынка социальных услуг, органично вписывающаяся в государственный национальный проект «Здоровье», остро нуждается в новых идеях, которые отсутствуют в концепции современной правовой модели социального обслуживания, основанной на идеологии государственного патернализма. Однако адекватной сегодняшнему дню идеологии правового регулирования рынка социальных услуг не существует, что катастрофически сказывается на здоровье нации. Во-вторых, отсутствует правовая база рынка социальных услуг, так как современное законодательство о социальном обслуживании несостоятельно. В нем содержится множество пробелов и противоречий, отсутствуют четкие нормативные показатели содержания и объема, качества и безопасности социальных услуг, гарантий и способов их предоставления, ответственности за их несоблюдение. Потенциал гражданско-правовых средств регулирования отношений по оказанию социальных услуг не востребован, что крайне негативно влияет на развитие законодательства в этой сфере, которое нуждается в серьезной корректировке. В-третьих, на рынке социальных услуг доминирующее положение занимают государственные социальные учреждения. Тенденции развития правового института негосударственных некоммерческих организаций в качестве альтернативы государственным субъектам рынка социальных услуг в должной мере не исследованы. В-четвертых, объектом отношений по оказанию услуг в сфере социального обслуживания являются материальные блага, правовая природа которых до настоящего времени остается предметом научных дискуссий. Сложность решения вопроса обусловливается тем, что, по мнению некоторых исследователей, социальная услуга не может быть признана категорией рыночного товарообмена. При этом отрицается возможность решения важнейшей государственной задачи - создания рынка социальных услуг, что свидетельствует об отсутствии единства среди ученых во взглядах на концепцию его правового регулирования. Таким образом, формирование современной научной концепции правового регулирования рынка социальных услуг является острой юридической проблемой, от решения которой в немалой степени зависит успех всех социально-экономических преобразований, в государстве, конституционно провозглашенном правовым и социальным [3, с. 4-6].

Понятия социальных услуг, в зависимости от предложенных учёными, можно сгруппировать по следующим типам:

1. Как органы государственного управления и общественные организаций, органы обороны и охраны общественного порядка, кредитные и страховые учреждения, профсоюзные организации [16, с. 36];

2. Как конкретные действия, имеющие функции удовлетворения социальных нужд населения, снабжающие обеспечение воспроизводства и накопления человеческого капитала, обеспечивающие гармоничный образ жизни в любых условиях существования [1, с. 29].

3. Как сфера, в которой данные услуги оказываются. Это здравоохранение, культура, образование, наука, что само по себе показывает их общезначимую направленность и ставит в один ряд с публичными услугами[21, с. 143].

В данной статье мы рассмотрим правовой статус субъектов договора возмездного оказание социальных услуг в зависимости от понятий предложенными учёными.

Некоторые авторы социальную услугу считают синонимом социального обслуживания. А социальное обслуживание как социальный институт представляет собой совокупность норм, правил, установок, регулирующих отношения в этой области, а также сеть учреждений, наделенных полномочиями, владеющих материальными средствами для оказания помощи конкретному человеку, удовлетворения его потребностей в социальных услугах, обеспечивающих его жизнедеятельность и развитие внутренних ресурсов. Социальное обслуживание исполняет роль общественного амортизатора, обогащает и развивает социальную сферу как пространство социального воспроизводства индивида, группы, общности в условиях ее модернизации. Социальное обслуживание как процесс - это совокупность действий и взаимодействий по изменению состояния социального объекта в течение определенного времени и в пространстве, обеспечивающих удовлетворение потребностей и содействующих развитию отдельного человека, группы и общества. Содержанием деятельности системы социального обслуживания являются услуги, обеспечивающие улучшение качества жизни и социального комфорта индивида. Особенностями представляемых услуг в системе социального обслуживания является то, что они выступают в качестве продукта социального процесса и результата реализации социального взаимодействия субъектов социального обслуживания, направлены на совершенствование жизнедеятельности субъекта, решение его проблем или удовлетворение его потребностей в соответствии с уровнем его социальной организации и жизненного пространства - регионального, муниципального и индивидуального; единицы измерения степени осуществления помощи и самопомощи в ходе социального взаимодействия потребителя и исполнителя в процессе социального обслуживания; средства поддержания жизненных сил человека, его индивидуальной субъективности. Услуга в системе социального обслуживания - это действие, совершенное в интересах индивидуального или группового клиента (семьи) по удовлетворению его (ее) потребности с целью восстановления его (ее) жизнедеятельности и развития личностного потенциала [13, с. 12-13]. Но с этим мнением трудно согласиться, потому что оба эти понятия, при всей их схожести, все же различаются. При этом если услуга предоставляется независимо от степени нуждаемости, то обслуживание связывается с общественной необходимостью (нуждой). Соответственно «социальное обслуживание» предоставляется обществом нуждающимся (гражданам, испытывающим недостаток в необходимом) бесплатно или на условиях частичной оплаты[14, с. 370]. В юридической литературе экономическая природа социального обслуживания трактуется исходя из сложности и многофакторности этого явления. Анализируя различия, имеющиеся во мнениях о характере труда и особенностях сферы услуг, Я.М. Фогель справедливо полагает, что экономические отношения здесь могут рассматриваться в качестве своеобразной разновидности материальных отношений, и в качестве таковых они, несомненно, оказывают воздействие не только на экономическую, но и на все стороны социально-общественной жизни общества. Наряду с экономической категорией социальное обслуживание является важной правовой категорией. Оно поэтому обеспечивается специфическими гарантиями: законами, направленными на получение права на социальное обслуживание; подзаконными актами, обеспечивающими условия, средства, охрану заявленных в законе гарантий; наличием устойчивой практики работы государственных органов по обеспечению законодательно установленных прав на социальное обслуживание, охране этих прав. В правовой литературе понятие социального

обслуживания нередко отождествляется с оказанием государством различного рода услуг лишь лицам престарелого возраста и инвалидам. В частности Я.М. Фогель рассматривает социальное обслуживание как самостоятельную систему, предназначенную для удовлетворения разнообразными услугами специфических потребностей нетрудоспособных членов общества в целях восстановления и повышения их трудоспособности, сохранения и развития ими социально-общественных, трудовых, бытовых и других отношений и связей с обществом[22, с. 31].

Аналогичную позицию занимает и А.Н. Егоров. По его мнению, социальное обслуживание престарелых и инвалидов есть не что иное, как их социально-трудовая реабилитация, под которой он понимал осуществление комплекса мероприятий, при котором возникают регулируемые как нормами права, так и нормами морали общественные отношения между инвалидами и престарелыми, с одной стороны, и компетентными государственными органами - с другой по восстановлению (или поддержанию на должном уровне) медицинского, профессионального, трудового и социального статуса, а также их трудовое устройство, порядок выплаты продолжающим заниматься общественно-полезной трудовой деятельностью престарелым и инвалидам пенсий и пособий и, кроме того, оказание им другой помощи[9, с. 19].

М.Л. Захаров и Э.Г. Тучкова справедливо полагают, что социальное обслуживание нельзя сводить только к предоставлению социальных услуг престарелым и инвалидам, ибо это понятие более ёмкое, поскольку охватывает широкий круг лиц, предусмотренных в законе (в том числе детей) [12, с. 7].

В узком смысле слова под социальным обслуживанием часто понимают предоставление социально-бытовых услуг определенным категориям граждан, указанным в законе: помощь в ведении хозяйства, предоставление бесплатного питания, помещение в учреждения социальной защиты и др. В широком смысле социальное обслуживание включает в себя все иные, помимо денежных выплат, виды социального обеспечения[11, с. 155].

Под социальным обслуживанием, по мнению М.О. Буяновой, следует понимать один из видов социального обеспечения, направленный на предоставление специальными органами государства (либо иными по его уполномочию органами) гражданам различных материальных услуг бесплатно или на условиях частичной оплаты с целью предотвращения наступления, либо снижения негативных последствий наступивших социальных случаев с целью усиления их социальной защиты. Исходя из смысла действующего законодательства, «социальное обслуживание» представляет собой деятельность специальных организаций по предоставлению различного рода социальных услуг бесплатно или без эквивалентно (в соответствии с установленными государственными стандартами) по социальной адаптации и реабилитации для лиц, находящихся по не зависящим от них обстоятельствам в ситуации, нарушающей их жизнедеятельность, и которую они не могут преодолеть самостоятельно (или с помощью лиц, обязанных по закону их содержать) [6, с. 16-20].

Социальное обслуживание населения можно рассматривать и как социальную технологию, позволяющую оказать необходимую поддержку гражданам в условиях сложной жизненной ситуации, то есть ситуации, нарушающей жизнедеятельность гражданина (инвалидность, неспособность к самообслуживанию в связи с преклонным возрастом, болезнью, сиротством, безнадзорностью, малообеспеченностью, отсутствием определенного места жительства, а также конфликты и жестокое обращение в семье, одиночество и т.д.), которую он не может преодолеть самостоятельно[10, с. 253].

Определение социального обслуживания как социального института не исчерпывает его сущностной определенности, но характеризует значительную часть его атрибутов и закономерностей. В соответствии с представлениями теоретиков социологии (Т. Парсонс, Д. Норт), признаками социального института являются: устойчивый воспроизводимый характер существования; наличие норм и правил (как формальных, так и неформальных), регламентирующих его деятельность и поведение людей в его рамках; наличие организаций,

посредством которых реализуются функции института; наличие профессиональных специалистов, осуществляющих специфическую деятельность. Все эти признаки социального института выявляются в функционировании социального обслуживания[13, с. 42].

сотрудничества с дружественными и миролюбивыми странами мира. Признав документы международных отношений, в том числе Устав ООН, Хельсинкский Заключительный акт, Парижскую декларацию и другие документы, Республика Таджикистан создала основу своей внутренней и внешней политики заявил, что человек и защита его прав и свобод, независимо от гражданства, религиозных, и расовых различий, считается высшей ценностью гендерных [2]. Эти ценности являются основой развития внешней политики страны и ее признания международным сообществом.

**Третье достижение** – установление мира и национального единства. Одним из главных факторов окончания навязанной гражданской войны является избрание главой государства Эмомали Рахмона, который поставил своими высшими целями мир, возвращение беженцев и укрепление национального единства. В процессе реализации этих высоких целей Глава государства проявил сильную волю, мужественность, безграничное мужество и дальновидность на благо народа. Всем известно, что в ходе переговоров между таджиками, было множество угроз и попыток изнутри и извне, была очевидна опасность превращения страны в поле конкуренции между соискателями должностей региональными и глобальными игроками. Стабильность и решительность, несмотря на прямую враждебность внутренних и внешних держав, встречи с лидером оппозиции в Кабуле Хусде, народа в во на благо нации, свидетельствуют об уникальности личности лидера таджикского мир. Сегодня опыт таджикистанцев в мирном разрешении конфликтов как теоретически, так и практически стал богатством мировой политической науки [2]. В знак признания этих усилий председательство на 54-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН было поручено Президенту Республики Таджикистан Эмомали Рахмону

**Четвертое достижение** – правильный выбор и продвижение внешней политики «открытых дверей», о чем было официально объявлено 31 декабря 2002 года. Необходимость ее объявления была связана со следующими факторами: - важным стратегическим положением страны, включающей в себя одну из ключевых точек центральноазиатского пространства, а после начала международной контртеррористической операции в Афганистане - специальное положение дел; - необходимость защиты политической независимости в сложных условиях международных отношений, глубины глобализационных процессов и возникновения современных мировых рисков; - отражение культурных, исторических и традиционных ценностей таджикского народа, а именно, дружбы и добрососедства во внешней политике страны; - поддержание баланса по направлению приоритетов основных внешнеполитических направлений страны - привлечение прямых иностранных инвестиций для возрождения экономики страны и реализации реформ в направлении развития республики и повышения уровня жизни граждан. Благодаря политике «открытых дверей», которая составляет суть внешней политики страны, Республике Таджикистан удалось установить и укрепить добрые отношения и многостороннее взаимовыгодное сотрудничество с большинством стран мира. Результатом этой реалистичной политики является установление дипломатических отношений со 179 странами мира, открытие почти 30 дипломатических представительств Республики Таджикистан за рубежом и при региональных и международных организациях, открытие более 50 дипломатических представительств зарубежных стран. Региональные и международные организации в Таджикистане [6], ежегодно обмениваются товарами и продукцией со 100 странами мира (по сравнению с 1991 годом рост внешнеторгового оборота республики в иностранной валюте увеличился в 35 раз) и, самое главное, реализация международных инициатив, особенно в сфере водных ресурсов, сотрудничество в этой сфере и превращение ее в фактор отражает важность стабильного экономического развития. Таджикистан, используя принцип «открытых дверей» и многовекторную политику, расширяет свои отношения с Содружеством Независимых Государств, Европейским Союзом, США, Юго-Восточной Азией, арабскими странами, исламским миром и пользуется открывающимися возможностями, и возможности, которые появятся сегодня и в будущем, если он использует это в своих национальных интересах [2].

Благодаря этой политике Таджикистан укрепил свои позиции в международной политике и обеспечил баланс отношений и интересов с учетом национальных интересов. Политика «открытых дверей» воплощает ось внешней политики Таджикистана.

Более того, превращение столицы страны в площадку проведения региональных и международных мероприятий и получение мирового признания как национального бренда Таджикистана на международных мероприятиях, «Душанбинский процесс» [6], рассмотрены и другие результаты политики открытых дверей под мудрым руководством лидера нации.

**Пятое достижение** – создание в стране профессиональной дипломатической службы. Традиции государственности, внешней политики и дипломатии, порядок отправки гонцов, опыт мира и посредничества гармонично сочетались в истории формирования таджикского народа. Однако становление дипломатической службы, как отражение механизма реализации национальных целей таджикистанцев, отражение политической независимости и создание условий для внутреннего развития, было достигнуто только через провозглашение государственной независимости. Успех внешней политики и дипломатии Таджикистана зависит, прежде всего, от умения планирования и дальновидности его главы, традиций государственности, культурных и духовных ценностей, профессионализма сотрудников дипломатической службы. Именно в период становления этой дипломатической школы на сцене появились великие дипломаты, такие как Эмомали Рахмон, Талбак Назаров, Рашид Олимов и другие, которые своим дипломатическим мастерством и личными качествами были признаны образцами успешной дипломатии в мире. Одной из устойчивых основ развития дипломатической службы Таджикистана в эпоху независимости является признание и принятие нормативно-правовых актов в направлении развития внешнеполитической и дипломатической службы Таджикистана. Соблюдение международных деклараций в сфере дипломатических и консульских отношений, принятие Закона Республики Таджикистан «О дипломатической службе» (2002, 2014 гг. и с новыми поправками в 2019 г.) и Закона Республики Таджикистан «О международных договорах» Республики Таджикистан» (2001), 2013 и 2016 годы были приняты в новой редакции. В целях укрепления нормативно-правовой базы внешней политики, 27 января 2015 года была принята новая Концепция внешней политики Республики Таджикистан» (2001), 2013 и 2016 годы. С другой стороны, в связи с уточнением роли экономики и торговли в структуре Министерства иностранных дел страны, Постановлением Правительства Республики Таджикистан за № 657 от 30.12.2019 года о внесении изменений в постановление Правительства Республики Таджикистан № 593, «О Министерстве Иностранных дел Республики Таджикистан» был принят 26 декабря 2006 года. Также в отношении торговых представителей Республики Таджикистан за рубежом в 2019 году было принято соответствующее постановление Правительства Республики Таджикистан, в котором отражены современные особенности профессионального развития различных видов дипломатической службы и правовые основы ее развития.

**Шестым достижением** таджикских дипломатов является объявление 29 сентября «Днем работников дипломатической службы» в Таджикистане, что является доказательством влияния этого направления, его признанием в системе государственной службы страны. При этом, консульская служба развивалась как составная часть дипломатической службы, и ее развитие базируется на членстве в Венской декларации о консульских отношениях, принятии Консульской Хартии Республики Таджикистан – от 30 июля 1998 года. Последовательным представляется развитие консульской службы с запуском электронной сети, охватывающей вопросы виз и передвижения граждан, в том числе иностранных граждан. Также в связи с этим была запущена программа электронных виз (e-visa), которой могут воспользоваться граждане более 80 стран мира. Данная инициатива играет большую роль в формировании положительного имиджа страны и развитии государственного туристического сектора [3, с. 18].

**Седьмое достижение** – становление и развитие культурной дипломатии. В ходе становления таджикской профессиональной дипломатии становится ясна роль ее культурного аспекта. В современных условиях глобализации и экспансии западных ценностей одной из главных задач национальных государств является защита национальных, культурных, духовных и религиозных ценностей. В этом смысле таджикская культурная дипломатия под руководством лидера нации связана с презентацией литературного, исторического и культурного наследия таджикского народа постоянным прославлением достойных лиц и детей нации, и древней истории таджикского народа на национальном,

региональном и международном уровнях. Эти достижения таджикского народа были признаны ЮНЕСКО самым влиятельным учреждением мира в области науки, образования и культуры, и включены им в свой Реестр всемирного культурного наследия. В связи с этим отмечены включение Саразма (2010 г.), Национального парка Таджикистана (2013 г.), включение в Список нематериального культурного наследия человечества (2008 г.); Навруз (2010 г.), «Оши Палав» (2010 - 2016 гг.) и « Чакан» (2018). Согласно решению ЮНЕСКО, чествование ряда таджикских дней культуры и исторических событий нации рассматривается как свидетельство культурной сущности таджикского народа, сути его внешней политики и дипломатии.

**Восьмое достижение** - внешней политики Республики Таджикистан – укрепление и расширение связей с международными и региональными структурами, а также международными организациями. За период независимости Таджикистан стал членом 57 региональных и международных организаций, одним из основателей Содружества Независимых Государств, Организации Договора о коллективной безопасности, Шанхайской организации сотрудничества, Совета по сотрудничеству и мерам доверия в Азии, Международного фонда спасения Арала и Стамбульского процесса. Превращение города Душанбе в центр дискуссий по глобальным и региональным проблемам, прямое председательство Республики Таджикистан в региональных и международных организациях, представление важных инициатив в направлении предотвращения современных опасностей, создания системы безопасной сети вокруг Афганистана, проведение научно-практических собраний в направлении борьбы с нежелательными современными явлениями являются отличительными особенности страны, как определяющий темы дня в направлении борьбы с современными опасностями и осью международного мнения, в этом направлении мировым сообществом.

**Девятое достижение** – это формирование нового уровня сотрудничества – стратегического партнерства, которое демонстрирует эффективность внешней политики и дипломатии нашей страны. Постепенное развитие отношений с дружественными и соседними странами стало основой стратегического уровня партнерства Республики Таджикистан с Российской Федерацией, Республикой Казахстан, Китайской Народной Республикой, Туркменистаном, Республикой Узбекистан и Беларусью. В этом контексте следует отметить последовательную политику лидера нации в отношениях с Республикой Узбекистан, которая началась с первого обращения к благородному народу Таджикистана и постепенно нашла свое отрежение в двусторонних нормативно-правовых документах. в виде внешнеполитических концепций и ежегодных посланий, традиций добрососедства и человеческого отношения в связи со смертью первого президента Республики Узбекистан Ислама Каримова и участие в его похоронах. Церемония стала свидетельством добрых традиций таджикского народа, которые в дальнейшем стали основой стратегического уровня сотрудничества между двумя дружественными и соседними странами.

**Десятое достижение** – формирование стабильной, последовательной, узнаваемой и предсказуемой дипломатии. Как известно, основные направления внешней политики Республики Таджикистан были определены в первом послании главы государства благородному народу Таджикистана, а ее суть выражена в статье 11 Конституции страны. За время независимости, с учетом развития системы политической власти и фундаментальных событий на международной арене, в Конституцию страны трижды вносились поправки, но они не касались статьи, касающейся внешней политики. Более того, приоритеты страны были определены в выступлении главы государства на XVIII сессии Верховного Совета Республики Таджикистан 28 декабря 1993 года, в период необходимости урегулирования концепции внешней политики страны, которая «разделяет Республику Таджикистан на 5 бассейнов в зависимости от ее географического положения, геополитического положения и экономических интересов, в том числе политических. Как показывает анализ процесса формирования внешней политики и международных отношений страны, этот приоритет сохраняется до сих пор.

Позиция лидера нации по направлении взаимоотношений с соседними странами, продвижению политики добрососедства, а также по региональным и глобальным вопросам осталась неизменной с момента обретения независимости. Метод нашей внешней политики,

считавшийся пацифистским с момента его первого появления на Генеральной Ассамблее ООН, до сих пор очень ясен. В ходе отношений со странами региона стабильность таджикской дипломатии в лице ее лидера стала основой постепенного развития сотрудничества.

Правительство Республики Таджикистан и глава государства с первых дней прихода к власти обратили внимание мирового сообщества на катастрофическую ситуацию в Афганистане, особенно на политические и экономические проблемы и опасность средневекового режима «Талибана». ". Следует подчеркнуть, что позиция Таджикистана по отношению к «Талибану» возникла не недавно, а формировалась на протяжении двадцати пяти лет.

Если рассматривать процесс международной дипломатии, то в мире мало стран, которые имеют стабильное и надежное положение.

**Конечным достижением является** мир, стабильность и всеобъемлющая безопасность в условиях коренных изменений в системе международных отношений с заменой методов конкуренции между сверхдержавами и геополитическими регионами; - появление новых экстремистских идей, таких как религиозный экстремизм, новый национализм (неофашизм) и уязвимость национальных государств, терроризм с государственной инфраструктурой и самодостаточностью (неправительственные и террористические организации воспользовались и адаптировались к процессу глобализации); - негативное влияние информационных рисков (промывание мозгов, привлечение молодежи в экстремистские группировки через социальные сети и распространение экстремистских религиозных идей). Как известно, организация Национальной армии Таджикистана в сложных условиях гражданской войны началась с нуля, а ее успешная и слаженная работа с социальными структурами постепенно стала основой превращения Таджикистана в одну из безопасных стран мира и вхождение его в тройку самых безопасных стран мира в международном масштабе.

В первые годы независимости наш народ переживал трудные времена которые в последующем послужими ценным опытом для построения светего будущего. Таким образом, Таджикистан стал самой мирной и стабильной страной региона и с твердой решимостью движется к благополучному будущему [2].

Сегодня Республика Таджикистан признана в мире как страна инициативная в решении глобальных вопросов и влиятельная в регулировании политических процессов в регионе. Таджикистан предпринял уверенные шаги на мировой арене, укрепил свои позиции, продвигая логичную политику и конструктивные предложения, и в будущем продолжит строить планы в мире более уверенными шагами.

Достижения таджикского народа в эпоху независимости под руководством основоположника национального мира и единства, лидера нации, президента Республики Таджикистан многочисленны, но отражение направленности его внешней политики доказывает эффективность таджикской дипломатии, усилии по защите национальных интересов и развитию развитого государства. Несмотря на это, нам не следует довольствоваться этими достижениями стремиться к большему развитию страны, реализации ее стратегических целей, повышению влияния и статуса независимого Таджикистана на мировой арене.

Поэтому необходимо, чтобы граждане Республики Таджикистан объединились вокруг лидера нации ради процветания страны мир и единств, укрепля религиозные, духовные и культурные ценности, реализуя благие планы.

### *Литература*


1. *Внешняя политика. Электронный ресурс. URL. https://ru.wikipedia.org/wiki/Внешняя_политика (санаи муроҷиат 11.02.2020)*
2. *Дастовардҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон [манбаи электронӣ] URL: https://mfa.tj/tg/main/view/12/dastovardhoi-sijosati-khorijii-tojikiston (санаи муроҷиат 26.05.2021)*

3. *Муҳаммадзода П. А. Таҳлили дастовардҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013 - 2020 / П. Муҳаммадзода, А. И. И.Малангова. // Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир. 2020, №4(72) С.15-23*
4. *Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Том первый – Душанбе 2004 - 358 с.*
5. *Рахмонов Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносии миллӣ – Душанбе, 1995,*
6. *Си дастоварди муҳимми Тоҷикистон дар сӣ соли истиқлоли давлатӣ. [манбаи электронӣ] URL:* https://khovar.tj/2021/06/vymyvmiys-dastovardi-mu-immi-to-ikiston-dar-s-soli-isti-loliyat-davlat-mutahassisoni-markazi-tad-i-oti-strategii-nazdi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-on-oro-zikr-kardaand/*(санаи муроҷиат 06.11.2021)*
7. *Тюрина И.А. Системный подход к изучению взаимосвязи внешней и внутренней политики Электронный ресурс.*

## МУВАФФАҚИЯТҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ВА ДИПЛОМАТИЯИ ТОҶИКИСТОН

Дар ин мақола дастовардҳо ва дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият баррасӣ шудааст. Нигоҳ доштани соҳибихтиёрии миллӣ дар шароити печидаи муносибатҳои байналмилалӣ ва ҷаҳонишавӣ яке аз муҳимтарин дастовардҳои Тоҷикистон мебошад. Муаллифи матлаб аз сиёсати хирадмандонаи роҳбарияти кишвар дар самти таҳкими иқтидори мудофиавӣ, мубориза бо таҳдидҳои беруна ва таъмини амнияти кишвар ситоиш кардааст.

Ҳамчунин, дар ин мақола дурнамои рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон арзёбӣ шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки ин кишвар минбаъд низ ба принсипҳои бисёрҷониба, прагматизм ва дифоъ аз манфиатҳои миллии худ пойбанд хоҳад буд. Таваҷҷуҳи вижа ба масоили амнияти минтақавӣ, ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ ва ҳамчунин ҳалли мушкилоти захоири об ва тағйири иқлим аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар оянда хоҳад буд.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, сиёсати хориҷӣ, истиқлолият, ваҳдати миллӣ, сиёсати “дарҳои боз”, дастовардҳо, дурнамо

## ДОСТИЖЕНИЯ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ И ДИПЛОМАТИИ ТАДЖИКИСТАНА

В статье представлен анализ основных достижений и перспектив внешней политики Республики Таджикистан за период независимости. В условиях сложных международных отношений и глобализации сохранение суверенитета является важнейшим достижением Таджикистана. Автор отмечает мудрую политику руководства страны, направленную на укрепление обороноспособности, противодействие внешним угрозам и обеспечение безопасности государства.

В статье также дается оценка перспектив развития внешней политики Таджикистана. Автор подчеркивает, что страна будет и дальше придерживаться принципов многовекторности, прагматизма и защиты своих национальных интересов. Особое внимание будет уделяться вопросам региональной безопасности, сотрудничеству в Центральной Азии, а также решению проблем водных ресурсов и изменения климата.

**Ключевые слова:** Таджикистан, внешняя политика, независимость, национальное единство, политика "открытых дверей", достижения, перспективы.

## ACHIEVEMENTS OF THE FOREIGN POLICY AND DIPLOMACY OF TAJIKISTAN

This article analyzes the main achievements and prospects of the foreign policy of the Republic of Tajikistan during the independence period. In the context of complex international relations and globalization, maintAyning sovereignty is the most important achievement of Tajikistan. The author notes the wise policy of the country's leadership aimed at strengthening defense capability, countering external threats, and ensuring state security.

The article also assesses the prospects for the development of Tajikistan's foreign policy. The author emphasizes that the country will continue to adhere to the principles of multi-vectorness, pragmatism, and protection of its national interests. Particular attention will be paid to the issues of regional security, cooperation in Central Asia, as well as solving the problems of water resources and climate change.

**Keywords:** Tajikistan, foreign policy, independence, national unity, open door policy, achievements, prospects.

**Дар бораи муаллиф:**

**Ахиева Саодат Умарбековна** - номзади илмҳои сиёси, омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121Тел: (+992) 918 44 01 49.E – mail: milledi2000@mail.ru

**Об авторе**

**Ахиева Саодат Умарбековна** - кандидат политических наук, преподаватель общеуниверситетской кафедры политологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121. Тел: (+992) 918 44 01 49.E – mail: milledi2000@mail.ru

**About the author**

**Akhieva Saodat Umarbekovna** - Candidate of Political Sciences, Lecturer at the University Department of Political Science, teacher of the Department of Political Sciences of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Phone: (+992) 918 44 01 49; E – mail: mail: milledi2000@mail.ru

ТДУ 321.74 (01)

# НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР РАВАНДИ ДЕМОКРАТИКУНОНИИ ҲАЁТИ ҶОМЕА


***Шерматов Б. Г.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*


Ташаккулёбии давлати миллӣ ҳамчун раванди давомноку пуртазод пайваста андешидани чораҳои муҳимро оид ба ташкил ва такмили пайвастаи идоракунӣ талаб менамояд. Дар вобастагӣ ба шароити иҷтимоию сиёсии Тоҷикистон бояд қайд намуд, ки раванди бунёди ҷомеаи демократӣ хусусиятҳои хоси худро дошта, ба инобат гирифтани онҳо дар ин масир ба самаранокии татбиқи ҳадафи гузошташуда мусоидат намуда истодааст.

Яке аз масъалаҳои зарурие, ки дар раванди ташаккули давлатдории миллӣ мавқеи калидӣ дошт, ин масъалаи ташаккул ва таҳкими муносибатҳои иҷтимоии ба принсипҳои демократӣ асосёфта маҳсуб меёфтанд. Маҳаки ин принсип эътирофи мардум ба сифати сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ буд, ки асоси онро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамуд. Вале татбиқи ин принсипи конститутсионӣ амалинамоии як қатор чораҳои сохторӣ ва институтсионалиро тақозо мекард, ки дар заминаи онҳо бояд воқеан ҳам мардум худро сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ эҳсос мекарданд. Дар марҳилаи баъди қабули Конститутсияи нав, ки ҳанӯз муносибатҳои иҷтимоӣ ва вазъи сиёсӣ дар кишвар муътадил набуданд, тақозо мегашт, ки системаи сиёсии мавҷуда баҳри таҳкими арзишҳои демократӣ дар ҷомеа чораҳои мушаххас андешад. Дар навбати худ ин омилҳо баҳри таҳаввулоти эволютсионии шуури ҷамъиятӣ ва дасткашӣ аз каҷфаҳмиҳо дар дарки демократияро тақозо мекарданд. Татбиқи дурусти ғояҳои демократикунонӣ имконият медоданд, ки қонуниятҳои таҳкими давлатдории миллӣ ба шакли мутавозин амалӣ гарданд. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар, муайян гардидани шакли идоракунии демократӣ имконият медод, то эътимоди мардум ба ҳокимияти сиёсӣ устувор гардонида шуда, дар шароити мушкили сиёсӣ дурнамои рушди минбаъда муайян гардад.

Таҳкими боварии мардум ба ҳокимияти сиёсӣ дар он замон омили бениҳоят зарурӣ маҳсуб меёфт. Татбиқи ин стратегия бори дигар собит сохт, ки сарвари давлат дар стратегияи умумии давлатсозии худ, пеш аз ҳама, ба принсипҳои эҳтироми арзишҳои умумиинсонӣ, адолати иҷтимоӣ, волоияти қонун, ки омилҳои муҳим дар идоракунии самарабахш маҳсуб меёбанд, такя менамояд[3, с. 11].

Таҳкими равандҳои демократикунонӣ бо дарназардошти халои идеологие, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ дар фазои Тоҷикистони соҳибистиқлол ба миён омада буд, зери фаҳмиши демократия ва озодии баён даҳҳо ташкилоту иттиҳодия ва ҳизбу ҳаракатҳоеро ба майдон овард, ки ҳар кадом демократияро аз диди худ маънидод намуда, онро то ба ҳадди ифрот мерасониданд. Бештари давлатҳои хориҷӣ пас аз вайроншавии Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, ҳавасмандии ҳудро нишон медоданд. Комилан инкор намудани арзишҳое, ки тӯли 70 сол шакл гирифтаю дар шуури ҷомеа мавқеъ пайдонамуда, дар шароите, ки арзишҳои нав ҳанӯз ташаккул наёфтаанд ва ҷомеа онҳоро ба пуррагӣ напазируфтааст, омили ба бенизомӣ кашидани оммаҳои мардум гашта, қолаби холии пешниҳодшудаи демократия ҳанӯз маънои таъмини бартарияти онро надошт.

Масъалаи дигари мубоҳисаҳои сиёсии дар фазои демократии он- вақта ҷараёндошта фақат ба масъалаи танқиди номеклатураи коммунистӣ ва ин сохт равона карда шуда, аслан маънои "демократияи танқидӣ"-ро дошт. Вале байни "танқиди демократию" таҳқири оммавӣ қариб ки фарқият гузошта намешуд. Дар асл бошад, муборизаи шадиди идеологӣ мерафт, ки он бештар хусусияти маҳалгароёна ва гуруҳӣ дошта, ба арзишҳои демократӣ зарба мезад. Дар ин раванд бештар бартариятхоҳӣ, таҳаммулнопазирӣ нисбат ба ҳарифи сиёсӣ, дарёфти душмани сиёсӣ дар чеҳраи ҳарифи сиёсӣ, набудани таҷрибаи муборизаи сиёсӣ дар доираи муайяннамудаи қонун ва ғ. хос буданд.

Таҷрибаи сиёсӣ нишон медиҳад, ки таҳкими ҷомеаи демократӣ баҳри васеъ шудани вазифаҳои ниҳодҳои сиёсӣ замина мегузорад. Маҳз аз ҳамин сабаб ниҳодҳои сиёсии муосир аз рӯйи натиҷаҳои рушди худ махсусгардонида мешаванд. Онҳо дастовардҳо, меъёрҳо, ки чунин арзишҳои умумипазируфтаро, аз қабили салоҳиятнокии сиёсӣ, мустақилият, масъулияти шахсӣ, ки бидуни онҳо фаъолнокии сиёсии шахс, ҳамчун субъекти сиёсат номумкин аст, асоснок мекунанд.

Дар робита ба ин қайд намудан лозим аст, ки раванди тағйирпазирии системаи сиёсии ҷомеа нишон медиҳад, ки хусусияти фарққунандаи ниҳодҳои сиёсии муосир дар мустақилияти онҳост, ки баҳри шаҳрвандон дар татбиқи ҳуқуқу озодиҳои онҳо қулай ва дастрас мебошанд. Маҳз ҳамин ҳолат заминаҳои бунёдии демократияро мустаҳкам мекунанд. Масири демократикунонӣ ин раванди бунёд ва дар амал татбиқ намудани принсипҳои демократӣ, ҳамкории созишкоронаи субъектҳои сиёсӣ, ки бо роҳи қонунӣ ва устуворона аз манфиатҳои худ дифоъ мекунанд, маҳсуб меёбад.

Демократикунонӣ дар Тоҷикистон на танҳо аз амалҳои ҳокимият, балки рафтори ҳар як субъекти сиёсат сахт алоқамандӣ дорад. Ин масъала ба шинохти ҷой ва мавқеи шахс дар муносибатҳои сиёсӣ алоқамандии зич дошта, нишондиҳандаи пазироии ҳокимият аз ҷониби омма мебошад. То иштироки сиёсии бевосита ва ё бавоситаи мардум дар равандҳои иҷтимоию сиёсӣ таъмин нагардад, демократия шакли воқеии худро дарёфт карда наметавонад.

Рушди равандҳои демократӣ дар сохтори мавҷудаи мақомоти давлатӣ дар кишвар инъикоси амиқи худро ёфтааст. Мутобиқи моддаи 9 Конститутсияи кишвар "Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад[2]". Мавҷудияти ниҳодҳои гуногун, ки дар таъмини мардумсолорӣ нақш доранд, ба рушди демократия такони нав мебахшанд. Ин ниҳодҳо баҳри ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои мардум нақши бориз дошта, дар банизомдарории муносибатҳо бидуни иштироки давлат низ метавонанд муваффақ гарданд. Дар моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки "Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд[2]".

Ҳуқуки интихоботӣ ва раванди интихобот бевосита бо самти фаъолияти сиёсии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд мебошанд. Агар ҳуқуқи интихоботӣ ҳуқуқи сиёсии шаҳрвандонро оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан танзим намояд, пас раванди интихоботӣ ҳамчун шакли татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи интихоботӣ нишондиҳандаи фаъолгардӣ ва сохтори иштироки шаҳрвандонро дар раванди идоракунии ҳокимият муайян менамояд. Дар маҷмӯъ онҳо заминаи сиёсию ҳуқуқии фаъолияти ниҳодҳои системаи демократияи намояндагӣ ва интихоботиро ташаккул медиҳанд[4].

Маҳз аз ҳамин сабаб интихобот на танҳо як раванди маъмулии сиёсӣ, балки ҳамчун василаи муҳимми ташаккули ҳокимияти сиёсӣ пазируфта шуда, тайи солҳои соҳибистиқлолӣ тавонистааст ин рисолати худро ба пуррагӣ иҷро намояд. Дар робита ба ин имрӯз бо боварӣ гуфта метавон, ки интихобот ҳамчун ифодаи олии ҳокимияти халқ, раванди муҳими сиёсиест, ки аз натиҷаҳои он пешрафту рушди минбаъдаи давлати мо сахт вобаста аст. Дар ин радиф интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми махсус дошта, иштироки фаъолонаи ҳар як шахси худшиносу худогоҳ ва интихоби огоҳонаи онҳо омили муҳимми суботи сиёсӣ ва пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ буда, баҳри ташаккули низоми идоракунии президентӣ дар кишвар василаи асосӣ ба шумор меравад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон роҳбари Ҳукумат ба шумор рафта, рушду нумуи муназзам ва ҳамаҷонибаи кишварро таъмин менамояд, ҳадафҳо ва масъалаҳои асосии фаъолияти Ҳукуматро муайян месозад. Воқеияти сиёсӣ собит намуд, ки мамлакати мо ба шарофати чунин шакли идоракунӣ тавонист чандин бӯҳронҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиро паси сар намуда, дар ҷодаи бунёди ҷомеаи навини демократӣ ба дастовардҳои назаррас муваффақ гардад.

Интихоботҳои Президентие, ки тайи ин солҳо баргузор гардиданд, рисолати таърихии худро пурра бар ҷой оварданд. Натиҷаи чунин идораи давлатӣ буд, ки дар муддати кӯтоҳи

таърихӣ ба даргириҳои дохилӣ хотима дода шуда, оқибатҳои онҳо бартараф карда шуданд. Фирориён ва муҳоҷирони иҷборӣ ба марзу буми аҷдодӣ баргардонида шуда, сарҷамъии миллат таъмин гардид. Иқтисодиёти кишвар ба таври назаррас рушду нумӯъ намуд.

Тоҷикистон ва сохти давлатдории он дар арсаи ҷаҳонӣ сазовори обрӯ ва нуфузи зиёд гардида, муваффақона раванди шомилшавиро ба созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ба итмом расонид. Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мубрами глобалӣ мавриди истиқболу дастгирӣ қарор гирифтанд, ки худ нишонаи амиқи эътирофи давлатдорию сиёсатмадорист. Ин ҳама натиҷаи идоракунии самаранок ва ҳадафмандона, фаъолияти бомарому ояндабинонаи институти президентист, ки тавонистааст дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон мақоми махсуси худро пайдо намояд. Дар ин радиф метавон қайд намуд, ки ташаккул ва рушди институти президентӣ дар Тоҷикистон бевосита бо фаъолияти сарвари давлат, Президенти мамлакат, Ҷаноби олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон робитаи ногусастанӣ дошта, собит месозад, ки муваффақият ва самаранокии фаъолияти дилхоҳ ниҳоди иҷтимоию сиёсӣ, пеш аз ҳама, аз иродаи сиёсӣ, устуворӣ, кордонӣ, ҷасорат ва донишу малакаи шахсият вобаста аст.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки таъсиси институти идораи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи конститутсионализм ба шумор рафта, ҳамчун падидаи нисбатан нав рӯи кор омада бошад ҳам, вале худро ҳамчун василаи муассири ҳокимияти олии давлатӣ муаррифӣ намуд. Чунин шакли идораи ҳокимияти давлатӣ тавонист шакли муассири идораи президентиро ба вуҷуд оварда, Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба давраи бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд ворид гардонад. Дар баробари ин ба инобат гирифтан зарур аст, ки озодиҳои муайяннамудаи демократия дар ягон кишвари дунё хусусияти мутлақ надошта, дар ҳама ҳолат бояд манфиатҳои аксарият ҳимоя карда шаванд. Ин нишондиҳандаҳо ҷанбаҳои фарқкунандаи режими демократӣ буда, нишон медиҳад, ки ҳуқуқу манфиатҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҳуқуқӣ ва амнияти ҷомеа, идоракунии он фақат дар заминаи қонун амалӣ гашта, амалан демократия бо маънии “диктатураи” қонун фаҳмида мешавад.

Дар ҷомеаи демократӣ мақомоти худидоракунии маҳаллӣ нақш ва мақоми махсус дорад.“Худидоракунии маҳаллӣ яке аз асосҳои сохтори конститутсиониро дар давлати ҳуқуқбунёд муайян намуда, баҳри демократикунонии дастгоҳи идоракунӣ, ҳалли масъалаҳои хусусияти маҳаллидошта шароит фароҳам меоварад[1, с 144]”. Аз ин нуқтаи назар, худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун шакли ҳокимияти давлатӣ баҳри устувор гардонидани робитаҳои иҷтимоӣ, таъмини тамомияти муносибатҳои сиёсӣ ва фаъолияти самараноки тамоми системаи сиёсӣ мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти ҷараёни кунунии равандҳои демократӣ дар кишвар ва дастовардҳои демократия дар ҷаҳони муосир қайд намудан лозим аст, ки:

– яке аз принсипҳои асосии демократия, ки таъмини иштироки аксариятро дар идоракунии давлат тақозо мекунад, имрӯз дар кишвар ба пуррагӣ таъмин гашта истодааст;

– саҳми парлумон дар қабули қарорҳо ва муайян намудани самти рушди иқтисодию иҷтимоӣ тавассути муҳайё намудани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ фаъол гашта, принсипҳои иштироки озод ва ихтиёрӣ дар интихобот ба пуррагӣ таъмин гашта, сатҳи маърифати сиёсии мардум вобаста ба интихоб кардану интихоб шудан ба мақомоти гуногуни намояндагӣ боло рафта истодааст;

– муқаррароти конститутсионӣ дар бораи арзиши олӣ эътироф намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки яке аз муҳимтарин арзишҳои демократия ба ҳисоб меравaнд, дар кишвар амалӣ гашта, баҳри таъмини волоияти онҳо тамоми чораҳо андешида мешаванд;

– баробарҳуқуқии шаҳрвандон, новобаста ба мансубияти ҷинсӣ, динӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, сатҳи иҷтимоӣ ва нуқтаи назари сиёсӣ, ки яке аз ченакҳои муосири демократия маҳсуб меёбад, принсипи асосӣ дар қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба шумор рафта баҳри таъмини он давлат мунтазам чораҳои амалӣ меандешад;

– нишонаи муҳими демократия таъмини принсипи тақсимоти ҳокимият ба шохаҳои мустақили қонунгузор, иҷроия ва судӣ мебошад, ки дар ин замина фаъолияти самараноки онҳо таъмин гашта, ҳар сеяшон дар раванди татбиқи сиёсати давлатӣ ҳамкорӣ менамоянд;

– озодии андеша ва баён яке аз принсипҳои асосии демократия ба ҳисоб рафта, дар ин раванд баҳодиҳии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ниҳодҳои ҷамъиятӣ низ сурат мегирад.


***Адабиёт***

1. *Зотова З.М. Власть и общество: проблемы взаимодействия / Под общей редакцией С.А. Попова. - М., 2001. 346с.*
2. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2016*
3. *Хидирзода М.У. Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ. - Душанбе, 2017. С.11.*
4. *www.dipshop.ru (санаи муроҷиат. 12.10.2023)*


## НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР РАВАНДИ ДЕМОКРАТИКУНОНИИ ҲАЁТИ ҶОМЕА


Дар ин мақола мушкилот ва дастовардҳои сохтмони давлати миллӣ дар Тоҷикистон баррасӣ шуда, ба раванди демократикунонӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад. Муаллиф муътақид аст, ки ташаккули ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон дорои вижагиҳои хоси худро дорад, ки барои расидан ба ҳадафҳои матлуб бояд ба назар гирифта шаванд.

Муаллиф ба хулосае омадааст, ки Тоҷикистон дар бунёди давлати миллии демократӣ ба пешрафтҳои назаррас ноил шудааст, аммо ҳанӯз мушкилоте ҳастанд, ки бояд ҳал шаванд. Барои таҳкими институтҳои демократӣ, ҳавасмандии иштироки сиёсӣ ва таъмини волоияти қонун талошҳои бештар лозим аст.



**Калидвожаҳо:** ҳукумати миллӣ, демократия, қонуният, плюрализм, терапия, таҳаммулпазирӣ, суҳбат, иштирок, рушди устувор.


## РОЛЬ ГОСУДАРСТВА В ПРОЦЕССЕ ДЕМОКРАТИЗАЦИИ ЖИЗНИ ОБЩЕСТВА


В статье рассматриваются проблемы и достижения строительства национального государства в Таджикистане с акцентом на процесс демократизации. Автор утверждает, что формирование демократического общества в Таджикистане имеет свои особенности, которые необходимо учитывать для достижения желаемых целей.

Автор приходит к выводу, что Таджикистан добился значительных успехов в построении демократического национального государства, но все еще есть проблемы, которые необходимо решить. Необходимы дальнейшие усилия по укреплению демократических институтов, поощрению политического участия и обеспечению верховенства закона.



Ключевые слова: национальное государство, демократия, законность, плюрализм, терпимость, диалог, участие, устойчивое развитие.


## THE ROLE OF THE STATE IN THE DEMOCRATIZATION OF SOCIETY


The article examines the challenges and achievements of nation-state building in Tajikistan with a focus on the democratization process. The author argues that the formation of a democratic society in Tajikistan has its own specific features, which must be taken into account in order to achieve the desired goals.

The author concludes that Tajikistan has made significant progress in building a democratic nation-state, but there are still challenges to be overcome. Further efforts are needed to strengthen democratic institutions, encourage political participation, and ensure the rule of law.



**Keywords:** nation-state, democracy, legality, pluralism, tolerance, dialogue, participation, sustainable development.



**Дар бораи муаллиф:**

**Шерматов Баҳром Грезович** - номзади илмҳои. сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Тел. 918674864. E-mail: bakhrom.shermatov.80@mail.ru

**Об авторе:**

**Шерматов Бахром Грезович** – кандидат политических наук, доцент кафедры политологии ТГПУ им. С. Айни. Тел. 918674864. Электронная почта: bakhrom.shermatov.80@mail.ru.

**About the author:**

**Shermatov Bahrom Grezovich** - candidate political science, associate professor of the department of political science of TSPU named after S. Ayni. Tel. 918674864. E-mail: bakhrom.shermatov.80@mail.ru

ТДУ 327.7

# ФАРҶОМИ ГЛОБАЛИЗАТСИЯ ВА ОҒОЗИ ДЕГЛОБАЛИЗАТСИЯ: МАНФИАТ ВА ТАҲДИДҲОИ ОН

***Саидумаров С.С.***
*Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ*
***Умаров А.Қ.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Таҳавулоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳарбии солҳои охир (баланд гардидани нуфузи иқтисодии давлатҳои аз ҳафтгона берун, амалиёти ҳарбии Руссия дар Украина, пандемияи Ковид 19, баланд гардидани нуфузи сиёсии давлатҳои ғайриаврупоӣ ва дигар омилҳо) боиси тағйир ёфтани сиёсати ҷаҳонӣ гардид. Албатта, таърихи башарият равандҳои зиёду гуногуни иҷтимоӣ – сиёсиро пушти сар намудааст, ки боиси аз байн рафтани давлатҳо, миллатҳо ва ҳатто тамаддунҳо гаштааст ва ин раванди бавуҷудомада низ бо мурури замон сипарӣ шуда, марҳилаи нав ҷаҳонро фаро мегирад. Маълум аст, ки кишварҳои абарқудрат ин равандҳоро бо сари баланд пушти сар менамоянд. Аксарияти муҳаққиқони соҳа шуруъи раванди деглобализатсияро эълон намудаанд ва бурду бохти онро барои давлатҳои алоҳида пешгӯӣ доранд ва дар ин навишта мо кӯшиш менамоем, ки то андозае ҷанбаҳои мусбат ва манфии ин равандро барои Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор диҳем. Барои баррасии масъалаи мазкур «... дар шуур нахуст суолоти «Мо кӣ ҳастем?», «Ба куҷо равонаем?» ва «Кадом ҷомеаро бунёд намуда истодаем?» пайдо мешаванд» [4, с.54].

Барои то кадом андоза раванди ҷаҳонишавӣ ба фарҳанги миллии тоҷикон таъсири манфӣ ё мусбат дорад, якчанд хусусиятҳоро ба назар бояд гирем:

Моҳият, маъно ва хусусиятҳои раванди ҷаҳонишавиро дуруст сарфаҳм равем;

Ҷанбаҳои манфӣ ва мусбати таъсиркунандаи ҷаҳонишавӣ ба фарҳангӣ миллиро бояд муайян намоем;

Омилҳои таъсиркунандаи ҷаҳонишавиро ба фарҳанги миллӣ ба як низом даровардан лозим;

Самтҳои калидии фарҳанги миллии осебпазирро барои зери ҳимоя қарор додан, зуд муайян намудан лозим;

Дар аксари адабиёти илмӣ сарчашмаҳои ҷаҳонишавӣ инҳоро медонанд:

Инқилоби илмӣ-техникӣ, махсусан, интернет;

Ба маънои маҷозӣ аз байн рафтани сарҳадҳо;

Гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ;

Махлутгардии анъанҳои фарҳангӣ (забони англисӣ забони ҷаҳонӣ шуд) [1, с.291].

Ҷанбаҳои манфии ҷаҳонишавӣ инҳоянд:

Баъзе соҳаҳои иқтисодиёт ва махсусан, Ширкатҳои фаромиллӣ аз савдои ҷаҳонӣ манфиати зиёдтар мебинанд, асосан дар ин гуна шароит давлатҳои миллӣ зарари зиёдтар мебинанд;

Дар баъзе давлатҳо ё минтақаҳои дунё қатъ намудани истеҳсолоти маҳсулоти саноатии сатҳи баланд (барои замони муосир истеҳсоли микрочипҳо), ки ин боиси он мегардад, ки мутахассисони варзидаи соҳа тарки манзил ва ивази касб намоянд;

Рақобат байни кишварҳои якум, дуюм ва сеюм боиси қашоқ гаштани аксари кишварҳои дунё мегардад, зеро кишварҳои якум даромади ниҳоят зиёд ба даст меоранду аҳолии кишварҳои сеюм ҳатто нони хӯрдан намеёбанд;

Ҷаҳонишавӣ ба экосистемаи ҷаҳонӣ таъсири манфӣ мерасонад;

Боиси аз байн рафтани фарҳанги миллатҳои хурд мегардад.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ баъзе аз фардҳои ҷомеа дилбохтаи фарҳангҳои бегона гашта, аз фарҳанги аслии худ фаромӯш мекунанд. Масалан, айни ҳол нафароне ҳастанд, ки бо вуҷуди дар шиноснома миллаташон зикр гаштааст, аммо бо забони модариаш қариб ягон

калимаро дуруст таллафуз карда наметавонанд. Албатта, чунин муносибат ба забону фарҳанги худ тадриҷан ба паст гардидани ҳувияти миллии иддае аз шаҳрвандони давлати миллӣ оварда мерасонад, ки баояндаи онҳо хатар дорад. Бино бар ин, моро мебояд, ки ташвиқу тарғиби забон, фарҳанг ва унсурҳои миллиро бештар намоем.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари муҳаққиқон (П. Хирст, Г. Томпсон, И. Валлерстайн, Л. Вайс, Ҷ. Миттелман ва диг.) бар он назаранд, ки раванди ҷаҳонишавӣ дар таърихи башарият нақши худро бозидааст ва ҷомеа ба раванди деглобализатсия ва ё автаркия (кал. юнонии αὐτάρκεια- худкифоя) ворид гашта истодааст. Пажӯҳишгарон бар он андешаанд, ки раванди деглобализатсия солҳои 2008–2009 баъди шурӯи Брекзит ва президенти ИМА гардидани Доналд Трамп ба амал омадааст.

Раванди деглобализатсия асосан дар соҳаи иқтисодиёт бараъло намудор мебошад ва мутахассисон се аломати онро пешниҳод менамоянд:

1. Паст гардидани савдои ҷаҳонӣ нисбат ба ММД – и тамоми дунё (дар соли 2008 61% - ММД ва дар соли 2020 52% -ро ташкил додааст);

2. Паст гардидани сармоягузории бевоситаи хориҷӣ;

3. Аксарияти давлатҳо кӯшиш менамоянд, ки занҷири истеҳсолоташон дар кишвари худашон бошанд [7, с.230].

Моҳияти асосии раванди деглобализатсия дар он аст, ки ҳар як давлати рушдкарда маҳсулоти воридотиашро кам намояд (масалан, Доналд Трамп қонуне баровард, ки воридоти моли Чин то 500 миллиард доллар кам карда шуд, чиниҳо бошанд, то 200 миллиард воридоти маҳсулоти амрикоиро кам карданд) ва инро бо забони илмӣ автаркия ном мебаранд. Як унсури нави деглобализатсия давлатҳои пешрафта баҳри ҳифзи амнияти хеш ва шаҳрвандонашон кӯшиш менамоянд, ки марказҳои электронӣ (бонкҳо ё серверҳои) – и ширкатҳои калони интернетиро таъсис диҳанд, зеро маълумоти шаҳрвандони худро ҳифз кардан мехоҳанд. Дар аксарияти давлатҳои муттараққӣ кормандони давлат ва сохторҳои қудратӣ ҳуқуқи истифодаи баъзе аз тамғаҳои телефонӣ, компютерӣ, сомонаҳои интернетӣ ва ё месенҷерҳоро надоранд. Дар моҳи марти соли 2023 Конгресси ИМА барои кам намудани нуфузи ширкати Тик Токи чинӣ дар ҳудуди Амрико муҳокимаҳои ҷиддӣ сурат гирифтанд ва ҳатто истифодаи онро барои ҳамаи кормандони давлатӣ манъ карданд. Чин ҳамин корро ба муқобили Гугл, Фейсбук, Твитер, Инстаграм ва дигар ширкатҳои хориҷиаш ба роҳ мондааст. Албатта, ҳодисаи бо президенти ИМА Доналд Трамп муносибат намудани ширкатҳои Twitter, Facebook, Instagram, Reddit, Discord, TikTok, Twitch, Snapchat, YouTube дар моҳи январи соли 2021-ро аксарият фаромӯш накардаанд (Трамп ҳамчун парезиденти онвақтаи ИМА дар саҳифаҳои иҷтимоияш дар месенҷерҳо пурра маҳдуд карда шуд). Ин ҳодиса маънои онро дорад, ки ширкатҳои интернетӣ қудрати онро доранд, ки барои перзиденти бузургтарин давлати дунё маҳдудият ҷорӣ намоянд. Агар чунин ширкатҳо ба интихоботи президентии ИМА таъсир расонида тавонанд, пас барои мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон барин кишвари хурд имкониятҳои зиёдтар доранд. Таъсири ҳамин гуна ширкатҳоро дида сарватмандтарин шахси дунё Илон Маск ширкати Твитерро бо маблағи 44-миллард долар дар моҳи апрели соли 2022 харидорӣ намуд, ки дар таърихи башарӣ ҳамчун қимматтарин хариду фурӯш бесобиқа арзёбӣ мегардад.

Дар баробари ин, ҷомеаи имрӯза ба хубӣ дарк намудааст, ки моли зиёд доштан дар бисёр маврид инсонро хушбахт намекунад. Масалан, мувофиқи ҳисоботи ҷаҳонӣ оид ба хушбахтӣ (World Happiness Report, WHR) аҳолии Финландия дар панҷ соли охир хушбахтарин мардуми сайёра мебошанд [8], аммо дар байни аҳолии онҳо шахсони мултимиллионер ва ё мултимиллиардер камтар аст. Пас маълум мегардад, ки барои хушбахт гардидан озодии фардӣ болотар аст нисбат ба бойигарии модии ҳама вақт зери ҳарос будан. Яке аз хусусиятҳои психологии инсон қаноатмандӣ мебошад ва барои одами солимақл талаботи вай (салоҳиятнокӣ, баҳам алоқамандӣ ва мустақилият) бояд қонеъ гардида бошанд. Дар ҳолати баръакс, инсон метавонад ба ҷомеа фишор оварад, яъне андешаҳои ҷомеаи худро на он қадар announce меписандад, ки ба самаранокии кори низоми ҷомеа ва давлат таъсири манфӣ мерасонад.

Дар замони муосир яке аз хусусиятҳои асосии пешравии инсонҳо мустақилияташон ба ҳисоб меравад. Бино бар ин, давлатҳои миллӣ барои нигоҳ доштани мустақилияти хеш ва аҳолиашон гирди худро бо ҳар гуна воситаҳо (барои ҳифзи иқтисодиёт ба молҳои воридотӣ андози баланд муайян мекунанд, то ин ки аҳолиаш бекор намонаду зарари иқтисодӣ набинанд) ҳисор мегиранд.

Унсури асосии пайдоиши деглобализатсия рушди ҳувияти миллӣ дар давлатҳои миллӣ мебошад, зеро барои ҳифзи фарҳангу забони хеш барномаҳои мушаххасро амалӣ намудаанд, ки ба манфиати миллату давлаташон равона гардидааст. Барои Тоҷикистон таҷлили идҳои пешазисломӣ (Наврӯз, Садда, Меҳргон) ва арҷ гузоштан ба хотироти бузургони тоҷики давраи исломӣ (Имоми Аъзам, М. Ғазолӣ, Ибни Сино ва ғ.) мисол шуда метавонанд, аммо дар масъалаи иқтисодӣ, ки яке аз рукнҳои деглобализатсия аст (бояд содирот аз воридот зиёд бошад), баъзе камбудиҳо вуҷуд доранд, ки умед дорем дар ояндаи наздик ҳалли худро меёбанд.

Дар замони деглобализатсия яке аз масъалаҳое, ки давлатҳои миллиро ба ташвиш овардааст, муҳоҷирони аз дигар кишварҳо омада мебошанд, ки оё то кадом андоза ҳувияти миллиашонро дар ин минтақаҳо нигоҳ медоранд ва ё дар гирдоби ҷаҳонишавӣ ҳазм гардидаанд. Оё ин муҳоҷирон ҳангоми ба хатарҳои берунаи ҷиддӣ (масалан, ҷанг бо кишвари дигар) гирифтор шудани давлати айни замон сукунатдоштаашон манфиати онро ҳимоят мекунанд ё не, албатта вақт довар аст.

Раванди деглобализатсия ба тамоми соҳаҳои иҷтимоии одамон таъсири худро мегузорад ва давлатҳои миллӣ зери фишори ниҳоят шадид қарор мегиранд. Агар мо тоҷикон хоҳем, ки дар раванди деглобализатсия ҳамчун организми иҷтимоӣ «Мо»–и худро нигоҳ дорем ва бо қадамҳои устувор ба пеш равем, пас ба рушди якчанд соҳаи ҷамъияти хеш бояд аҳаммияти ҷиддӣ диҳем: 1. Бехатарӣ ва ҳимояи шаҳрвандони Тоҷикистон; 2. Амнияти озуқаворӣ; 3. Рушди истеҳсолоти ватанӣ; 4. Рушди имкониятҳои зеҳнии аҳолии Тоҷикистон; 5. Нигоҳ доштани фарҳанги миллӣ ва дар асоси онҳо тарбия намудани насли наврас; 6. Рушди соҳаҳои истироҳат ва дилхушӣ ва ғ. Барои дарки бештари ин масоил ҳар яки онҳоро муфассал шарҳ медиҳем.

Бехатарӣ ва ҳимояи шаҳрвандон – маҳаки асосии сиёсати ҳар як давлати миллӣ ба ҳисоб меравад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз он истисно нест. Шарти асосии амнияти шаҳрвандон ба вуҷуд овардани шароити мусоиди ҳаёт, имконияти амалигардонии талаботи аввалиндараҷаи онҳо барои дар амал татбиқ намудани мақсадҳои аҳолӣ ва давлат ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, бехатарии аҳолиро ҳамчун мафҳуми амният ва ҳолати дар амон будан тафсир намудан лозим аст. Яъне давлат муваззаф аст, ки бехатарии шаҳвандонашро ҳифз намояд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» чунин омадааст: «...амнияти миллӣ – ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳими кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии дохиливу берунӣ» [10] ба ҳисоб меравад.

Дар даврони деглобализатсия ҷомеаҳои миллиро хатарҳои зиёд таҳдид мекунанд, ки онҳо асосан ба дохилӣ ва берунӣ ҷудо мешаванд. Моҳияти асосии онҳо вайрон кардани вазъи дохилии давлат ва вайрон намудани муносибати байни шаҳрванд ва давлат ба ҳисоб мераванд. Асогузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин масъала таъкиди бомаврид намудаанд: «Имрӯзҳо равандҳои геополитикӣ ҳамоно мураккабу печида боқӣ монда, боиси афзоиши мухолифату низоъҳо, шиддат гирифтани рақобат ва талоши кишварҳо барои тавсеаи нуфуз дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон гардидаанд. Ин ҳолат боиси ба миён омадани таҳдиду хатарҳои бесобиқаи амниятӣ гардида, дар маҷмӯъ, ба сохтори бунёдии муносибатҳои байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар чунин шароит Тоҷикистон ба хотири таъмин намудани манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи арзишҳои анъанавии худ сиёсати хориҷии мутавозин ва санҷидаро идома медиҳад»[2]. Дар ҳошияи гуфтаҳои боло ба боварӣ метавон гуфт, ки давлат ва ҳукумати Тоҷикистон таъмини амнияти шаҳрвандонро ҳама вақт дар мадди аввал мегузорад, аммо дар ин ҷода сохторҳои марбутаро мебояд шабу рӯз фаъолияти пурсамар

намоянд, зеро душманони миллати тоҷик ҳар рӯз роҳу воситаҳои зараррасонро фикр намуда истодаанд.

Амнияти озуқаворӣ яке аз самтҳои муҳимми амнияти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон баҳри дар амал татбиқ намудани сиёсати хеш соли 2010 «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи амнияти озуқаворӣ» –ро ба тасвиб расонидааст, ки моҳияти асосиаш чунин аст:

1. Амнияти озуқаворӣ - вазъи иқтисодии давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқавории кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии ҳамаи аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад;

2. Таъмини амнияти озуқаворӣ - тахия ва амалӣ намудани чорабиниҳои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодӣ, техникӣ, иттилоотӣ ва чорабиниҳои дигаре, ки асосан аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бо озуқаи ҳаётан муҳим дар сатҳи меъёрҳои муносиби илман асоснок барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ва пешгирии бухронҳои озуқаворӣ равона шудаанд; (ҚҶТ аз 04.04.2019 с., №1591)

3. Озуқаи ҳаётан муҳим - озуқае, ки аз рӯи таркиб ва ҳаҷм асоси меъёри ғизои аҳолии кишварро ташкил медиҳад; (ҚҶТ аз 04.04.2019 с., №1591)

4. Меъёрҳои физиологии истеъмоли озуқа - меъёрҳои илман асоснок ва аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқшудаи истеъмоли моддаҳои ғизоӣ ва неру, ки талаботи ҳамаи шахсони солимро бо ғизо ва нерӯи зарурӣ қонеъ менамоянд; (ҚҶТ аз 04.04.2019 с., №1591)

5. Бӯҳрони озуқаворӣ - вазъияте, ки таъмини аҳолӣ бо озуқаи ҳаётан муҳим тибқи меъёрҳои физиологии истеъмоли озуқа дар ҳудуд ё қисми зиёди ҳудуди давлат таҳти хатар қарор дошта, хатари мазкур танҳо бо истифодаи чораҳои танзими давлатӣ, дар мавриди зарурат бошад, бо иштироки ташкилотҳои байналмилалӣ бартараф карда мешавад; (ҚҶТ аз 04.04.2019 с., №1591)

6. Истиқлолияти озуқаворӣ - шароити таъмини амнияти озуқавории давлат, ки дар сурати қатъ гардидани интиқоли озуқа аз беруни давлат бӯҳрони озуқаворӣ ба амал намеояд;

7. Сатҳи зарурии истеҳсоли озуқа - сатҳи истеҳсоли озуқа ва ашёи хоми асосии хурокворӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагони ватанӣ, ки дар асоси талаботи миёнаи сарикасии аҳолӣ ба озуқаи ҳаётан муҳим, бо назардошти тақсимоти аҳолӣ аз рӯи синну сол, ҷинс, шароити меҳнат, иқлим, инчунин дигар хусусиятҳои вояи ғизо ва ҳаҷми ҳисобкардашудаи содироти амнияти озуқавории давлатро кафолат медиҳад; (ҚҶТ аз 04.04.2019 с., №1591)

8. Дастёбии воқеии озуқа - интиқоли мунтазами озуқа ба ҷойҳои истеъмоли он дар ҳаҷме, ки барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ кифоя мебошад;

9. Дастёбии иқтисодии озуқа - имконияти аз ҷониби аҳолӣ тибқи меъёрҳои физиологии истеъмоли озуқа харидорӣ намудани озуқа дар шароити мавҷудаи тариқи истеъмол, системаи нарх, сатҳи даромад, кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ва имтиёзҳои ҷойдошта; (ҚҶТ аз 04.04.2019 с., №1591)

10. Захираи давлатии озуқа - қисми таркибии захираи моддии давлатӣ, ки бо мақсади пешгирии бӯҳрони озуқаворӣ ва (ё) бартараф кардани оқибатҳои он барои истифода аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул дода мешавад. (ҚҶТ аз 04.04.2019 с., №1591) [11].

Ба андешаи мо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини амнияти озуқаворӣ тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсиро ба вуҷуд овардааст, пас мо шаҳвандонро мебояд, ки дар ин самт якчанд корҳоро ба анҷом расонем:

1. Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва ё аз гардиши кишоварзӣ берунгардида;

2. Барои ҳосили дилхоҳ ба даст овардан, тухмиҳои хушсифат ва навъи серҳосили ба иқлим тобоварро истифода барем;

3. Дар талу теппаҳо истифода бурдани усулҳои муосирри обёрӣ ва коридани зироатҳои мувофиқ;

4. Бо ҳар роҳу восита ба деҳқонони асил вогузоштани замин;

5. Гузаронидани машварат – семинарҳои омӯзишии сайёр бо деҳқонон ва олимони ватанию хориҷии соҳа, ки натиҷаҳои назаррасро дар ин самт соҳиб гаштаанд;

6. Корҳои таҳқиқиқотиро дар ин самт мувофиқ ба иқлими Тоҷикистон ба роҳ мондан ва ғ.

Албатта, дар замони муосир ягон давлат ба пуррагӣ аҳолии хешро бо тамоми намуди маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда наметавонад, зеро маҳсулоте вуҷуд доранд, ки танҳо дар як минтақаи курраи замин хуб нашъунамо меёбанд (масалан қаҳва, равғани зайтун, меваҳои тропикӣ ва ғ., ки ба иқлими Тоҷикистон мувофиқ нестанд), аммо мо метавонем истеҳсоли меваву сабзавоти ба иқлими Тоҷикистонро зиёд намуда, ба хориҷ содирот намоем. Аҳолии Тоҷикистонро мебояд, ки ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзиро нисбат ба воридоташ бештар намояд.

Дар замони деглобализатсия давлатҳое бурд менамоянд, ки истеҳсолоти пешрафтаи замонавии ба талаботи бозори ҷаҳониро ба роҳ мемонанд. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ширкатҳои технологии бонуфузи дунё (Apple, Microsoft, Alphabet Holding, Amazon, Nvidia, Facebook, TSMC, Tencent, Samsung, Alibaba ва ғ) ҳамасола зиёда аз садҳо миллиард доллари амрикоӣ маҳсулот мефурӯшанд. Пас моро мебояд, ки бо яке аз ин ширкатҳо шартномаи ҳамкорӣ бубандему ақалан ягон сехи истеҳсолии хурд ва ё озмоишгоҳи соҳавиии онҳоро дар кишварамон бунёд намоем, зеро доштани чунин коргоҳҳо метавонанд ҳамасола миллардҳо доллар сармояро ба иқтисодиёти кишвар сарозер намоянд. Дар ин самт корро ҷоннок мебояд кард.

Рушди қобилияти зеҳнии аҳолии кушвар яке шартҳои асосии даврони деглобализатсия ба ҳисоб меравад. Дар ин самт давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёдеро ба сомон расонидааст. Асогузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бевосита таъкид намудаанд: «Дар 30 соли истиқлолияти давлатӣ 3240 муассисаи нави таълимӣ барои 1 миллиону 400 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуд» [3]. Албатта, сохтмони мактабҳо барои насли наврас имконияти бештар фароҳам меорад, аммо таъмини ин мактабҳо бо омӯзгорони хуб масъалаи дигар мебошад. Ҳамасола Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нарасидани муаллимон ҳисобот медиҳад, ки хеле ташвишовар мебошад. «Ба ҳолати якуми октябри соли 2022 дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ 3539 омӯзгор намерасид. Аз ин шумора, ба вилоятҳои Хатлон 1777, Суғд 647, ВМКБ 67, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 815, шаҳри Душанбе 59 ва муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳуриявидошта ва хусусӣ 174 омӯзгор рост меояд» [12]. Моро мебояд, ки ин камбудиро ҳарчӣ зудтар бартараф намоем, зеро хонандаи мактаби миёна зери таълиму тарбияи мутахассиси соҳа қарор гирифта, барои дохил шудан ба мактаби олӣ омода мегардад. Яке аз шартҳои зарурии даврони деглобализатсия омода намудани кадрҳои баландихтисоси замонавӣ ба ҳисоб меравад, ки мутаассифона дар ин ҷода на он қадар пешравиҳои назаррасро соҳиб мебошем, «...имрӯз дар ҷумҳурӣ 41 мактаби олӣ фаъолият намуда, зиёда аз 229 ҳазор донишҷӯро фаро гирифта, аз рӯи 300 ихтисос мутахассис тайёр карда мешавад» [13]. Дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ҳамасола ихтисосҳои нав кушода мегарданд ва донишҷӯён ба он ҷалб мешаванд, аммо сатҳу сифати на ҳамаи онҳо ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нестанд, зеро омода намудани мутахассис аз бисёр омилҳо вобаста мебошад, ки муҳимтаринашон инҳоянд: мавҷуд будани мутахассисони ҳирфаӣ (номзад ва ё номзади илм); озмоишгоҳҳои соҳавӣ; мавҷуд будани бозори меҳнат ва ғ. То кадом андоза ихтисосҳои нав ба чунин талабот ҷавобгӯ мебошанд, таҳқиқоти мушаххасро талаб менамоянд. Мутаассифона, доир ба кашфиётҳои олимони ватании фанҳои бунёдӣ ва техникӣ ва истифода гардидани онҳо дар корхонаҳои истеҳсолотии кишвар дар ВАО хабарҳои зиёд ба нашр намерасанд. Пас моро мебояд ин камбудиҳоро ҳарчӣ зудтар бартараф намоем, то ин ки миллати соҳибфарҳангу соҳибтамаддун буданамонро ба ҷаҳони имрӯз муаррифӣ намоем.

Дар даврони деглобализатсия кишварҳое муваффақ мешаванд, ки фарҳанги миллии худро нигоҳ дошта, дар асоси он насли навраси худро тарбия менамоянд. Ба ҳамагон маълум аст, ки унсури асосии амнияти миллӣ на танҳо артиши боқувват, балки урфу одат, забон,

потенсиали зеҳнии аҳолии кишвар, маълумотнокӣ, илм, фалсафа, дин, ахлоқ, зеҳният, дониши сиёсӣ-ҳуқуқӣ, санъат ва ғ. ба ҳисоб меравaнд, ки ҳамаи онҳо унсурҳои фарҳанг ба ҳисоб меравaнд. Пас, дар чунин ҳолат тамоми аҳолии Тоҷикистон вазифадор мегардад, ки барои ояндаи дурахшон сармоя сарф намояд, зеро шахси дорои ҳувияти баланди миллӣ барои расидан ба мақсадҳои ягонаи миллат тамоми саъю кӯшиши хешро равона мекунад. Аз ин бармеояд, ки худшиносии миллиро дар асоси идеалҳои миллӣ рушд диҳем ва барои тарбияи насли наврас чеҳраҳои ин гуна шахсиятҳоро ҳамчун идеал биофарем, то ин ки дар байни дигар миллатҳо худро ҳамчун миллати соҳибтамаддун ва дорандаи идеали миллӣ нишон диҳем [5, с. 245].

Чи тавре ки дар фавқ зикр гардид, танҳо давлатҳое дар даврони деглобализатсия рушд карда метавонанд, ки дорои мақсади ягона бошанду ваҳдати хешро нигоҳ доранд. Барои миллати тоҷик Ваҳдати миллӣ метавонад ҳамчун фишанги муттаҳидкунанда ва рушддиҳанда истифода гардад. Барои дар амал татбиқ намудани сиёсати кунунии давлат ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон дар доираи фарҳангу тамаддуни миллӣ тарбия гарданд, зеро «Тоҷикон дар тӯли таърих зиёда аз 13 маротиба (Модҳо, Ҳахоманишиҳо, Портҳо, Кӯшониён, Сосониён, Ҳайтолиён, Тоҳириён, Сафориён, Сомониён, Ғуриён, Куртҳои Ҳирот, Сарбадорҳо, Музаффариён) давлатдорӣ кардаанд. Он дар маҷмуъ, беш аз 2236 солро дар бар мегирад. Шикасти ин салтанатҳои бузургу хурд бо хатои мардум, аъён ва ашрофи худи миллати мо сурат гирифтааст. Иллати аслии сукути онҳоро ҷаҳолат ташкил медод» [9, с.54]. Мо танҳо тавассути тарбияи насли наврас дар асоси фарҳанги миллӣ ва донишҳои замонави метавонем бо гомҳои устувор ба оянда раҳсипор гардем.

Яке аз унсурҳои муҳимтарини даврони деглобализатсия ба вуҷуд овардани марказҳои дилхушӣ ва истироҳатӣ дар дохили кишвар ба ҳисоб меравад, зеро баъд аз меҳнати пурсамари фикрию ҷисмонӣ шаҳрвандонро мебояд нерӯи хешро барқарор намоянд. Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон ин масъаларо барои имрӯзу оянда ҳамвор намудааст. Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» чунин омадааст: «Инкишоф додани шабакаи муассисаҳои санитарию курортӣ, профилакторияҳо, хонаҳои истироҳат, пансионатҳо, базаҳои туристӣ ва дигар муассисаҳо барои табобату истироҳати шаҳрвандон; (ҚҶТ 28.02. 04 №13)». Дар моддаи 8-и ҳамин Қонун дарҷ гардидааст, ки: «Корфармоён сарфи назар аз шаклҳои моликият ва ашхоси мансабдор барои чорабиниҳои зерин масъул мебошанд: ...фароҳам овардани шароити меҳнат, маишат ва истироҳати кормандон» [14]. Илми тиб ва равоншиносӣ исбот намудаанд, ки ҳар як одам бояд ба истироҳат фаро гирифта шавад, то ин ки саломатии хешро барқарор намояд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки раванди глобализатсия тадриҷан мавқеашро ба раванди деглобализатсия иваз дорад. Дар чунин давраи мураккабу пешгӯинашаванда муҳимтарин нукта ин аст, ки давлат ва ҳувияти миллии худро ҳифз намоем ва насли наврасро дар асоси унсурҳои миллӣ тарбия карда тавонем. Ҳамзамон, дар раванди деглобализатсия содироти молро нисбат ба воридот бештар намоем ва «зери сиёсати пешгирифтаи давлат ва ҳукумати Тоҷикистон, махсусан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар зидди ҳамагуна мушкилиҳо мубориза барем» [6,с.27].

***Адабиёт***


1. *Балашова, К. И. Национальные культуры в контексте всемирной глобализации / К. И. Балашова. – Текст : непосредственный // Молодой ученый. – 2021. – № 27 (369). – С. 291-294. – URL: https://moluch.ru/archive/369/83035/ (дата обращения: 28.03.2023).*
2. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022 12:30, шаҳри Душанбе http://prezident.tj/node/29823*
3. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021 13:10, шаҳри Душанбе http://president.tj/node/27417*
4. *Саидумаров С., Сарфарозова Н. Зеҳнияти миллӣ - маҳаки асосии ганҷури равонии миллат. Саидумаров С.С., Сарфарозова Н. // Паёми филиали донишгоҳи давлатии Москва ба номи*

*М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Том 2, №4, - Душанбе соли 2022. – С. 47–59, ISSN 2709-6246, УДК 172.1.*
5. *Саидумаров С. С., Сарфарозова Н. Г. Социально-философский анализ генезиса национального самосознания // Бюллетень науки и практики. Электрон. журн. 2017. №5 (18). С. 239-247. Режим доступа: http://www.bulletennauki.com/saidumarov (дата обращения 15.05.2017).*
6. *Саидумаров С.С., Умаров А.Қ. Таъсири ширкатҳои фаромиллӣ ба амнияти давлати миллӣ [Матн] / С.С. Саидумаров , А.Қ. Умаров // Политехнический вестник ТТУ имени ак. М.С.Осими. серия: Серия Наука и Общ ество.- 2023.- №1(1) .-С.25-28.*
7. *Торкановский Е.П. Автаркия, деглобализация и личностная автономность: поиск самоопределения // Экономические отношения. – 2022. – Том 12. – № 3. – С. 323-344.https://1economic.ru/lib/116348*
8. *Уровень счастья: рейтинг стран в 2023 году https://mentamore.com/socium/uroven-schastya.html (дата обращения 29.03.2023.)*
9. *Ятимов С.Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон)https://khovar.tj/2023/01/tavono-buvad-ar-k-dono-buvad-andesha-o-peromuni-payomi-peshvoi-millat/(санаи муроҷиат 22.03.23).*
10. *http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-амният*
11. *ttp://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-амнияти-озуқаворӣ*
12. *https://jumhuriyat.tj/bahsho/1052-mts-omzgor-namerasad-ch-bojad-kard.html*
13. *https://sadoimardum.tj/maorif/ilm-dar-mar-ilai-nav-ojga-i-kalid-pajdo-kard/*
14. *https://majmilli.tj/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-23/*

## ФАРҶОМИ ГЛОБАЛИЗАТСИЯ ВА ОҒОЗИ ДЕГЛОБАЛИЗАТСИЯ: МАНФИАТ ВА ТАҲДИДҲОИ ОН

Дар мақола муаллифон масоили муҳимми ҷаҳони муосир - равандҳои глобализатсия, деглобализатсия ва таъсири онҳо ба давлати миллиро таҳлилу баррасӣ кардаанд. Дар рафти таҳлил мафҳумҳои глобализатсия ва деглобализатсия, таърихи таҳаввул ва назари донишмандон вобаста ба ин масъала муфассал нишон дода шудааст. Махсусан, оғози раванди деглобализатсия таҳлил гардида, хусусиятҳои хосси фарққунандаи он ва таъсири он ба давлатҳои миллӣ инъикос гардидааст. Ҳамзамон, таҳдиди хатарҳо ба давлати миллӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои пешгириву муқобилият ба онҳо ба таври мухтасар баён шудаанд. Махсусан, таъкид гардидааст, ки давлатҳои миллӣ ба мисли Тоҷикистон барои ҳифзи истиқлол ва расидан ба манофеи милли худ ба кадом самтҳои сиёсати хеш мебояд таваҷҷухи хос зоҳир намоянд.

**Калидвожаҳо.** Глобализатсия, деглобализатсия, давлати миллӣ, демократия, муҳоҷират, маориф, техника ва технология, ҳувияти миллӣ, фарҳанги миллӣ, маориф, илм, амният, иқтисодиёт.

## КОНЕЦ ГЛОБАЛИЗАЦИИ И НАЧАЛО ДЕГЛОБАЛИЗАЦИИ: ПОЛЬЗЫ И УГРОЗЫ

Авторами рассмотрены и проанализированы в настоящей статье важные проблемы современного мира – процессы глобализации, деглобализации и их влияния на национальные государства. При анализе подробно описаны понятия глобализации и деглобализации, история развития и предположения исследователей, относительно рассматриваемого вопроса. В частности, авторами анализируется предпосылки процесса деглобализации, отражаются ее отличительные особенности и влияние на национальные государства. Также кратко описываются возможные угрозы национальному государству на примере Республики Таджикистан и пути их предотвращения. Было подчеркнуто, что на какие направления своей политики должны обратить особое внимание такие национальные государства, как Таджикистан, чтобы сохранить суверенитет и добиться национальных интересов в разных условиях.

**Ключевые слова**. Глобализация, деглобализация, национальное государство, демократия, миграция, образование, техника и технологии, национальная идентичность, национальная культура, образование, наука, безопасность, экономика.

## THE END OF GLOBALIZATION AND THE BEGINNING OF DEGLOBALIZATION: BENEFITS AND THREATS

The authors reviewed and analyzed in this article important problems of the modern world - the processes of globalization, deglobalization and their impact on national states. The analysis describes in detail the concepts of globalization and deglobalization, the history of development and the assumptions of researchers regarding the issue under consideration. In particular, the authors analyze the prerequisites for the deglobalization process, reflecting its distinctive features and impact on national states. Possible threats to the national state are also briefly described using the example of the Republic of Tajikistan and ways to prevent them. It was emphasized that national states such as Tajikistan should pay special attention to what areas of their policies in order to maintain sovereignty and achieve national interests in different conditions.

**Keywords.** Globalization, deglobalization, nation state, democracy, migration, education, engineering and technology, national identity, national culture, education, science, security, economics.

**Дар бораи муаллифон:**

**Саидумаров Саидвоҳид Саидбурҳонович** - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ, Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10 Телефон: 93-501-24-44. E-mail: svd-2010@mail.ru

**Умаров Абдуллохоҷа Қурбонхоҷаевич** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рўдакї, 17. Телефон: 981059889. E-mail: abdullo1189@mail.ru

**Об авторов:**

**Саидумаров Саидвохид Саидбурхонович** - Таджикский технический университет им ак. М. С. Осими кандидат философских наук, доцент кафедры общественных наук. Адрес: Республика Таджикистан, 734042, г. Душанбе, проспект ак. Раджабовых, 10. Телефон: 93-501-24-44. E-mail: svd-2010@mail.ru.

**Умаров Абдуллоходжа Курбанходжаевич** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, п. Рудаки, 17. Телефон: 981059889. E-mail: abdullo1189@mail.ru

**About the authors:**

**Saidumarov Saidvohid Saidburkhonovich** - Tajik Technical University named after ac. M. S. Osimi, candidate of philosophical sciences, docent. Address: Republic of Tajikistan, 734042, Dushanbe, Ak. Radjabov, 10. Phone: 93-501-24-44. E-mail: svd-2010@mail.ru

**Umarov Abdullokhodzha Kurbankhodzhaevich** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, . Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: 981059889. E-mail: abdullo1189@mail.ru

ТДУ 321.74 (584.6)

## НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ЭҲЁИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН

***Идибеков А. А.***
*Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт*

Баъзе озодиҳои нисбӣ ва ваколату салоҳиятҳое, ки дар анҷоми фаъолиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар даврони бозсозӣ ба ҳукуматҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дода шуда буд, умедро барои расидан ба истиқлоли бештаре дар чаҳорчӯбаи ИҶШС ба вуҷуд оварда буд, аз ҷумла дар ҶСС Тоҷикистон.

Ба истиқлолият расидани Тоҷикистон дар оғози даҳсолаи охири асри XX дар замоне сурат гирифт, ки дар харитаи сиёсии ҷаҳон бар асари фурӯпошии империяи абарқудрати Шӯравӣ тағйироти азим ба амал омада, низоми сиёсии олам руй ба дигаргунӣ овард. Ривоҷи марзбандиҳои тозаи минтақавӣ ва фазои ҷадиди геополитикӣ бо афзудани хатарҳои умумиҷаҳонӣ, аз қабили терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, офатҳои табиӣ, коҳиши сарватҳои зеризаминӣ ва манбаъҳои сӯзишворию энергетики мусодиф омад ва амнияту оромии бисёр давлатҳои хурду бузург дар зери хавф қарор гирифтанд. Дар канори ин равандҳо ва падидаҳои муассири ҳаёти ҷомеаи башарӣ тамоюли ҷаҳонӣ шудан дар саросари рубъи маскун бо суръати азим равнақ ёфта, аз густариши марҳилаи комилан нави таърихии инсоният – марҳилаи фарогири таммаддуни ҷаҳонгаройӣ паём расонид. Ҷаҳонӣ шудан дар заминаи пешрафтҳои беназири васоили иттилооту алоқа дар муносибатҳои халқҳову миллатҳо ва кишварҳову давлатҳо дигаргуниҳои намоёнеро ба вуҷуд овард. Аз ҷониби дигар, имкон дорад, ки дар маҷрои фарогири ин раванд аҳамияти арзишҳои суннатӣ ва дастурҳои ахлоқиву маънавии миллӣ тадриҷан коҳиш биёбад ва меъёрҳои нави фаромиллии ҷаҳонӣ, ки маҳсули тамаддуни ташаккулёбандаи иттилоотианд, дар дунёи муосир аз нуфуз ва тасаллути беш аз пеш бархурдор гарданд.

Дар чунин шароити пурталотум Тоҷикистони соҳибистиқлол бояд ба анҷумани давлатҳои мутамаддини ҷаҳон ворид мегардид ва барои дарёфти мақому манзалати шоиста дар он анҷуман талош меварзид. Гап танҳо дар сари барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва ё таъмини узвият дар созмонҳои минтақавиву байналмилаӣ намерафт. Муҳим он буд, ки Тоҷикистон бо такя ба андухтаҳои таърихии хеш, бо ҳифзи ҳувияти миллӣ, бо дарки амиқи манфиатҳои кишвар ва шинохти дақиқи аҳволи оламу оламиён ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бипайвандад. Ин амр таҳия ва роҳандозии сиёсати хориҷии муттавозин ва фарогирро тақозо мекард, сиёсате, ки мақоми таърихии тоҷиконро дар ҷаҳони мутамаддин эҳё кунад, сиёсате, ки нақши созандаи Тоҷикистонро дар таъйини муҳимтарин равандҳои ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ таъмин намояд. Ба шарофати ба таври расмӣ эълон гардидани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба кишвари мо меафзояд. Ва дар як муддати кӯтоҳ аз сентябри 1991 то ноябри 1992 – аз эълони истиқлолият то баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси кишвари соҳибистиқлол ва соҳибихтиёр ба Протоколи Созишномаи таъсиси Иттиҳоди давлатҳои мустақил «Дар бораи шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иттиҳод» (декабри 1991, Москва» имзо гузошта, ба созмони байналмилалии Машварат оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (СБСЕ) (26 феврали 1992), Созмони байналмилалии Тандурустӣ (ВОЗ) (апрели 1992), Ассотсиатсияи байналмилалии байторӣ (МАВ) (октябри 1992), Созмони Милали Мутаҳид (2 марти 1992) аъзо шуд. Танҳо дар зарфи як соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 48 кишвари хориҷӣ робитаҳои дипломатӣ барқарор намуд, чунончӣ: Чин (4 январ), Эрон яке аз нахустин давлатҳое буданд, ки зуд баркарор намуданд.[6] Аммо мутаассифона Тоҷикистонро солҳои 90-уми қарни гузашта ҷанги дохилӣ фаро гирифт.

Воқеаҳои фоҷиавии авали солҳои 90-уми ҷумҳурӣ ҳамчун саҳифаи сиёҳ ба таърихи халқи тоҷик дохил гардидаанд. Ин воқеаҳо дар матбуоти даврӣ китобу мақолаҳо бо номҳои «ҷанги бародаркуш», «ҷанги шаҳрвандӣ», «ҷанги минтақавӣ», «ҷанги худкушӣ» ва ғайра

баён ёфтаанд. Рафти амалиётҳои ҷангӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аз моҳи майи соли 1992-юм сар карда задухӯрди байни ду қувваҳои бо ҳам зид оғоз ёфт ва аз рӯзҳои авали ҷанг ҳазорҳо хонаҳои истиқоматӣ, корхонаҳо сӯхта валангор гаштанд, гаравгонгирӣ ва қатли шаҳрвандон, торафт авҷ гирифт. [4,с.50] Ҳамин тавр, зиддияти думоҳаи майдонҳои «Шаҳидон» ва «Озодӣ» ба ҷанги ошкорои бародаркушӣ табдил ёфт. Мутаассифона, роҳи осоиштаи ҳалли муаммоҳо қатъ гардид ва бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷангӣ шаҳрвандӣ кашида шуд.

Барномаи мушаххас оид ба хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон 4-уми ноябри соли 1992 дар ҷаласаи роҳбарони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бо иштироки вазири корҳои хориҷии Россия А. Козирев дар шаҳри Алма-Ато тасдиқ карда шуд. Аз ҷумла пешниҳод карда шуд, ки ҳарчи зудтар дар шаҳри бостонии Хуҷанд, ки нисбати вазъи мӯътадил вуҷуд дошт, маҷлиси навбатии депутатҳои халқии Тоҷикистон даъват шуда, масъалаи сулҳ баррасӣ шавад. Рӯзи 16-уми ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) баргузор гардид. Ба бахти миллати кӯҳанбунёди тоҷик, дар ин иҷлосия сиёсатмадори ҷавон, вале дурбину дурандеш Эмомалӣ Раҳмон роҳбари Тоҷикистон интихоб гардид. Иҷлосия қарорҳои мушаххасро оид ба хотима додани ҷанг қабул карда, роҳҳои созандагиро пешниҳод намуд. [1, с. 65].

Дар иҷлосия Сарвари ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон интихобгардид ва дар савганди ёдкардааш чунин гуфт: «Ман оғози кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард… Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем, то ки вазъро ором намоем». 19-уми ноябри соли 1992 иҷлосия Акбаршо Искандаров-ро аз вазифаи раиси Шӯрои Олӣ озод карда ва Эмомалӣ Раҳмон бо овоздиҳии пинҳони раиси Шӯрои Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Иҷлосия инчунин Ҳукумати нави Тоҷикистонро ташкил дод. Эмомалӣ Раҳмон дар давраи басо мушкил, ки дар ҷумҳурӣ ҷанги бародаркушӣ ба амал омад буд. Тамоми қувваҳои пешқадами сулҳпарварро дар атрофи худ муттаҳид намояд. Ӯ бо сухани барномавӣ худ дар назди депутатҳо баромад намуда, қасам ёд кард, ки тамоми қувваи худро ва агар лозим шавад, ҷони худро фидо менамояд, то ки дар Тоҷикистон сулҳ ва ороми барқарор гардад. Зодаи Хатлонзамини бостонӣ, деҳқони асир ва марди бузург дар чунин вазъият мураккаб ва сари қудрат омад ва ваъдааш вафо кард. [5,с.48] Дар Хуҷанди бостонӣ вакилони мардумӣ дар иҷлосияи асри XVI-уми барои тақдири минбаъдаи Тоҷикистон, ба охир расидани ҷанги бародаркушӣ, ба даст овардани сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ барпо намудани ҳукумати конститусионӣ кӯшишҳои зиёд намуданд. 25-уми ноябри соли 1992 роҳбари Фронти халқӣ С. Сафаров ва намояндаи мухолифин Ҷ. Буйдоқов дар иҷлосия баромад карданд. Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони гурӯҳҳои силоҳбадастрро даъват намуд, ки ҷанги бародаркуширо бас кунанд ва Ватанро дар вартаи ҳалокат нигоҳ доранд.

Пас аз ба охир расидани иҷлосия Ҳукумати нави Тоҷикистон кори худро дар Душанбе сар кард. 12-уми декабри соли 1992 Ҳукумати Тоҷикистон ба шаҳрвандон мурожиат намуда накшаи асосии сохтмони ҷомеаи демократиро муайян кард. Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти бузурги таърихӣ дошт. [5,с.52-53]

Баҳри пойдории сулҳ ва татбиқи қарорҳои таърихии иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ Тоҷикистон ҳукумати навинтихобшудаи ҷумҳурӣ тадбирҳои зерин андешид аз ҷумҳуриҳои ИДМ хоҳиш намуд, ки ба минтақаҳои ҷангӣ қувваҳои таъмини амниятро ворид намояд. Барпо намудани артиши миллӣ, барҳам додани дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, аз укумати Россия хохиш карда шуд, ки баҳри мудофиаи якпорчагии Тоҷикистон сарбозони дивизияи 201-ум ва қисмҳои сарҳадбони Россия муваққатан дар ҷумҳурӣ мононда шаванд. Дар ибтидои моҳи декабри соли 1992 бо дастгирии аҳолӣ қисмҳои мусаллаҳи ҳукумати қонунӣ аз минтақаи ғарб ва ҷануб ба шаҳри Душанбе ворид шуданд. [2,с.562]

Ҳаёти сиёсии мамлакатро таи солҳои 1996-1998 инчунин амалиёти ошӯбгарони қумондони ҳарбии Вазорати мудовиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Худойбердиев, ки борҳо ба идораҳои маъмурӣ ҳуҷум карда, мақсади ғасби ҳокимиятро дошт, низ мураккаб мегардонид. Хусусан ҳамла ба ноҳияҳои вилояти Суғд аз ҷиҳати маънавӣ ва моддӣ хеле зараровар буд. Ҷанги шаҳрвандӣ ҳамчун саҳифаи сиёҳ ба таърихи халқамон дохил шуда, дар рафти он на

танҳо сарбозон, балки ҳазорон шахсони оддии бегуноҳ қурбон гардиданд. Ба мақсади таъмини сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон моҳи апрели соли 1994 гуфтушуниди байни тоҷикон оғоз ёфт. Гуфтушунидҳо дар байни ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳодияи мухолифини тоҷик борҳо дар Россия, Афғонистон, Туркменистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Афғонистон дар шаҳрҳои Теҳрон, Машҳад, Исломобод, Алма-Ато, Ашкобод, Бишкек, Москва барпо гардиданд. Дар гузаронидани гуфтушунидҳо ва ба даст овардани сулҳ саҳми Приезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифони тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ хеле калон аст. Дар роҳи таъмини сулҳи пойдор дар Тоҷикистон зарурияти ташкил намудани музокироти байни тоҷикон ба миён омад, ки рӯзҳои 5-19-уми апрели соли 1994 сар шуда, дар 8-давра гузаронида шуд. 17-уми сентябри соли 1994 дар Теҳрон созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар дар давраи гуфтушунид ба имзо расид Кулли шаҳрвандони ҷумҳурӣ қабули чунин ҳуҷҷатро дастгири намуда, умеду боварӣ ҳосил карданд, ки роҳи сулҳ ба тариқи ҷиддӣ пеш гирифта шудааст. [5,с.72]

Сулҳ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле гарон ва бо роҳи мушкилу тӯлонӣ ба даст омад. Ваҳдати миллӣ-қайд менамояд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ бошад, аҳли ҷомеаро муттаҳид якдил, эҳтиром ва якпорча созад. [3,с.560] Вай барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ташаккули истиқлолияти мамлакат, ваҳдати миллӣ, замина гузошта, дар кишвар ба раванди бунёдкори оғоз бахшид ва симои сиёсии Тоҷикистонро дар арсаи байналмиллалӣ муарифи намуд. Орзуи халқи тоҷик оид ба барпо намудани ҷумҳурии соҳибистиқлол ҷомаи амал пӯшид ва аз соли 1992 Тоҷикистон ва узвияти Созмони Миллали Муттаҳид қабул гардид. Ва зиёда аз сад мамлакати ҷаҳон истиқлолияти онро эътироф кард.

Дар фарҷом як нуктаро таъкид намудан ба маврид аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи тоҷикон яке аз роҳбароне мебошад, ки беҳтарин хислатҳои роҳбариро дар вуҷуди худ парваридааст. Ӯ дар воқеъ Пешвои миллат мебошад, зеро дар ҳама ҳолат чӣ дар рӯзҳои ғаму дарднокӣ ва чӣ дар рӯзҳои шодию нишот ӯ бо мардум буд ва ҳаст. Ӯ яке аз роҳбароне мебошад, ки ғамхору мушфиқи бенавоёну муҳтоҷон ва ятимону маъюбон мебошад. Дар ҳар мулоқотҳои хеш эшонро ба он ҳидоят мекунад, ки худро ҳеҷ гоҳ танҳою ятим ҳис накунанд, зеро давлат ва роҳбари давлат пуштибони шумост. Бо мушоҳидаи чунин амалҳо ҳадиси Паёмбари акрам Муҳаммад (с) хотираро зинда мекунад, ки мефармоянд: «Подшоҳи одиле, ки фурӯтан аст сояи Худо дар замин аст, зеро мазлумону бекасон ба ӯ паноҳанда мешаванд». Ин гуфтаҳо ба роҳбари кишвари мо аз ҳар ҷиҳате, ки назар наафканем таллуқ доранд. Фурӯтании ӯ дар он ифода меёбад, ки хело марди бомулоҳиза ва ботаҳаммул мебошанд.

Бо иқдоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил натиҷаҳои ниҳоят назаррас дода, дар доираи ин созмони минтақавӣ Тоҷикистон тақрибан ду ҳазор санади қабулшударо ба имзо расонидааст. Беҳуда нест, ки бархе аз олимони сиёсатшиноси бурунмарзӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар қатори Федератсияи Россия, Беларус ва Қазоқистон «локомотиви рушди ҳамгироии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» ном мебаранд. Ҳамин тариқ, гуфтаҳои боло шаҳодат медиҳанд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ягона шахсияте мебошанд, ки баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон баъд аз эҳё намудани давлати бузурги тоҷикон, Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ муаррифӣ намуда, дар мувофиқасозии санадҳои байналмилалие, ки сарчашмаи ҳамкориҳои Тоҷикистон гаштаанд, саҳми беандоза гузоштанд ва дар таҳким ва рушди чунин ҳамкориҳо ҷаҳду талош менамоянд.

Хулоса, баробари сиёсати муваффақи дохилӣ аз ҷониби Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо номи “Сиёсати дарҳои кушод” тарҳрезӣ гардид, ки он ба сифати яке аз омилҳои асосии таҳкими пояҳои истиқлолияти кишвар дар сарнавишти таърихии тоҷикон дар охири

ҳазорсолаи дувум ва оғози ҳазорсолаи савуми милодӣ нақши фавқулода муҳим гузошт. Самтҳои асосии ин сиёсат, ки ҷавҳари онро паймудаи роҳи мадоро ва таносубу тавозун дар муносибат бо мамолики мухталифи хориҷӣ, роҳандозии ҳамкориҳои пурсамар бо ҷонибҳои хайрхоҳ, мавқеъгириҳои созанда дар ҳаллу фасли масоили мубрами ҷаҳони муосир фароҳам меоварад.


**_Адабиёт_**

1. *Набиева Р., Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. Тоҷикистон дар асри XX ва ибтидои асри XXI Душанбе «Матбуот» 2008.-320с.*
2. *Раҳмонов Эмомалӣ Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди панҷум.-Душанбе: ирфон, 2005- 560 с.*
3. *Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикистон дар остонаи фардо.-Душанбе: Шарқи озод.- 1997.-24 с.*
4. *Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих.-Душанбе: Ирфон. 1999.-238 с.*
5. *Эмомалӣ Раҳмон. Иҷлосияи тақдирсози 16-сарогози таърихи навини мо. Ҷумҳурият.- 2007.-20 ноябр.*
6. *Дипломатияи Точикистон: дирӯз ва имрӯз.-Душанбе, 2009. -530с.*


## НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ЭҲЁИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН


Дар мақолаи номбурда дар бораи ҷанги шаҳрвандӣ, истиқлолияти давлатии тоҷикон, сохти конститсионӣ, нақши Пешвои миллат- Асосгузори сулҳу ваҳдату миллӣ Эмомалӣ Раҳмон ва Созишномаи истиқрори сулҳи соли 1997, ваҳдати миллӣ, ободӣ ва якпорчагии Тоҷикистон маълумотҳои илмӣ гирд оварда шудааст. Дар ҳақиқат мо имрӯз ба гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ тарафдорем ва иқрор ҳам гаштаем, ки дар минбари баланди бастани Созишномаи истиқрори сулҳ дар назди халқ ваъда доданд, ки “Ман ба Шумо сулҳ меоварам!”



**Калидвожаҳо:** Пешвои миллат, ҳамкорӣ, байналмилалӣ, тариқ, Истиқлолияти давлатӣ, Созишнома, истиқрори сулҳ, ризояти миллӣ, эҳё, тоҷикон, Созмони Милали Муттаҳид, муаррифӣ, сарчашма, давлатдории тоҷикон


## РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В ВОССТАНОВЛЕНИИ ТАДЖИКАНСКОГО ГОСУДАРСТВА


В упомянутой статье содержится научная информация о гражданской войне, независимости таджиков, конституционном устройстве, роли лидера нации, основателя национального мира и единства Эмомали Рахмона и мирного соглашения 1997 года, национального единство, процветание и целостность Таджикистана. По сути, сегодня мы поддерживаем слова основоположника мира и национального единства и также признали, что на высокой трибуне заключения соглашения о мирном урегулировании народу обещали: «Я принесу вам мир!»



**Ключевые слова:** Лидер нации, сотрудничество, международный, путь, государственная независимость, Соглашение, мирное урегулирование, национальное согласие, возрождение, таджики, Организация Объединенных Наций, презентация, источник, государственность таджиков


## THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN THE RESTORATION OF THE TAJIKAN STATE


The mentioned article contains scientific information about the civil war, the independence of the Tajiks, the constitutional structure, the role of the leader of the nation, the founder of national peace and unity Emomali Rahmon and the 1997 peace agreement, national unity, prosperity and integrity of Tajikistan. In fact, today we support the words of the founder of peace and national unity and also recognized that on the high rostrum of the conclusion of an agreement on a peaceful settlement, the people were promised: “I will bring you peace!”

**Keywords**: Leader of the nation, cooperation, international, way, state independence, Agreement, peaceful settlement, national accord, revival, Tajiks, United Nations, presentation, source, statehood of Tajiks

**Дар бораи муаллиф:**
**Идибеков Абдулҳамид Амирмусаябович** - унвонҷӯи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тел.: (+992) 985 01 79 91 E-mail:

**Об авторе:**
**Идибеков Абдулхамид Амирмусаябович** – аспирант кафедры политических процессов в Таджикиского национального университета Таджикистана Тел.: (+992) 985 01 79 91 E-mail

**About the author:**
**Idibekov Abdulhamid Amirmusayabovich** – applicant for the Department of Political Processes in Tajikistan, Tajik National University. Tel.: (+992) 985 01 79 91 E-mail

ТДУ 316.334.1 (01)

# МУАММОИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН

***Халилова З. Қ.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки имрӯз олимону муҳаққиқони соҳаи фалсафаи иҷтимоиро ба ташвиш мегузорад, ин таҳдиди ифротгароии динӣ ба ҷомеа мебошад. Дар раванди ҷаҳонишавӣ ифротгароии динӣ ба тамоми қишрҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдид мекунад. Ин амали номатлуб қадами нахустин барои содиршавии терроризм мебошад. Нисбати ҳолати мазкур ҷомеаи тоҷикистонӣ аз он ҷумла олимону муҳаққиқон, Ҳукумати мамлакат ва роҳбари давлат бетараф нестанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 20-уми январи соли 2016 дар ироаи Паёми солонаи худ ба Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳли ҷомеа иброз дошта буданд, ки "зуҳуроти номатлуб ва нафратовари терроризм, ки аксар вақт бо дини мубини ислом рабт надорад ва баръакс аз тарафи душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшониятияти асримиёнагии террористӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ зарар мебинад" [7, с. 372].

Агар ба мафҳуми ифротгароии динӣ рӯшанӣ андозем ин истилоҳ маънои инкори низоми арзишҳои ҷомеаи суннатӣ, меъёрҳои ахлоқу ҳуқуқ, инчунин таблиғи агрессиявии «ғояҳо» мебошад, ки зери пардаи ниқоби динӣ амал мекунад. Субъектҳои паҳнкунанда ва ё таблиғотчиёни ифротгароии динӣ бо маҳорати касбӣ аз дини мубини ислом истифода мебаранд. Ин дар ҳолест, ки амалҳои онҳо ва ғояҳои ифротгароёни динӣ ба талаботи умдатарини дини ислом ҷавобгӯ нест. Аксар вақт шомилшавандагони ин равияи номатлуб ба фиребу бӯҳронҳои эмотсионалӣ гирифтор мешаванд. Аниқтараш, ашхоси ҷалбкунанда ба ин ё он равияҳои номатлуб аз набудани дониши илмӣ ва дониши динии шахс самаранок истифода мебарад. Дар шароити муосир омилҳои гуногуни шомилшавӣ ба ифротгароии диниро мушоҳида кардан мумкин аст. Мутаассифона, дар замони муосир яке аз масъалаҳои доғи рӯз, ки бо таблиғоти динӣ вобастагӣ дорад, ин тақлидкорӣ аст. Тақлидкорӣ бевосита бо омилҳои паст будани сатҳи саводнокӣ вобаста мебошад. Ҷоиз ба қайд аст, ки яке аз ҳадафҳои Ҳукумати мамлакат ин баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Дар ҳалли масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун қабул шудааст, ки метавонад барои баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ мусоидат намояд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" эълон шудани авлавияти соҳаи маориф, муаррифӣ кардани маориф чун раванди ҳадафноки тарбия ва таълим ба нафъи инсон, ҷомеа, давлат, ҳуқуқ ба таҳсилот чун яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ва ҷудонопазири конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон фақат дар шароити субот ва амният метавонанд ба воқеият пайваста, ҳадафманду самаранок бошанд. Халалдор шудани амният дар ҷомеа, хоҳ дар натиҷаи офатҳои табиӣ, бухронҳои иқтисодӣ, ноороми иҷтимоӣ ва хоҳ дар натиҷаи фишори беруна амалисозии онҳоро мушкил намуда, ҳатто имконнопазир сохтанаш аз эҳтимол дур нест. [5, с.87]

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ифротгароии динӣ метавонад ба амнияти давлат ва ҷомеа хатари ҷиддӣ эҷод намояд. Гузашта аз ин, ин омил оғозан ба шуури аъзоёни ҷомеа таъсир расонида, оҳиста оҳиста барои дар байни субъектҳои институтҳои иҷтимоӣ домана паҳн кардан, таҳдид карда метавонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди тағйирёбии ҷомеа қарор дорад ва пешравиҳои давлат аллакай ба ҷаҳониён муаррифи шудааст. Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 28.12.2023 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳли ҷомеа иро карда шуд, ки роҳбари давлат чунин қайд намудаанд: "Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин

раддабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари таҳти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд” [12].

Ҳарчанд давлату Ҳукумат сатҳи иқтисодиётро дар ҷомеа баланд бардоранд ҳам омилҳои ифротгароии динӣ ба назар мерасад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз замоне расидааст, ки бо ташаккули тафаккури солим корбарӣ бояд кард. Яъне, бовуҷуди шароити мусоид фароҳам овардан дар мавриди паст будани мафкураи инсон, метавонад хатар эҷод кунад. Имрӯз замоне расидааст, ки арзишҳои милливу инсониро дар ҷомеаи муосир ташвиқу тарғиб кард. Зеро табиати инсон аз азал ба ташаккули ҳиссиётои ахлоқи ниёз дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ дар тамоми ҷаҳон мушкилоти рӯз аст. Аксар вақт ҷавонон аз ҳисоби набудани ҳисси хештаншиносӣ, дур будан аз фарҳангу маданият ва зинаи пасти шуури сиёсӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ шомил мегарданд. Дигар омил ин ташаккули фазои иттилоотӣ ва ё ИНТЕРНЕТ мебошад. Душманони давлат маҳз бо истифода аз ИНТЕРНЕТ ҳар гуна таблиғотҳои беасоси худро паҳн намуда, ҷавононро ба худ ҷалб менамоянд. Наворҳои бардурӯғ, сомонаҳои ғайриқонунӣ, ташкили гурӯҳҳои махсус барои ҷалби ҷомеа яке аз ҳадафҳои ғаразноки мухолифини ин ё он давлат аст.

Дигар хатари ифротгароии динӣ дар он маҳсуб меёбад, ки он дар зери пардаи догмаҳои динӣ амалӣ мешавад. Давоми даҳсолаи охир ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар тамоми ҷаҳон реша паҳн кардааст. Нимаи дуюми солҳои 1990-уми асри 20 ва оғози асри нав пайравони ҳаракатҳои ифротгарой ва терроистии исломӣ машҳур гаштаанд, ки онҳо ҷангҳои мазҳабиро дар шаклу шеваи ифротгарой ва террористӣ ҷонибдорӣ менамоянд. Рӯҳониёни шинохтаи турк Ҳорун Яҳё дар таълифоти худ таҳти унвони “Яке аз манъбаҳои терроризм: таассубгароии ҷаҳони сеюм” менависад: “Гурӯҳи асосии ифротгарон ва террористон дар он ифода меёбад, ки одамони бесарпаноҳ ранҷу азият мекашанд, диндорӣ бошад, берун аз доираи ислом ба стратегия ва идеологияи сиёсӣ бадал мешавад”[6, с. 67-68].

Тоҷикистони соҳибистиқлол дар раванди инкишофи ҷомеа кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки арзишҳои миллиро ҳифз намуда, дар рушди ҷомеаи навин фаъол бошад. Дар ин замина фаъолияти муҳаққиқону олимони ватанӣ бетаъсир нест. Бевосита, дар баррасии масъалаи ифротгароии динӣ нақши профессор Маҳмадизода Н.Д., дар масъалаи муаммои таҳдидҳои замони муосир саҳми дотсент Сафарализода Х.Қ, вазъи маориф ва илм дар шароити истиқлоли давлатӣ нақши профессор Абдураҳмон Қурбонов ва дигар олимони ватанӣ намоён аст.

Новобаста аз баррасии масъалаи мазкур муаммои ифротгароии динӣ то ҳол ҳалли пурраи худро наёфтааст. «Ифротгароёни динӣ барои расидан ба мақсадҳои худ асосан ба ҷавонони фанатики дин, дорои саводи пасти динию дунявӣ ва зудбовару мушкилидор таваҷҷуҳ менамоянд. Тавассути сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷавонони гумроҳ ваъдаҳои пучу дурӯғ дода, нисбати дин, давлат ва шахсиятҳои бонуфуз ҳар хел овозаҳои беасосоро паҳн мекунанд, бадбинӣ ва низоъҳои мазҳабиро бармеангезанд. Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иброз доштанд: “Ман чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда будам, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад. Гузашта аз ин, зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, ба дини мубини ислом иртиботе надорад, баръакс, аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусулмонони сайёра зарар мебинанд”. Мушоҳидаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки бештари шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ба гурӯҳҳои ифротии динӣ шомил шудаанд, муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ мебошанд. Аксарияти кулли ифротгароёни динӣ саводи кофии динӣ надоранд, таҳсилоти дурустӣ динӣ ва исломӣ нагирифтаанд, ахбори динии онҳо баъзе маълумотҳои одитарини фиқҳӣ, таърихӣ ва ривоятиву қиссавӣ мебошад, ки аз шабакаҳои

иҷтимоӣ, гурӯҳҳо ва шахсони алоҳидаи манфиатҷӯйи динӣ дастрас намудаанд. Асоси динро ба таври соддалавҳона, зоҳирӣ ва яктарафа мефаҳманд, бе ҳеҷ гуна таҳлил ва андеша фатвоҳо ва суханони роҳбарони худро қабул ва пайравӣ мекунанд. Нисбат ба ҳокимияти сиёсии қонунӣ, қонунҳои амалкунанда, ҳуввияти миллӣ ва фарҳангу тамаддуни форсию тоҷикӣ ҳисси нафрат ва бадбинӣ доранд, нафарони муқобили худро танқид ва таҳқир менамоянд. Барои пешгирӣ ва бартараф намудани ифротгароии динӣ дар амал татбиқ намудани чунин тадбирҳо мусоидат менамоянд:

а) баланд бардоштани сатҳи донишҳои динӣ ва ба аҳолӣ фаҳмонидани аҳкоми аслии дини ислом;

б) баланд бардоштани сатҳи тафаккури илмӣ ва арзишҳои дунявии ҷавонон;

в) дар ВАО, сомонаҳои интернетӣ, блогҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн намудани маводи таълимию тарбиявӣ ва тарғиботу фаҳмондадиҳӣ;

г) ба Россия ба сафари корӣ равон намудани мутахассисони соҳаи дин ва руҳониёни бонуфузи Тоҷикистон ва пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ бо муҳоҷирони меҳнатӣ;

д) тақсими маводи тарғиботӣ ба ҷавононе, ки ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ мераванд;

е) ба таври қатъӣ пешгирӣ кардани раванди таҳсили динии “ҳуҷрагӣ”-и наврасону ҷавонон ва [12] ғайраҳо».

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ифротгароии динӣ сабабҳои гуногун дорад ва метавонад ба ҷомеа хатари ҷиддӣ эҷод намояд. Хатарҳои ифротгароии диниро мо дар омилҳои зерин тавсиф намудем:

- Вайрон кардани мафкураи аъзоёни ҷомеа бо истифода аз догмаҳои динӣ;
- Ба рушди арзишҳои миллӣ, фарҳанги ниёгон, маданият ва тамаддун монеа эҷод намудан;
- Дар байни аъзоёни ҷомеа паҳн кардани арзишҳои бегона;
- Коста кардани боварии ҷомеа ба рушди давлату миллат;
- Дар байни аъзоёни ҷомеа ва умуман табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ бедор кардани ҳисси нобоварӣ, тарс, бадбинӣ нисбат ба институти давлат ва ғайра.

Барои роҳ надодан ба ин омил бояд пеш аз ҳама, корҳои ташвиқотиву тарғиботиро дар байни ҷомеа ҷоннок намуда, талаботҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавии аъзоёни ҷомеаро қонеъ намуд. Мардум бояд дарк намоянд, ки ифротгароии динӣ ин заминаи аввали амали террористӣ аст. Тавре, ки дар боло зикр намудем аксар вақт шомилшудагони ин омил бешуурона ва ё нофаҳмида ба доми он мефароянд. Дар натиҷа мақсадҳои онҳо ба бархӯрд гирифтор гашта, низоъ ба вуҷуд меояд. Мақсади душманони давлат низ дар байни аъзоёни ҷомеа ба вуҷуд овардани низоъ аст.

Агар ба адабиёт назар кунем, низоъ ин бархӯрди мақсадҳо, маромҳо, арзишҳо ва ғайра аст. Дар баробари низои созанда, низои харобкунанда (сӯзанда) фарқ карда мешавад. Маҳз ин шакли низоъ ба ифротгароии динӣ рост меояд. Яъне, мақсаду мароми ин амал танҳо хароб кардан аст. Низои харобкунанда бо усулҳои зӯроварӣ алоқаманд буда, ба тамоми ҷомеа метавонад зарари моддӣ ва талафоти ҷонӣ расонад. Сохтори мавҷудаи давлату ҷомеаро зери танқид гирифта, бо зӯроварӣ муносибатҳои иҷтимоиро вайрон кунад. Он инкишофу тараққиёти иқтисодиёт, сиёсат, иҷтимоиёт ва маънавиёти ҷомеаро хароб намуда, мехохад барҳам диҳад. Барои кӯч бастану муҳоҷирати аҳолӣ ба кишварҳои дигар замина мегузорад. Муносибати аҳолии ҷомеаро тира сохта, ҳолати сустиродавии мардумро зиёд мекунад. Дар натиҷа омилҳои харобшавӣ ва пайдошавии низоҳои нав мегардад. Таъсири сохторҳои давлату ҷомеаро суст менамояд [1, с.19].

Воқеан ҳам, яке аз мақсадҳои ифротгароёни динӣ ин ба вуҷуд овардани низоъ бо роҳи зерипардагӣ маҳсуб меёбад. Дар шароити имрӯзина, душманони давлат ташвиқоти арзишҳои бегона, ҷалби мардум ба ин ё он равияҳои ғайриқонуниро бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ амалӣ мекунанд. Дар ин замина бояд аз таҳдидҳои замони муосир бохабар буд.

“Дар раванди шинохти таҳдидҳо маълумот доштан доир ба шаклҳои гуногуни зоҳиршавии онҳо муҳим аст. Ба андешаи олимон таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар равиши

маҳвгардонии таҳдидҳо, асосан, се намуди стратегияҳои давлатӣ қабул мегарданд: стратегияҳои дарозмуддат, миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуддат. Сатҳи омӯзиши ин масъала аз тарафи олимони хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин вобаста ба ин масъала мавҷудияти андешаҳои гуногун, пароканда ва дар аксар маврид мухолифи якдигар бо тартиби муайян баррасӣ намудани ин масъаларо афзун мегардонад. Муҳим ин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар самти эъмори давлатдории миллӣ қадамҳои нахустини худро гузошта истода, бо мақсади рушди ояндаи мамлакат дар самти амалинамоии мақсадҳои миллӣ ва манфиатҳои миллӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода истодааст. Аммо дар ин раванд таҳдиде ба назар мерасанд, ки дар самти амалишавии мақсадҳои миллӣ ва манфиатҳои миллии мамлакат монеаи ҷиддӣ эҷод менамояд аз ин сабаб ҳимояи онҳо аз таҳдидҳои дохилию берунӣ дар мадди аввал қарор мегирад. [7, с.78-79]”. Омӯзиши таҳдидҳои замони муосир метавонанд дар коста кардани зоҳиршавии ифротгароии динӣ дар ҷомеаи муосир мусоидат намоянд.

“Ба андешаи муҳаққиқони ҷомеашиноси тоҷик хусусан баъди сукути Иттиҳоди Шӯравӣ ҷуғрофиёи амалкарди созмонҳо ва ҳаракатҳои навбаромади диниву сиёсӣ вусъат ёфта, бархе аз онҳо дар кишварҳо ва минтақаҳои мусулмоннишини пасошӯравӣ роҳ ёфтанд. Ин аст, ки ҷомеашиносони тоҷик омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур, яъне падидаи сиёсишавии ислом, таъриху идеологияи созмонҳо ва ҳаракатҳои диниву сиёсии исломиро зарур мешуморанд. Аз тариқи омӯзиши бонизоми ин масъала чигунагии таносуби байни ҳадаф ва идеологияи созмонҳо ва ҳаракатҳои нави диниву сиёсӣ аз як тараф ва арзишҳои динӣ, миллӣ ва сиёсии Тоҷикистон, аз тарафи дигар муайян карда мешавад. Мисоли равшани чунин созмону ҳаракатҳои барои фазои анъанавии динии Тоҷикистон бегона ва хатарнок Ҳизби таҳрир ва Салафия мебошанд, ки дар даҳсолаҳои нахустини замони истиқлолият бо ин ё он роҳ ба кишвари мо ворид шуда, набзи ҳаёти диниву сиёсии кишварамонро халалдор мекарданд. Ҳаёти воқеӣ нишон медиҳад, ки ифротгароии динӣ ва терроризм ба амнияти ҷомеа ба таври муътадил фаъолият намудани мақомоти ҳокимият, инчунин ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон хавфу хатари ҷиддӣ эҷод мекунад. Ин падидаи манфӣ имрӯз яке аз амалҳои бениҳоят хатарнок шинохта шуда, ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти байналмилалӣ эътироф карда мешавад. Бо назардошти таҷрибаи солҳои 1990-92 барои Тоҷикистони тозаистиқлол зарурат пеш омад, ки низоми сиёсиеро интихоб кунад, то ин ки тавозуни идеологиро дар ҷомеа таъмин намуда, мақом ва нақши арзишҳои миллӣ ва диниро дар ташкили давлатдории миллӣ муайян созад. Бинобар ин мардуми тоҷик бо роҳбарии Ҳукумати кишвар низоми давлатдории дунявиро, ки таҷрибаи давлатдории миллатҳои гуногун мебошад, интихоб карда, мақому нақши онро дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст. Принсипи асосии муносибати давлат ба дин дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ дарҷ гардидааст. Дар он дунявият ҳамчун низоми давлатдорӣ бо назардошти ба вуҷуд овардани шароиту имконият ба рушди арзишҳои миллию динӣ ба расмият даровარда шуда, он тағйирнопазир мебошад” [14].

Ҷомеаи тоҷикистонӣ дар марҳилаи инкишоф ва рушди давлатдорӣ қарор дорад. Дар ин раванд, аз тарафи давлату Ҳукумат заминаҳои мустаҳками пешрафти ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ гузошта шуда истодаанд. Арзишҳои миллӣ, фарҳанги бою ғании мамлакат дар тамоми дунё муаррифи шудааст. Тоҷикистони соҳибистиқлол то расидан ба ин зина мушкилоти зиёдро паси сар кардааст ва ҳадафҳои созандаи худро дар амал тадбиқ намуд. Аммо, қувваҳои бадбину бадхоҳи тоҷик то ҳанӯз мехоҳанд ба институти давлат хатар эҷод кунанд. Албатта, хоинони давлат, ки худ дар мамлакатҳои Ғарб паноҳ меҷӯянд, ба мақсадҳои ғаразноки худ нахоҳанд расид. Вале, дар ин замина бояд ҷомеаи шаҳрвандӣ, кормандони самтҳои гуногуни кишвар, бахусус ҷавонон бетараф набошанд. Онҳо бояд ҳарчи бештар бо зуҳуроти ифротгарои динӣ мубориза бурда тавонанд. Захираи зеҳнии аъзоёни ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ бояд ташаккул дода шавад, ки дар ин замина нақши институти давлат, маориф ва оила ниҳоят калон аст.

**_Адабиёт_**

1. *Абдулатпов, У. Ҳ. Низоъ ва таҳлили он. Дастури таълимӣ – методӣ / У. Ҳ. Абдулатпов. - Хуҷанд: Хуросон, 2016. – 144 с.*
2. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника”. – Душанбе, 1998.*
3. *Консепсияи сиёсати давлатии илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1999.*
4. *Қурбонов, А.Ш. Илм ва низоми идораи он дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Ш. Қурбонов. – Душанбе: Ирфон, 2014.*
5. *Қурбонов, А.Ш. Вазъи маориф ва илм дар шароити Истиқлоли давлатӣ / А.Ш. Қурбонов. - Душанбе: Аржанг, 2021. – 354 с.*
6. *Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он / Н.Д. Маҳмадизода. - Монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 324 с.*
7. *Сафарализода, Х.Қ. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методологӣ. Монография. / Х.Қ. Сафарализода. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 420 с.*
8. *Шарифзода, А. Пайвандгар (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) / А. Шарифзода. – Душанбе, 2013. - 336 с.*
9. *Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон: Оғози марҳилаи нав (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2007). – Китоби 7. Нашри дуюм / А. Шарифзода, Қ. Заробиддин – Душанбе: “Ирфон”. – 2011. – 372 с.*
10. *Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди ҳабдаҳум. – Душанбе: “Ирфон”, 2018. - 576 с.*
11. *Эмомалӣ Раҳмон Забони миллат – ҳастии миллат. Эмомалӣ Раҳмон – Душанбе, “Таъминотчӣ”, 2018. – 516 с.*
12. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023 16:00, шаҳри Душанбе. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/302191. (санаи муроҷиат 18.02.2024)*
13. *Миров, Ф. Ифротгароии динӣ – зуҳуроти номатлуби ҷомеа. – Манбаи дастрасӣ: https://ifppanrt.tj/tj/ilm-va-navidho/andeshai-muhakkikon/item/1550-ifrotgaroii-din-zu-uroti-nomatlubi-omea.html / Ф. Миров (санаи муроҷиат 17.02.2024)*
14. *Турсунова, З. Терроризм ва ифротгароии динӣ. Захираи электронӣ. – Манбаи дастрасӣ: https://www.tajmedun.tj/tj/nazare-ba/muboriza-bar-ziddi-terrorizm-va-korrupsiya/terrorizm-va-ifrotgaroyii-din/. / З. Турсунова (санаи муроҷиат 18.02.2024)*

## МУАММОИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН

Мақола ба яке масъалаҳои муҳими замони муосир, ки бо омили ифротгароии динӣ алоқаманд аст ва муаммои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад, бахшида шудааст. Муаллиф дар раванди омӯзиши масъалаи ифротгароии динӣ асарҳои олимони соҳавиро таҳлил намуда, роҳу воситаҳои пешгирии ин омили номатлубро дар ҷомеаи тоҷикистонӣ баён кардааст. Дар мақолаи илмӣ қайд карда мешавад, ки барои пешгирии омилҳои номатлуб дар ҷомеа, алалхусус, ифротгароии динӣ бояд бо ташаккули тафаккури аъзоёни ҷомеа корбарӣ кард. Зикр шудааст, ки ифротгароии динӣ ин хатари ҷиддӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад ва баррасии масъала ҳанӯз таҳлил ва нигоҳи навро металабад. Инчунин, муаллиф сабабҳои пайдоиши ифротгароии динӣ, таҳдидҳои замони муосир ба ҷомеа, масъалаи низоъ дар ҷомеа ва институтҳои иҷтимоиро мавриди таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ қарор додааст. Кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки мақоми институти маорифро дар пешгирии омилҳои ифротӣ муайян намояд.

**Калидвожаҳо:** ҷомеаи муосир, ҷаҳонишавӣ, ифротгароии динӣ, терроризм, институтҳои иҷтимоӣ, ташаккули тафаккур, таҳдид, низоъ.

## ПРОБЛЕМА РЕЛИГИОЗНОГО ЭКСТРЕМИЗМА В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ И ПУТИ ЕГО ПРЕДОТВРАЩЕНИЕ

Статья посвящена одному из важного вопроса современности, который связан с фактором религиозного экстремизма и считается проблемой для всего мирового сообщества.

В процессе изучения вопроса религиозного экстремизма автор проанализировал работы ученых-практиков и объяснил пути и средства предотвращения этого нежелательного фактора в таджикском обществе. В научной статье отмечается, что для предотвращения нежелательных факторов в обществе, особенно религиозного экстремизма, необходимо правильное формирование мышления членов общества. Отмечается, что религиозный экстремизм считается серьезной угрозой международному сообществу, и обсуждение этого вопроса по-прежнему требует анализа и нового взгляда. Также автор проанализировал причины религиозного экстремизма, современные угрозы обществу, проблему конфликтности в обществе и социальных институтов. Предпринята попытка определить роль образовательного учреждения в предотвращении экстремистских факторов.

**Ключевые слова:** современное общество, глобализация, религиозный экстремизм, терроризм, социальные институты, формирование мышления, угроза, конфликт.

## THE PROBLEM OF RELIGIOUS EXTREMISM IN MODERN SOCIETY AND WAYS TO PREVENT IT

The article is devoted to one of the important issues of our time, which is associated with the factor of religious extremism and is considered a problem for the entire world community. In the process of studying the issue of religious extremism, the author analyzed the works of scientific practitioners and explained ways and means of preventing this undesirable factor in Tajik society. The scientific article notes that in order to prevent undesirable factors in society, especially religious extremism, it is necessary to correctly form the thinking of members of society. It is noted that religious extremism is considered a serious threat to the international community, and discussion of this issue still requires analysis and a new perspective. The author also analyzed the causes of religious extremism, modern threats to society, the problem of conflict in society and social institutions. An attempt has been made to determine the role of an educational institution in preventing extremist factors.

**Keywords:** modern society, globalization, religious extremism, terrorism, social institutions, formation of thinking, threat, conflict.

**Дар бораи муаллиф**

**Халилова Зарина Қахрамоновна** – муаллими калони кафедраи умумидонишгохии фалсафа Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бободҷон Гафуров", Суроға: 734700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков 1. Тел: (+992) 927 10 37 33.

**Об авторе**

**Халилова Зарина Кахрамоновна** – старший преподаватель общеуниверситетской кафедры философии Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, А**дрес:** 734700, республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбекова 1.Тел: (+992) 927 10 37 33.

**About the author**

**Khalilova Zarina Kakhramonovna** – senior lecturer at the University Department of Philosophy Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov. Address: 734700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov Avenue 1. Phone: (+992) 927 10 37 33.

ТДУ 338.24 (01)

# САМТҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТ ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА

***Абиров М.С.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Энергетика яке аз самтҳои меҳварии сиёсати давлат ба ҳисоб рафта, ҳамчун ҷузъи калидии устувори иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад. Бо мақсади дарки муҳимияти ин соҳа таъмини истиқлолияти энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои стратегии сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Энергетика пояи асосии рушди устувори иқтисодии ҳар як кишвар маҳсуб меёбад. Бо назардошти ин омил, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи баркро ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии давлат муайян намудааст.

Ба андешаи Ҳусейнов А. дар шароити имруза рушди босуръати иктисодиёти ҷаҳонро бе пешбурди соҳаи энергетика тасаввур кардан ғайри имкон аст. Имрузҳо ин соҳа на танхо асоси пешрафти иктисодиёт, балки тамоми пахлуҳои ҳаёти инсониятро фаро гирифтааст. Аз ин рӯ, талабот ба соҳаи мазкур дар тамоми давлатҳои дунё торафт бештар мегардад. Таърихи ташаккули давлатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки бе дастёбӣ ба иқтидори кофии энергетикӣ давлат наметавонад рушди муътадили иқтисодию иҷтимоии худро таъмин карда бошад. Дар ин замина, аксари давлатҳои дунё бештари талаботи хешро бо роҳҳои сунъӣ, аз ҷумла, бунёди неругоҳҳои барқии атомӣ ва коркарду истифодаи газҳои гулхонаӣ конеъ месозанд. Албатта, чунин холат дар раванди ифлосшавии ҳавои атмосфера таъсири манфӣ гузошта, вазъи ногувори бухронии экологиро боз ҳам ривоҷ медихад. [8]

Дар замони соҳибистиқлолӣ бо мақсади пешгирии ифлосшавии ҳавои атмосфера давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил гардидан ба энергияи “Сабз” ва рушди энергияи барқии обӣ чораҳои зарурӣ андешида, дар ин замина, санадҳои меъёрию ҳуқуқии зиёде қабул карда шудаанд. Масалан, Стратегияи Миллии Рушд барои давраи то 2030, Консепсияи рушди Маҷмааи сӯзишворию энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи 2003 инчунин, Қонунҳо «Дар бораи энергетика», «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия», «Дар бораи сарфаҷӯи ва самаранокии энергия», «Дар бораи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ», фармонҳо ва қарорҳои Ҳукумат ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи тадбирҳои татбиқи афзалиятҳои лоиҳаҳо дар бахши энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» баъзе масъалаҳои сармоягузорӣ ба соҳаи энергетика (аз ҷумла, дар бораи тартиби додани имтиёзҳо ва субсидияҳо) дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» дар назар дошта шудааст, ба тасвиб расонида шуд. Татбиқи маҷмуи ин чорабиниҳо ба рушди гидроэнергетика дар Тоҷикистон, сохтмони як силсилаи иншооти гидроэнергетикии калон, миёна ва хурд, паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар, рушди нерӯи инсонӣ ва инчунин дастрасӣ ба бахшҳои иқтисодиёт ва татбиқи сиёсати судбахши иҷтимоӣ замина гузошт. [2, с. 31-43]

Дар баробари ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Стратегияи миллии рушд дар давраи то солҳои 2030 таъминкунандаи татбиқи стратегияи энергетикӣ, барои рушд ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ дар комплекси энергетикӣ диққати махсус медиҳад. Дар ин замина, давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи механизми ҳуқуқӣ ба сармоягузорони хориҷӣ низ имконият медиҳад, ки ба иқтисоди мамлакат сармоягузорӣ намоянд. [4]

Инчунин, мувофиқи моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» мақсадҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи энергетика аз инҳо иборат аст:

- таъмини боэътимод ва сифатноки эҳтиёҷоти рӯзафзуни ҷумҳурӣ ба захираҳо ва маҳсулоти энергетикӣ ва кафолати амнияти энергетикии кишвар;

- таъмини ҳифзи муҳити зист ва аҳолӣ аз таъсири зараровари фаъолият дар соҳаи энергетика;
- муҳайё намудани шароити зарурӣ барои пайгирона гузаштани энергетика ба муносибатҳои бозоргонӣ, ҷалб намудани сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ ба он, ба корхонаҳои энергетикӣ додани мустақилияти иқтисодӣ ва таъмини тараққиёти онҳо дар асоси рақобати бозоргонӣ;
- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти комплекси сӯзишворию энергетикӣ дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам, сарфаҷӯии энергия, истифодаи манбаҳои барқароршавандаи энергия, кам кардани хароҷоти нисбии захираҳои энергетикӣ дар истеҳсоли маҳсулоти умумии миллӣ. [3]

Воқеъан, таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи мазкур нишон медиҳад, ки барои рушди соҳаи энергетика дар Тоҷикистон тамоми имкониятҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Дар ин замина, давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади истифодаи захираҳои бузурги энергияи барқии обие, ки дар як сол 527 млрд.квт/соат ташкил медиҳад, чораҳои заруриро амалӣ мегардонад.

Ба сарчашмаҳо муътамад захираи энергетикаи барқи обии Тоҷикистон 317 млрд.квт/соатро дар як сол ташкил медиҳад, ки 4-5% танҳо дар айни замон истифода мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаи иқтидори энергетикаи барқии обӣ дар дунё пас аз Хитой, Россия, ИМА, Бразилия, Заир, Хиндустон ва Канада ҷойи 8-умро ишғол менамояд. Иқтидори энергияи обии Тоҷикистон беш аз 3 баробар зиёдтар назар ба талаботи энергияи барқи дар тамоми Осиёи Маркази мебошад. Ҳангоми самаранок истифода бурдани ин захираҳо минтақаро метавон бо ин энергияи арзон ва аз лиҳози экологӣ тоза таъмин намуд. Захираҳои энергияи барқии обӣ, асосан, дар манотиқи дарёи Вахш, Панҷ, Амударё, Сирдарё ва Зарафшон ҷойгир аст.

Воқеъан, Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги барқароршавандаи гидроенергетикӣ обӣ мебошад, ки истифодаи оқилонаи онҳо на танҳо ба манфиати мардуми мамлакат, балки ба нафъи кишварҳои минтақа низ мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар заминаи дастгириҳои пайвастаи Пешвои миллат - муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон агрегатҳои неругоҳи барқи обии «Роғун», ки яке аз бузургтарин неругоҳ дар дунё мебошад, пайи ҳам ба истифода дода шудааст. Бешубҳа, бунёди пурраи неругоҳи барқи обии «Роғун» ба мо имконият медиҳад, ки истиқлолияти энергетикиро дар кишвар таъмин намуда, бунёди корхонаҳои азими саноативу истеҳсолиро ба роҳ монем, ки дар ин замина имконияти ташкили ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ фароҳам меояд. Неругоҳи барқи обии Роғун аҳамияти на танҳо ҷумҳуриявӣ, балки минтақавӣ низ дорад. Баъди бунёди ин иншооти муҳими аср Тоҷикистон дар оянда ҳамчун як кишвари содиркунандаи неруи барқи арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза метавонад кишварҳои ҳамсоя ва минтақаро бо барқ таъмин намояд. Инчунин бунёди неругоҳи барқи обии «Роғун» дар расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар (таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, вусъати шуғли пурмаҳсул) нақши назаррас дошта, бо бунёди он имконият фароҳам оварда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои бузурги минтақавиро, ба монанди CASA-1000 амалӣ намуда, ба давлати содиркунандаи бузурги неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ табдил ёбад.

Ғайр аз ин, Ҳукумати мамлакат барои навсозӣ, яъне таъмиру таҷдиди низоми энергетикии кишвар 85,7 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Аз ин ҳисоб танҳо барои азнавсозии неругоҳҳои барқи обии амалкунанда беш аз 11,3 миллиард сомонӣ равона гардида аст. Барои ноил гардидан ба ҳадафи стратегӣ ва расидан ба истиқлоли энергетикӣ аз ҷониби давлат қадамҳои устувор гузошта, ҷиҳати фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти чораҳои зарӯрӣ амалӣ гардида истодаанд. Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд, ки соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6

ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт – соат ё 28 фоиз зиёд мебошад. Ҳамзамон, бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи энергетика Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди давлат чунин вазифаҳоро гузоштанд: - бунёди неругоҳҳои барқи обии «Роғун», «Себзор» ва таҷдиди неругоҳҳои амалкунандаро бомаром идома дода, корҳо дар самти дарёфти маблағгузории иқтидорҳои нави тавлиди «энергияи сабз» ва ба 10 ҳазор мегаватт расонидани иқтидорҳои энергетикии кишвар вусъат дода шаванд; амалисозии лоиҳаҳои сохтмони хатти интиқоли барқи CASA–1000 ва азнавпайвастшавӣ ба низоми энергетикии Осиёи Марказӣ барои дар 7 соли оянда то 10 миллиард киловатт – соат афзоиш додани содироти неруи барқ; - бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли «энергияи сабз», яъне бо истифодаи захираҳои офтобиву бодӣ; - ба истифода додани агрегати сеюми неругоҳи барқи обии «Роғун» то соли 2025 инчунин, то соли 2032 истеҳсоли барқ дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, яъне 100 фоиз бо «энергияи сабз» таъмин гардида (ҳоло 98 фоиз), дар ин замина аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ то соли 2037 партови газҳои гулхонаӣ то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода мешавад. Яъне Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи «иқтисоди сабз» соли 2037 воқеан ба «кишвари сабз» табдил меёбад». [6]

Тавре ки дар боло ишора намудем, Тоҷикистон бо рушди энергетикаи обӣ дар ҳифзи муҳити зист накши худро мегузорад. Ба ибораи дигар, дар нигоҳ доштани сатҳи пасттарини партовҳои зараровар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи васеи захираҳои баркароршавандаи энергия, асосан, гидроэнергетика мусоидати ҷиддӣ менамояд. Ноил шудан ба пешрафти «энергияи сабз» метавонад дар рушди «иқтисоди сабз» мусоидат намояд. Имрӯз бо истифода аз манбаъҳои тозаи гидроэнергетикии худ Тоҷикистон дар минтақа ба яке аз давлатҳои тавлид ва содиркунандаи баркӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза табдил ёфтааст. Ин холат «... барои таъмин намудани кишварҳои минтақа бо нерӯи барқи аз лиҳози экологӣ тоза - яке аз асосҳои рушди "иқтисоди сабз"- метавонад ба кам гардидани партовҳои гази карбон ба атмосфера мусоидати ҷиддӣ намояд». [5]

Қайд кардан ба маврид аст, ки айни замон дар Тоҷикистон 98 фоизи нерӯи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне асосан бо истифода аз нерӯи об истеҳсол гардида, Тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» дар дунё ҷойи шашумро ишғол менамояд. Бо мақсади рушди соҳаи энергетика дар Тоҷикистон лоиҳаҳои бузурги бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ амалӣ гардида, дар 7 соли оянда аз ҳисоби бунёди нерӯгоҳи «Роғун» ва таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд» ва «Қайроққум» иқтидори энергетикии мамлакат иловатан ба 4 ҳазор мегаватт афзоиш меёбад, дар назар дошта шудааст. [7]

Дар баробари рушди энергияи барқӣ дар Тоҷикистон рушди энергетикаи альтернативӣ низ яке аз ҷузъҳои муҳимми таъмини аҳолӣ бо нерӯи барқ маҳсуб меёбад. Масалан, дар марказҳои барқу гармидиҳии Тоҷикистон бошад, танҳо 8,6 % нерӯи барқ истеҳсол карда мешавад. Ғайр аз ин обу ҳавои Тоҷикистон барои истифодаи энергияи офтобӣ низ муносиб мебошад. Ба ҳисоби миёна 280-330 рузҳои офтобӣ вуҷуд доранд ва фаъолияти интенсивии радиатсияи офтобӣ дар давоми сол аз 280 то 925 МДЖ/м2 дар ноҳияҳои наздикуҳӣ ва ҳамчунин аз 360 то 1120 МДЖ/м2 дар манотиқӣ кухӣ тағир мекунад. Истифодаи энергияи офтобии мавҷуда, дар Тоҷикистон метавонад 10-20% -и талаботро ба энергия таъмин менамояд. Мувофиқи ҳисоботҳо захираи энергияи офтобии Тоҷикистон ҳудуди 25 млрд. киловат/соатро дар сол ташкил медиҳад. Ин захира амалан истифода намегардад, агар баъзе аз қисматоҳи он, ки барои гарм кардани об истифода бурда мешавад, ба назар гирифта нашавад. Захираи ками энергияи бодӣ низ вуҷуд дорад, аммо истифодаи он ҳамчун пуркунандаи энергияи обӣ дар баъзе минтақаҳо ба мақсад мувофиқ аст.[1]

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, айни замон баланд бардоштани эътимодияти дастрасии доимӣ ба нерӯи барқ, истифодаи сарфакоронаи барқ ва дигар масъалаҳои ҳалталаб

вуҷуд доранд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат – муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар таъкид намуд,ки масъалаи рушди соҳаи энергетика дар солҳои Истиқлолият ҳамеша дар маддӣ назари роҳбарияти ва Ҳукумати Ҷумҳурии Таҷикистон қарор дорад. Дар ин замина, марҳила ба марҳила бо роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мамлакат ба истиқлолияти энергетикӣ ноил гардида истодааст. Ҳамин тариқ, бо назардошти дастовардҳои бузурги соҳа лозим меояд, ки маданияти истифодаи нерӯи баркро пурра риоя намоем.

***Адабиёт***


1. *Асоев Б. Х. Ташаккул ва рушди бозори неруи барқ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ. Автор. дис. ... н. и. и. [Матн] /Б. Х. Асоев. – Кулоб: 2022. – 64 с.*
2. *Ғаффорзода Н. Мавқеи амнияти энергетикӣ дар сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиклолият. Автор. дис. ... н. и. с. [Матн] / Н. Ғаффорзода. – Душанбе, 2021. – 56 с.*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи энергетика» аз 29 – уми ноябри соли 2000, №33 [Сарчашмаи электронӣ] URL: majmilli (Санаи мурочиат 15.01.2024).*
4. *Набиев Б. А. Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Автор. дис. ... н. и. и. [Матн] / Б. А. Набиев. – Душанбе, 2021. – 56 с.*
5. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 – уми декабри соли 2018. [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://prezident.tj/ (Санаи муроҷиат 20.01.2024).*
6. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28 – уми декабри соли 2023. [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://prezident.tj/ (Санаи муроҷиат 20.01.2024).*
7. *Соҳаи энергетикаи Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://mfa.tj/tg/main/tojikiston (Санаи муроҷиат 25.01.2024). [8]*
8. *Хусайнов А. С. Дастовардҳои Энергетикии Точикистон ва инъикоси он дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://cyberleninka.ru (Санаи муроҷиат 12.01.2024)[1]*


## САМТҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТ ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА


Дар мақола масъалаҳои сиёсати давлат оид ба рушди соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Ҳамзамон, муаллиф дар мақола оид ба мушкилотҳои соҳаи энергетика аз ҷумла, пешгирии ифлосшавии ҳавои атмосфериро таҳқиқ намудааст. Муаллиф дар ҳошияи ин таҳқиқот паҳлуҳои гуногуни пешгирии ин мушкилотҳои энергетикиро амиқ намуда менависад, ки дар заминаи андешидани тадбирҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушкилотҳои ҷойдошта бартараф гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвари “Сабз” табдил ёфтан, кушишҳо ба харҷ дода истодааст.



**Калидвожаҳо:** давлат, Ҳукумат, Истиқлолият, энергетика, сиёсати энергетикӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, неругоҳи барқи обӣ, энергияи сабз, захираҳои энергетикӣ, НОБ-ии Роғун.


## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РЕАЛИЗАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ В ЭНЕРГЕТИЧЕСКОМ СЕКТОРЕ


В статье рассматриваются вопросы государственной политики развития энергетического сектора в Республике Таджикистан. Автор статьи анализирует проблемы энергетического сектора, уделяя особое внимание предотвращению загрязнения

атмосферного воздуха. В рамках данного исследования автор изучает различные аспекты профилактики этих энергетических проблем. Отмечается, что благодаря последовательным мерам Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента уважаемого Эмомали Рахмона, существующие проблемы постепенно решаются, и Республика Таджикистан движется к статусу страны "Sabz".

**Ключевые слова:** государство, Правительство, Независимость, энергетика, энергетическая политика, нормативно-правовые акты, гидроэлектростанция, зеленая энергетика, энерго ресурсы, Рогунская ГЭС.

## MAIN DIRECTIONS OF IMPLEMENTATION OF STATE POLICY IN THE ENERGY SECTOR

The article examines issues of state policy on the development of the energy sector in the Republic of Tajikistan. The author of the article analyzes the problems of the energy sector, paying particular attention to the prevention of air pollution. In the framework of this study, the author examines various aspects of the prevention of these energy problems. It is noted that thanks to the consistent measures of the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, President Emomali Rahmon, existing problems are gradually being solved, and the Republic of Tajikistan is moving towards the status of a "Sabz" country.

**Keywords:** state, Government, Independence, energy, energy policy, regulations, hydroelectric power plant, green energy, energy resources, Rogun HPP.

**Дар бораи муаллиф:**

**Абиров Манучер Саидисломовия** – ассистенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тел:555555338. E-mail: manuhcerabirov@gmail.com

**Об авторе:**

**Абиров Манучер Саидисломовия** – ассистент кафедры политологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. тел: 555555338. Электронная почта: manuhcerabrov@gmail.com

**About the author:**

**Abirov Manucher Saidislomovia** - assistant of the political science department of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni tel: 555555338. E-mail: manuhcerabirov@gmail.com

**Қоидаҳои таҳияи мақолаҳо**

Идораи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақолаҳо ба идораи маҷалла дар шакли электронӣ ва чопӣ пешниҳод карда мешаванд.
2. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати А4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,0 бошад.
3. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 10 то 16 саҳифа мебошад.
4. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.
5. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.
6. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.
7. Аннотатсия бояд 100 - 200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи мухтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад. Истифодаи ибораҳои умумӣ ва ҷузъиёти беаҳамияти мавзуъ зарурат надорад.
8. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 5-10 калима ва ибораҳои зарурии мавзуъ бошанд.
9. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].
10. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда шуда, дар он нахуст номгӯи адабиёти кириллӣ ва сипас адабиёти хориҷӣ меояд.
11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.
12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.
13. Тавсия дода мешавад, ки аз таҳқиқотҳои доир ба мавзуи мақола қаблан дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, хусусан дар маҷаллаи "Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ" нашргардида истифода бурда шавад. Инчунин ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.
14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз ду ҳаммуаллиф мебошанд (ба истиснои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад.
15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.
16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.
17. Матни маводи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва мухтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.
18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

**Правила оформления статей**

Редакция журнала «Вестник Педагогического университета. Серия философия, право и политические науки» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статьи предоставляются в редакцию журнала в электронном и печатном виде.
2. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,0.
3. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 10 до 16 страниц.
4. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.
5. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.
6. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.
7. Аннотация должна содержать 100-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования. Использование общих фраз и несущественных деталей темы нецелесообразно.
8. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 5-10 слов и основных фраз темы.
9. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].
10. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа, в нем сначала дается литература на кириллице, затем - на латинице.

11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.
12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.
13. Рекомендуется использовать исследования по теме статьи, ранее опубликованные в рецензируемых научных журналах, особенно в журнале «Вестник Педагогического университета. Серия философия, право и политические науки». Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.
14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).
15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.
16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.
17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).
18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

## Rules for the design of articles

The editorial board of the journal of «Herald of the Pedagogical University. Series philosophy, law and political sciences» accepts scientific articles on topics corresponding to the journal's for publication profile. During preparing and submitting articles, authors should pay attention to the following:

1. Articles are submitted to the editorial board of the journal in electronic and printed form.
2. The article should be typed in the text editor WinWord (A4 format) in Times New Roman font, with margins of 2 cm, font size 14 and line spacing 1.0.
3. The optimal volume of the article jointly with the abstract and list of references is from 10 to 16 pages.
4. The UDC index is placed on the left side of the page at the beginning of the article.
5. Information about the author(s), the title of the article, the abstract text and keywords are given in 3 languages - Tajik, Russian and English.
6. The author's(s) surname, first name and patronymic (in full), academic title, academic degree, position, place of work and its address, e-mail and phone number are written on separate lines.
7. The abstract should contain 100-200 words and should outline the content of the article and the results of the research. The use of general phrases and insignificant details of the topic is not advisable.
8. Keywords, separated by commas, should contain 5-10 words and main phrases of the topic.
9. The text of the article must contain references to the used sources. The reference to the source is given after the quoted text with the indication of the serial number of the source and the page in square brackets, for example: [5, p. 24].
10. The list of references is given after the text of the article in alphabetical order in the form of a bibliographic list. The bibliographic list is drawn up in accordance with the requirements of GOST; it first lists literature in Cyrillic, then in Latin.
11. During describing a monograph, dictionary, abstract and other types of books in the list of references, it is necessary to indicate the place (city, publisher) and year of publication, the total number of pages, and for an article, abstract, chapter or section of a book, etc. - their pages.
12. The list of references should contain at least 10 scientific research sources, at least 30% of them should be scientific papers published in the country. The author's bibliography should not exceed 25% of the list of references in the article.
13. It is recommended to use research on the topic of the article, previously published in peer-reviewed scientific journals, especially in the journal «Herald of the Pedagogical University. Series philosophy, law and political sciences». Priority is given to articles that refer to research from recent years and authoritative sources.
14. Scientific articles with more than two co-authors (except for experimental research) will not be published in the journal.
15. Articles of postgraduate students, applicants and PhD students are accepted for publication on the recommendation of the scientific supervisor, and articles of master's students - in co-authorship with a candidate of sciences or doctor of sciences.
16. Articles previously published in other publications or submitted for publication are not accepted. The editorial board has the right to shorten or edit the scientific article.
17. The text of the submitted material is the final version, it must be proofread and free of errors. The author(s) is responsible for the accuracy of the facts, figures and content of the articles.
18. In case of non-observance of the above requirements, the editorial board of the journal has the right not to review such articles.

**ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия философия, право и политические науки
**№ 1(13)2024.**

**Издательский центр**
**Таджикского педагогического университета им. С.Айни**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник педагогического университета. Серия**
**философия, право и политические науки»:**
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121
Сайт журнала: http: // filosofiya.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-20-12, (+992 37) 224-13-83.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 19,6
Подписано в печать 30.03.2024. Заказ №66
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С.Айни
734025, г.Душанбе, ул.Рудаки 121.